ДОНИШГОХИ ТЕХНОЛОГИИ ТОЧИКИСТОН



# ҲУҶҶАТНИГОРӢ

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Кафедраи забони давлатӣ ва фанҳои гуманитарӣ

Н. Одинаев, П. Олимова, М. Турсунова, К. Нурова

# ҲУҶҶАТНИГОРӢ

(Дастури таълимӣ оид ба омӯзиши ҳуҷҷатҳои расмӣ)

(Воситаи таълимӣ аз фанни забони тоҷикӣ)

Дастури таълимӣ бо Қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати воситаи таълимӣ аз фанни забони тоҷикӣ барои донишҷӯён ба чоп тавсия шудааст.
(аз 08 феврали соли 2006 таҳти рақами 3/16)

Душанбе
«Ирфон»
2007

ББК 10.8+4
О-50
УДК-491.550

Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст.
Суратмаҷлиси № 4
аз 18 майи соли 2007

О-5 Одинаев Н., Олимова П., Турсунова М., Нурова К. Ҳуҷҷатнигорӣ (Дастури таълимӣ оид ба омӯзиши ҳуҷҷатҳои расмӣ). - Душанбе: Ирфон, 2007, 144 с.

Муқарризон:
Хокироев Р.Г. - номзади илмҳои филологӣ, дотсент.
Шарифов М.Ш. - номзади илмҳои филологӣ, дотсент.

Муҳаррир:
Хоҷаев Д.Х. - профессор, доктори илмҳои филологӣ.

Васоити таълимии мазкур бо таҳриру иловаҳои тоза чандин номгӯи ҳуҷҷатҳои расмиро ҳамчун намуна оварда, таснифи онҳоро аз рӯи аломатҳои монандӣ ва фарқият нишон дода шудааст. Ҳамчунин вобаста ба мазмун ва намудҳои ҳуҷҷатҳо машқҳо оварда шудааст, ки ин барои мустақилона иншо намудани ҳуҷҷат ба хонандаи соҳибзавқу бедордил кумак хоҳад намуд.

Дар ҷаласаи кафедраи забони давлатӣ ва фанҳои гуманитарӣ муҳокима гардида, ба чоп тавсия шудааст.

Суратмаҷлиси № 9 аз 13 апрели соли 2007

1403000000-080
--------------------------- 2005
М501 (12)-2005

ISBN 5-667-01384-4 ББК 10.8+4 © Нурова К., 2007.

# САРСУХАН

Забони форсӣ тоҷикӣ дар тӯли қарнҳо забони давлатии хонигариҳои туркнажод маҳсуб гардида, ҳамаи ҳуҷҷатҳо, санаду мактубҳо ва коргузорию дафтардории онҳо бо ин забон таҳия мегардид. Ҳамчунин бо ин забон дар давоми садсолаҳо ҳазорон асарҳои илмию адабӣ навишта шудаанд.

Халқи тоҷик баъди ҳазор сол, соли 1991 соҳиби давлати мустақил гардид, ки дар арсаи олам имрӯз Тоҷикистонро чун давлати соҳибихтиёр мешиносанд. Забони тоҷикӣ 22 июли соли 1989 бо қарори махсуси Шӯрои Олии ҶТ забони давлатӣ эълон гардид.

Бояд хотирнишон намуд, ки дар банде аз Қонуни забон омадааст: «Коргузории корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои воқеъ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла, ташкилотҳои ҷамъиятӣ) бо забони давлатӣ сурат мегирад». Аз ин рӯ, бояд ҳамаи муассисаю корхонаҳо коргузорӣ ва дафтардории худро бо забони давлатӣ ба роҳ монанд.

Нигориши санад (ҳуҷҷат) яке аз самтҳои фаъолияти фарҳангии ҷомеа буда, муносибати расмии аъзоёни он, корхонаву муассиса ва робитаи дипломатии байни давлатҳоро ифода менамояд.

Дар таърих тоҷикон аз зумраи мардумони таърихан соҳибхат мебошанд, ки суннати деринаи ҳуҷҷатнигории онҳоро дигарон эътироф намудаанд. Намунаи санадҳои мухталифи аз даврони бостон ба мерос монда, гувоҳи ин андеша мебошад. Дар баробари пешрафт ва инкишофи ҷомеа санаднигорӣ низ тадриҷан таҳаввул ва ташаккул ёфтааст, зеро ки он яке аз рукнҳои асосии давлату давлатдорӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ меваи нигориши санадҳо дар раванди қарнҳо рехтаву устувор гардидааст. Мувофиқи андешаи Абутуроб Розонӣ дар «На[illegible]рӣ» «...маъмулан ба сурати номанигорӣ, гузор[illegible]навис,

КИТОБХОНА
Технологического ун[illegible]
Таджикистан
ИНВ №

пайнавишт, паймоннома, бахшнома..., хулосанависӣ, пешнависӣ ба кор бурда мешуд».

Баъд аз Иқилоби Октябр ҷомеаи тоҷиконро амали нораво фаро гирифт, ки дар баробари ба қатл расонидани рӯшанфикрону зиёиён ҳамаи он китобу рисолаҳои нодире, ки бо хати арабиасос навишта шуда буданд, ба коми оташ фурӯ рафтанд. Акнун забони тоҷикӣ рӯ ба таназзул ниҳод ва ҷои истилоҳу вожаҳои тоҷикиро истилоҳу вожаҳои забони «ғайр» фаро гирифт. Ҷои таассуф аст, ҳатто забони тоҷикӣ аз коргузории давлатӣ ба лафзи хонагиву кӯчагӣ мубаддал гардид. Ин боиси он шуд, ки тоҷикон дар тӯли ҳафтод соли салтанати Ҳукумати Шӯравӣ аз балоғату салосати забони ноби модарии хеш фарсаххо дур мондаанд. Аз ин рӯ, беҳтарин расму русуми миллӣ ва анъанаи ниёгонамон дар ҳуҷҷатнигорӣ аз байн рафт.

Дар баробари қабули Қонуни забон ва ба он додани мақоми давлатӣ коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар кулли корхонаву идора, муассисаҳо ба забони давлатӣ ба роҳ монда шуда, давра ба давра меваи нигориши санадҳо тағйир ва такмил мeёбад. Имрӯз олимону мутахассисон роҷеъ ба нигориши ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ ба забони давлатӣ (тоҷикӣ) дастурҳо иншо намуда, намунаи ҳуҷҷатҳо ва санадҳои коргузориро пешниҳод мекунанд, ки ин марҳилаи навини санаднигорӣ ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки ҳуҷҷатнигорӣ услуб ва қоидаҳои хосе дорад. Риояи он услубу қоидаҳо барои ҳар як фарди ҷомеа зарур дониста мешавад. Бояд таъкид намуд, ки санад маъмулан кӯтоҳ ва мафҳум иншо мегардад. Ҳангоми иншои он аз суханони пуророиш, мубҳам ва бадеъ бояд дурӣ ҷуст. Дар санад мақсаду андеша бояд мушаххас ва дақиқу нишонрас баён гардад. Аз ин рӯ, «Ҳуҷҷатнигорӣ», ки аз ҷониби устодони кафедраи забони давлатӣ ва фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Одинаев Н., Олимова П.Н., Турсунова М. ва Нурова К. таҳия ва мураттиб гардидааст, баёнгари гуфтаҳои болост. Дар ин васоити таълимӣ чандин номгӯи ҳуҷҷатҳои расмӣ ҳамчун намуна оварда шуда, таснифи онҳо аз рӯи аломатҳои бештар умумии монандӣ ва фарқият дошта, нишон дода шудааст. Ҳамчунин вобаста ба мазмун ва хелҳои ҳуҷҷатҳо

машқҳо оварда шудааст, ки ин барои мустақил иншо намудани ҳуҷҷат ба хонандаи соҳибзавқу бедордил кӯмак хоҳад намуд.

Ин амали хайре, ки устодони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба субут расонидаанд, ҳамчун қатрае аз баҳр буда, шабоҳат ба хиштест, ки ба пояи бинои миллат гузошта мешавад. Ҳамчунин умед ба боварӣ аст, ки ин раванди ҳуҷҷатнигорӣ имконоти фаровони забони моро дар ин самт пайгирона нишон хоҳад дод.

Ризо Хокироев
**номзади илмҳои филологӣ, дотсенти**
**кафедраи хат ва матни форсию тоҷикӣ**
**Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон**

# АЗ МУРАТТИБОН

Таълим ва омӯзиши бахши ҳуҷҷатнигорӣ ба забони тоҷикӣ аз тақозои замони истиқлол ва талаботи татбиқи Қонуни забони давлатӣ мебошад. Зеро мутахассиси ояндаро зарурият пеш омадааст, ки ғайр аз соҳиби маълумоти олӣ гардидан, ҳамчунин ба забони модарӣ озодона фикри худро баён намуда, дар таҳияи асноди коргузорӣ ба хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ роҳ надиҳад. Аз ҳамин нуқтаи назар, мураттибони дастури мазкур ҳуҷҷатҳои расмии доираи истифодаашон васеъро интихоб намуда, қоидаҳои таҳияи онҳоро дар асоси дастурҳои дар ин равия таълиф гардида, ба машқу супоришҳо ба таври муфассал пешниҳод намудаанд. Муаллифон таҳлили матнҳоро аз адабиёти классикии форсу тоҷик, шарҳи абёти панду ахлоқӣ, тарҷумаи истилоҳоти ихтисос, маънидоди таъбироти душворфаҳм, ибороти фразеологӣ, истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар ҷумласозӣ, дар асоси саволҳои ситуатсионӣ тартиб додани ҳуҷҷатҳои расмиро бо мақсади бой намудани захираи луғавии донишҷӯён, дуруст аз худ намудани нозукиҳои забони тоҷикӣ, беғалат ифода намудани фикр, такмили нутқи шифоҳию хаттӣ овардаанд.

Дар замима намунаи истилоҳоти коргузорӣ ва луғатҳои соҳавӣ ба забони русӣ-тоҷикӣ, тарзи таҳияи корҳои илмии донишҷӯён оварда шудааст, ки ҳар як донишҷӯ метавонад, дар вақти иҷроиши корҳои мустақилона аз ин маводҳо истифода намояд. Ҳангоми таҳияи дастур маводҳои назариявию амалӣ аз китоби Ҳасани Ёрзод "Дастури санаднигорӣ" - Душанбе: Ирфон, 2001, "Асосҳои коргузорӣ" - Душанбе, 2002, Усмон Каримов "Забони тоҷикӣ" - Душанбе: Ирфон, 2001, Сайфиддин Назарзода "Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ" - Душанбе: Ирфон, 1993 ва ғайра мавриди истифода қарор гирифт, ки ба муаллифони номбурда изҳори сипос менамоем.

Мавриди муносиб медонем, ки ба муҳаррири нуқтасанҷ, профессор Д. Хоҷаев изҳори сипосу ихлосмандии худро нисбати маслиҳатҳои муфидашон баён намоем. Мураттибон бо мақсади дар оянда такмил додани дастури мазкур, ба фикру дархостҳои муттахассисон ниёз дошта, аз онҳо хоҳиш доранд, ки ҳама гуна пешниҳод ва эродҳоро бо суроғаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, кафедраи забони давлатӣ ва фанҳои гуманитарӣ ирсол намоянд.

# ДАРСИ 1

## ТАНЗИМИ ҲУҶҶАТҲОИ ХИЗМАТӢ

Дар фаъолияти идоракунӣ, ҳуҷҷат ҳамчун намуди меҳнат ва ҳамчун натиҷаи меҳнат хизмат мекунад.

Барои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо ба усулҳои кор бо онҳо, таснифи онҳо ғузаронида мешавад.

Таснифи ҳуҷҷатҳо - ин аз рӯи аломатҳои бештар умумии монандӣ ва фарқият дошта, ба синфҳо тақсим кардани ҳуҷҷатҳо мебошад. Аз рӯи тарзи иттилоотдиҳӣ ҳуҷҷатҳо ба ҳуҷҷатҳои хаттӣ, графикӣ, суратӣ ва овозӣ ҷудо мешаванд. Аз рӯи мазмун ҳуҷҷатҳо ба ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ, молиявию ҳисобӣ, таъминотию фурӯшӣ, ба ҳайати шахсӣ ва ғайра ҷудо мешаванд.

Аз рӯи номгӯи ҳуҷҷатҳо ба фармонҳо, низомномаҳо, суратмаҷлисҳо, фармоишҳо, дастурҳо, қоидаҳо, ойинномаҳо, ҳисоботҳо, актҳо, нақшаҳои корӣ, аризаҳо ва мактубҳо ҷудо мешаванд.

Ҳуҷҷатҳо ба хелҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо мешаванд.

**Дохилӣ** - ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки дар муассиса, барои ҳалли масъалаҳои дохилӣ офарида шудаанд ва аз муассиса берун намебароянд.

**Берунӣ** - мукотиботи воридотию содиротӣ мебошанд.

Аз рӯи таъйинот ҳуҷҷатҳо ба аслӣ ва нусхаҳо тақсим мешаванд.

**Аслӣ** - ҳуҷҷати аввалиест, ки иттилооти ибтидоӣ дорад.

**Нусха** - инъикоси аниқи маълумоти ҳуҷҷати аслӣ мебошад.

Дар гӯшаи рости болоии ҳуҷҷат калимаи ба тарзи лозимӣ тасдиқ карда шудаи «Нусха» навишта мешавад.

Аз рӯи мӯҳлати нигоҳдорӣ ҳуҷҷатҳоро ба се гурӯҳи асосӣ: мӯҳлати нигоҳдориашон доимӣ, мӯҳлати

нигоҳдориаш муваққатии зиёда аз 10 сол ва мӯҳлати нигоҳдориашон муваққатии то 10 сол тақсим мекунанд.

Ҳуҷҷат аз унсурҳои зерин иборат аст: номи ҳуҷҷат, муаллиф, нишонидор, сарлавҳа, матн, таърихи рӯз, имзо, пайнавишт.

## АРИЗА (ЗАЯВЛЕНИЕ)

Ариза санадест, ки дар он хабари расмӣ ё хоҳише баён мешавад. Вай аз тарафи як кас ё як чанд нафар ба унвони муассиса (созмон) ё мақоми расмӣ навишта мешавад.

Ариза аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

1. Унвони муассиса (созмон) ё вазифа, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии роҳбар.
2. Номи санад.
3. Матн.
4. Вазифа, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии муаллиф (дар мавридҳои лозим нишонии маҳалли зист зикр мешавад).
5. Имзои муаллиф.
6. Таърихи таълифи ариза.

Дар ариза ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии муаллиф бояд пурра навишта шавад. Аризаи ба кор даромадан ба унвони роҳбари муассиса (созмон) навишта мешавад. Дар аризаҳое, ки нависанда чун шаҳрванд ба унвони ягон мақом менависад, бояд ба ҷои вазифа нишонии маҳалли зисташро зикр намояд.

! Ҳамчунин сабаби навиштани ариза ва хоҳиши аризанавис бояд равшан ифода ёбад.

Ариза вобаста ба мазмуну мундариҷа чанд хел мешавад:

-аризаи ба кор қабул шудан;
-аризаи ба хизмати расмии сафарӣ рафтан;
-аризаи рухсатии меҳнатӣ;
-аризаи аз кор рафтан;
-аризаи ба нафақа баромадан;
-аризаи аз як вазифа ба вазифаи дигар гузаштан;
-аризаи шикоятӣ ва ғайра.

## Намунаи аризаи рухсатӣ:

Ба ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон проф. Катаев А.Ҳ.
аз номи донишҷӯи соли дуввуми гурӯҳи 071900-т
Фаридуни Мирзо

Ариза

Аз Шумо эҳтиромона, хоҳиш менамоям, ки аз сабаби дар шаҳри Душанбе манзили зист надоштанам, маро дар хобгоҳи донишгоҳ ҷой диҳед.

20.02.05 имзо Фаридуни Мирзо

! Эзоҳ: Дар аризаи гузаронидан ба кори дигар муаллиф бояд вазифаи ба ӯҳда доштаашро хотирнишон созад.

## Намунаи аризаи ба кор даромадан:

Ба раиси Китобхонаи миллии Фирдавсӣ
Шодмони Раҷаб
аз номи хатмкунандаи Донишкадаи ҳунарҳои зебои Тоҷикистон
Шарифов Аҳмадҷон

Ариза

Хоҳишмандам, маро ба вазифаи муҳаррири шӯъбаи илмию услубии китобдорӣ ба кор қабул намоед.

02.09.05 имзо Шарифов Аҳмадҷон

## Намунаи аризаи аз кор рафтан:

Ба директории мактаби №74
Рӯзиева Е.А.
аз номи муаллимаи мактаби мазкур
Назарова Мадина Саидовна

Ариза

Аз Шумо хоҳиш менамоям, ки аз сабаби бад будани вазъи саломатӣ маро аз вазифаи ишғолкардаам озод намоед.

таърихи рӯз имзо Назарова М.С.

**Машқи 1. Матни зеринро хонед ва вобаста ба мазмуни он матни аризаро тартиб диҳед.**

Пагоҳ - фардо.

- Мардак, ҳамин хонаи моро ҳам совхоз сохтааст?

- Ҳо, занак, ҳамаи хонаҳоро совхоз сохтагӣ.

- Магар намебинӣ, ҳамааш шиферпӯш.

- Мебинам, лекин фаҳмида наметавонам, ки чаро ба ҳама айвон пӯшонидаанду ба мо не.

- Гумон кардам, ки…

- Ту гумон накун! Онҳо рафта пурсидагистанд, ки ба мо айвон созед, сохта доданд. Мо ҳам муроҷиат кунем, не намегӯянд.

- Инту бошад, раведу гӯед, ки як айвонча созанд. О, айвон набошад, намешавад.

Ҳамон рӯз Давлат ҳангоми бозгашт аз кор ба идораи совхоз даромад. Дар идора ба ӯ гуфтанд, ки арзи даҳониро ба дело дӯхта намешавад, аз хотир мебарояд. Аризаатонро навишта биёред. Давлат аз сари шаб аризаро навишта монд:

«Пагоҳӣ дар роҳи кор ба идора даровaрда медиҳам…»

- Чашмам парида истодааст, - гуфт Давлат пагоҳӣ ба занаш. Чӣ хосият дошта бошад?

- Кадом чашматон?

- Чашми ростам.

- Паридани чашми рости мард фоли нек аст, - ҷавоб дод

зан.

- Пагоҳ - фардо соҳиби айвон мешавем. Тезтар аризаро барем.

(Ӯрун Кӯҳзод).

**Савол ва супориш:**

Матни аризаи Давлат аз рӯи мазмун ба кадом намуди аризаҳо дохил мешавад?

Фикрро давом диҳед: - гумон кардам, ки...

Ибора ва калимаҳое, ки дар вақти ариза навиштан ба кор меоянд, ҷудо намоед.

**Машқи 2. Луғати зеринро аз бар кунед.**

Шарҳи ҳол - автобиография
Дархост - заявка
Амвол - имущество
Теъдод - количество
Замима - приложение
Забонхат - расписка
Қарор - решение
Сабукдӯш - увольнение
Тасмим - решение
Узри бесабаб - без уважительная причина

**Машқи 3. Ғазалро ифоданок хонед ва онро байт ба байт маънидод кунед.**

Бархез то ниҳем сари худ ба пои дӯст,
Ҷонро фидо кунем, ки сад ҷон фидои дӯст.
Дар дӯстӣ мулоҳизаи маргу зист нест.
Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.
Ҳошо, ки ғайри дӯст кунад ҷо ба чашми ман,
Дидан наметавон дигареро ба ҷои дӯст.
Аз дӯст ҳар ҷафо, ки расад ҷои миннат аст,
Зеро ки нест ҳеҷ вафо чун ҷафои дӯст.

Бо дӯст ошно шуда бегонаам зи халқ,
То ошнои ман набувад ошнои дӯст.
Дар ҳалқаи сагони дараш меравам, ки боз
Аҳбоб сар зананд ба гирди сарои дӯст.
Дасти дуо кушод Ҳилолӣ ба ҳазратат,
Яъне ба даст нест маро ҷуз дуои дӯст.

(Бадриддин Ҳилолӣ)

**Савол ва супориш:**

1. Ғазал кадом мавзӯъро дар бар гирифтааст?
2. Луғат тартиб диҳед ва калимаҳои номафҳумро шарҳ диҳед.
3. Ибора ва калимаҳои ба маънои маҷозӣ омадаро ҷудо намуда, шарҳу эзоҳ диҳед.
4. Ғазали Ҳилолиро аз ёд кунед.

**Машқи 4. Бахшида ба иди Наврӯз гурӯҳи Шумо мехоҳад бо Шоири халқии Тоҷикистон Мӯъмин Қаноат вохӯрӣ барпо намояд. Даъватнома оид ба даъвати шоир ба Донишгоҳ чӣ гуна бояд навишта шавад?**

**Машқи 5. Шумо аз сабаби хуб надонистани забони русӣ ба гурӯҳи тоҷикӣ гузаштан мехоҳед. Матни аризаатон чӣ гуна навишта мешавад?**

*Даъватнома*

*Муҳтарам* ______________________

*Шуморо ба* ______________________

__________________________________

__________________________________.

*ки рӯзи* ____________ *соати* ____________

*дар* ______________________________

*барпо мегардад, даъват мекунем.*

*Бо эҳтиром,* ______________________.

# ДАРСИ 2

## ВАКОЛАТНОМА (ДОВЕРЕННОСТЬ)

Ваколатнома санадест, ки тавассути он муассиса ё шахсе ба касе ҳуқуқ медиҳад, ки кореро иҷро намояд. Ваколатнома ду навъ аст: ваколатномаи расмӣ (вақте ки муассиса ваколат медиҳад) ва ваколатномаи хусусӣ.

Ваколатномаи расмӣ санадест, ки дар асоси он муносибатҳои ташкиливу молиявии муассисаҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Ваколатномаи хусусӣ ё шахсӣ санадест, ки тавассути он муносибатҳои ташкиливу молиявии шахсони алоҳида ба роҳ монда мешавад.

Муддати эътибори ваколатнома метавонад кӯтоҳ ё дароз бошад. Агар муддати эътибори ваколатнома зикр нагардида бошад, он гоҳ вай баъди як сол эътиборашро гум мекунад.

Ваколатномаи хусусӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

1. Номи санад;
2. Ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии шахсе, ки ваколат медиҳад;
3. Ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии касе, ки ваколат мегирад;
4. Мазмуни ваколатнома;
5. Таърихи додани ваколатнома;
6. Имзои ваколатдиҳанда;
7. Вазифа ва имзои шахсе, ки ваколатномаро тасдиқ менамояд;
8. Мӯҳр.

Ваколатномаро метавон дар шакли дастнавис ва ё чопӣ таҳия намуд.

Намуна:

Ваколатнома

Ман, Қодири Иброҳими Исмоилзода, ба Шерапии Додарбеки Саидзода (шиносномаи 11-СЧ №513470) ваколат медиҳам, ки идрорпулии маро барои моҳи майи соли 2005 аз хазинаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бигирад.

1 июни 2005 имзо

Имзои Қодири Исмоилзода тасдиқ аст.

Декани факултаи ТИК имзо Юсупов М.Ч.
23.09.2004
мӯҳр

Ҷузъҳои асосии ваколатномаи расмӣ:

1. Номи пурраи муассиса ва суроғаи он;
2. Шумораи ваколатнома ва таърихи додани он;
3. Муддати эътибори ваколатнома;
4. Номи ҳуҷҷат;
5. Вазифа ва ному насаби ваколатгиранда;
6. Силсила ва шумораи шиносномаи ваколатгиранда;
7. Номи муассисае, ки дар он молу ашё дарёфт мешавад;
8. Номгӯй ва миқдори мол;
9. Имзои ваколатгиранда;
10. Имзои роҳбари муассиса ва сармуҳосиб, мӯҳри муассиса.

Ваколатномаи расмӣ як нусха таҳия мешавад ва бо пешниҳоди забонхат ба ваколатгиранда дода хоҳад шуд.

Ҳангоми аз рӯи ваколатнома гирифтани маблағ ва ё сарватҳои моддӣ пешниҳод намудани шиноснома ё ҳуҷҷати онро ивазкунанда ҳатмӣ мебошад.

Ваколатномаро метавон дар шакли дастнавис ё чопӣ таҳия намуд.

## ВАКОЛАТНОМАИ РАСМӢ

### Намуна:

Тоҷикматлубот
Маркази савдои вилояти Суғд
Суроғa ш. Fафуров, кӯчаи К. Хуҷандӣ 150,
Телефон: 6-89-03
Суратҳисоби № 0004609 дар Бонки саноатии ш. Хуҷанд
№ 8 20 апрели 2003
то 31 декабри с. 2003 эътибор дорад.

**Ваколатнома**

Ба сармояшинос Шоҳрух Одилпур (рақами шиносномааш...) ваколат дода мешавад, ки дар хусуси фиристодани молҳои мавриди ниёзи мардум барои соли 2004 бо Иттиҳодияи «Гулдаст» қарордод имзо намояд.

Имзо
Имзои Шоҳрух Одилпур тасдиқ аст.

Мудир имзо Сӯҳроби Каримзода
30.10.2003
мӯҳр

## ВАКОЛАТНОМАИ ШАХСӢ

### Намуна:

**Ваколатнома**

Ман, Исмоилов Абдуқодир Иброҳимович, ба Малахов Шодмон Раҷабович (рақами шиносномааш...) ваколат медиҳам, ки моҳонаи манро барои моҳи сентябри с. 2004 аз хазинаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бигирад.

Имзо
Имзои Исмоилов А. И тасдиқ аст.

Сармусоҳиби ДТТ имзо Саидов Ш.Д.
20.09.2004
мӯҳр

# ЗАБОНХАТ (РАСПИСКА)

Забонхат санадест, ки гирифтани (расидани) пул ё чизеро тасдиқ менамояд. Забонхат мустақилона таҳия мешавад.

Забонхат аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

1. Номи санад;
2. Ном, номи падарӣ, номи хонаводагӣ ва вазифа ё маҳалли зисти таълифкунандаи забонхат;
3. Маблағи пул ё номи чизи гирифташуда;
4. Таърихи таҳияи забонхат;
5. Имзои муаллифи забонхат.

Дар забонхат миқдори пули гирифташуда бо рақам ва бо ҳуруф дар қавс ифода мешавад. Ҳамчунин дар қавс онро бояд бо ҳуруф навишт. Дар ин санад ягон рақам ё калимаро кӯр кардан мумкин нест, чизе набояд ислоҳ ё пок шавад.

Забонхат дар як нусха таълиф меёбад.

Гоҳе дар забонхат номи шахсе, ки ҳангоми омодасозии он ҳузур дошт, зикр мегардад. Дар ин сурат он шахс санади номбурдаро бояд бо имзои худ тасдиқ намояд.

## Намунаи забонхат чунин аст:

**Забонхат**

Ман, Гулмаҳмади Давлатзода - мудири шуъбаи муолиҷаи омӯзишгоҳи тиббӣ аз мудири корпардозии омӯзишгоҳ Раҳмони Акмалзод компютери “Pentium-IV”-ро, ки нархаш 550 (панҷсаду панҷоҳ) сомонӣ мебошад, гирифтам.

16 август 2004 Имзо

Дар забонхат дар сурати зарурат муаллиф силсила ва шумораи шиносномаи худро бояд нависад.

Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА

## Намунаи забонхат барои гирифтани қарз аз муассиса:

**Забонхат**

Ман, Азими Шаҳбозиён - муҳандиси муассисаи қаннодии шаҳри Душанбе, аз ҳисобдори муассисаи мазкур 50 (панҷоҳ) сомонӣ қарз гирифтам. Шиносномаам таҳти силсилаи РС ва № 6845 48 мебошад.

20 июни 2005 имзо

**Машқи 1. Матнро хонед. Савол ва супориши матнро иҷро кунед.**

- Қурбон Қудратович, - гуфт Давлат, - ман аз фуқарои шумо чордаҳ сол аст, ки дар заводи пахта кор мекунам. Дар оилаам, чашм нарасад, ҳашт хӯрандаву пӯшанда дорам. Ба назди шумо илтимос карда омадам. Ба ман як айвонча сохта диҳед.

Давлат гапашро тамом карда аризаашро ба гӯшаи мизи директор монд. Директор аризаро гирифта чашм давонду ба ғалладони миз партофт.

- Хуб шудааст, Давлатро гусел кард вай, пагоҳ - фардо сохта медиҳем. Бепарво бошед, кору боратонро дида гардед.

(Ӯрун Кӯҳзод)

**Савол ва супориш:**

Барои пешравии кори Давлат, директор бояд чӣ кор мекард?

Ақидаи шумо оид ба ҷавоби директор, ки гуфт: «Пагоҳ фардо сохта медиҳем…».

Аз китоби Ӯрун Кӯҳзод «Як сару сад хаёл» ҳикояи «Пагоҳ - фардо»-ро хонда, бо чӣ анҷомидани кори Давлатро нақл кунед.

**Машқи 2. Зарбулмасалҳои зеринро шарҳу маънидод кунед:**

1. Наояд зи гуфтори бисёр суд.
2. Дӯст дар рӯзи бад шинохта мешавад.
3. Қудрати илмро заволе нест.
4. Умр бину зиндагӣ омӯз.
5. То нахонанд, нарав, то напурсанд, магӯ.
6. Ошнодорӣ беҳ аз пулдорӣ.
7. Некӣ куну ба дарё андоз.

**Машқи 3. Порчаи манзумро хонед, савол ва супориши онро иҷро кунед.**

...Агар бад кунӣ, чашми некӣ мадор,
Ки ҳаргиз наёрад газангур бор.
Напиндорам, эй дар хазон кишта ҷав,
Ки гандум ситонӣ ба вақти дарав.
Дарахти зақум ар ба ҷон парварӣ,
Мапиндор ҳаргиз, к-аз ӯ бар хӯрӣ.
Рутаб н-оварад чӯби харзаҳра бор,
Чу тухм афканӣ, бар ҳамон чашм дор...

(Саъдии Шерозӣ)

**Шарҳи луғат:**

Газангур - ангури худрӯй
Хазон - тирамоҳ
Зақум - як навъ дарахти заҳршира: дарахти талхмева
Рутаб - хурмо
Харзаҳра- дарахти баргазаҳр, ки баргаш ба барги бед монанд аст

**Ба савол ва супоришҳо посух диҳед:**

1. Ба байтҳои ин порча зарбулмасалҳои ҳаммазмунро ёфта, шарҳ диҳед.
2. Ифодаи «Бар ҳамон чашм дор»-ро маънидод кунед.
3. Аз порчаи додашуда калимаҳои аслӣ ва маҷозиро ҷудо намоед.

Супориш:

1.Забонхат чӣ гуна санад аст ва он чӣ тавр таҳия мешавад?
2.Забонхат аз кадом ҷузъҳо иборат аст?
3.Дар забонхат шумора (адад) ба кадом тарзҳо бояд навишта шавад?
4.Хусусиятҳои асосии забонхат ҳамчун ҳуҷҷат кадомҳоянд?

**Машқи 4. Матни аризаи донишҷӯе, ки баъд аз рухсатии академикӣ мехоҳад аз нав барқарор шавад, чӣ тавр навишта мешавад. (матни ариза).**

**Машқи 5. Барои гирифтани стипендия (идрорпулӣ)-и ҳамкурсатон ваколатнома нависед.**

**Машқи 6. Порчаи шеърриро қироат кунед.**

Ман аз бар мекунам рӯзе суруди обшоронро,
Забон мебахшам охир ман сукути кӯҳсоронро.
Ман охир рӯдҳоро раҳнамоӣ мекунам рӯзе,
Паёми об меорам ҷавори даштзоронро.
Ман охир турнаҳоро бо баҳори нав
муборакбод мегӯям
Ва аз ҳар хатти сабзи сабзаи навруста меҷӯям
Замони навхатиямро.
Ва аз ҳар навниҳоли гулбасар дархост месозам
Замони навқадиямро.
Ман охир корвони кӯҳҳоро бор мебандам,
Ба даргоҳи ҷавонӣ рӯй меорам.
Ба ҳаққи шири модарҳову ҳаққи
ҳусни духтарҳо
Ҷавониро ҷиҳози тӯй меорам.
Ҷавонии дигар меёбам аз дунёи рӯҳонӣ.

(Лоиқ)

## ТАСДИҚНОМА (СПРАВКА)

Тасдиқнома санадест, ки далелеро тасдиқ менамояд. Дар тасдиқнома овардани чунин ҷузъҳо зарур аст:

1. Номи муассисае, ки тасдиқномаро медиҳад;
2. Шумора ва таърихи додани тасдиқнома;
3. Унвони санад;
4. Ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии шахсе, ки ба он тасдиқнома дода мешавад;
5. Матн;
6. Унвони муассисае (созмоне), ки тасдиқнома ба он пешниҳод мегардад;
7. Имзои мақоми расмӣ;
8. Мӯҳр.

Тасдиқномаро метавон дар шакли дастнавис ё чопӣ таҳия намуд.

Тасдиқнома тибқи дастури мақоми болоӣ ё мақоми расмӣ дода мешавад. Дар матни он хулоса ё пешниҳод мавҷуд бошад, яъне дар он фақат матлаб зикр карда мешавадду бас.

**ТАСДИҚНОМА**

____________________ дар ____________________
(ном ва номи хонаводагӣ) (номи муассиса)
дар вазифаи ____________________ кор мекунад.

Маошаш ____________________ сомонӣ мебошад.

Тасдиқнома ба ________________ пешниҳод мегардад.
(номи муассиса)
Сардори шӯъбаи кадр ____________________ имзо
(ном ва номи хонаводагӣ)
мӯҳр

## Намуна:

Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№99 аз 6 апрели соли 2004

Тасдиқнома

Манижаи Усмоналӣ дар шӯъбаи илмию таҳқиқотии китобхонаи Фирдавсӣ ба сифати китобдор кор мекунад. Маошаш 210 сомонӣ аст.

Тасдиқнома ба Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе пешниҳод мешавад.

Раиси китобхона имзо Зуҳури Муҳаммадзода

Сарҳисобдор имзо Муслимаи Иброҳим

## Сохти тасдиқномаи расмӣ чунин аст:

____________________ дар ____________________
(ном ва номи хонаводагӣ) (номи муассиса)

дар вазифаи ____________________ кор мекунад.

Маошаш ____________________ сомонӣ мебошад.

Тасдиқнома ба ________________ пешниҳод мегардад.
(номи муассиса)

Сардори шӯъбаи кадр ____________________ имзо
(ном ва номи хонаводагӣ)

мӯҳр

# ТАВСИФНОМА

Тавсифнома ҳуҷҷатест, ки маъмурияти муассиса ё созмон ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои омӯзишӣ пешниҳод мекунад.

Дар он фаъолияти идорию иҷтимоӣ ва сифатҳои корию ахлоқии корманд баён карда мешавад.

Ҷузъҳои асосии тавсифнома:

1. Номи ҳуҷҷат;
2. Номи муассисае, ки ҳуҷҷатро додаст;
3. Ному насаби шахсе, ки ба вай тавсифнома дода мешавад;
4. Матн;
5. Таърих, имзо, мӯҳр.

Қисми аввали тавсифнома ному насаб, вазифа, унвон, унвони илмӣ, соли таваллуд, миллат, маълумотро оид ба шахс дар бар мегирад.

Қисми дуюм дар барои фаъолияти корӣ, ихтисос, муддати кор дар муассисаи мазкур, дараҷаи маҳоратги касбӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Қисми сеюм сифатҳои корӣ ва ахлоқию сиёсии корманд, муносибат ба кор, ширкат дар корҳои ҷамъиятӣ, муносибат бо ҳамкоронро дар бар гирифта, доштани мукофотҳо ва подошҳои дигари аз муассиса дарёфткарда низ дар ҳамин ҷо қайд карда мешаванд.

Қисми чорум хотимавӣ буда, дар он ҷои пешниҳоди тавсифнома, имзоҳои роҳбари муассиса, раиси иттифоқи касаба бо мӯҳр ва таърихи додани ҳуҷҷат зикр мегардад.

Тавсифнома ба дасти корманд дода мешавад ё бо иҷозати вай ба муассисае, ки онро хоҳиш кардааст, фиристода мешавад.

## Сохти дархости тавсифнома:

ДАРХОСТИ ТАВСИФНОМА ____________________

таъҷилан

Мудирияти муҳтарами

____________________

(номи муассисае, ки ба он муроҷиат мешавад)

Шуъбаи кадри ____________________ хоҳиш менамояд, ки тавсифномаи кории корманди собиқатон ____________________ро

(ном ва номи хонаводагӣ)

фиристед, инчунин дар бораи сабаби сабукдӯшии ӯ аз кор хабар диҳед. Номбурда ҳоло дар муассисаи мо ба сифати ____________________ кор мекунад.

(вазифа)

Аз сабаби муҳим будани масъала хоҳишмандем, ҷавоби дархостро таъхир нанамоед.

Тавсифномаро ба нишонии зер __________ фиристед.

____________________

(нишони муассисаи дархосткунанда)

Сардори шуъбаи кадр ____________________

____________________ имзо

(ном ва номи хонаводагӣ)

Сардори шуъбаи ____________________

____________________ имзо

(ном ва номи хонаводагӣ)

муҳр

Машқ 1. Матнро бодиққат хонед ва хулосаи худро баен намоед.

## Ҳикоят

Овардаанд, ки Нӯшервони одилро дар ишкоргоҳе сайде кабоб кардаднд ва намак набуд.

Ғуломе ба русто рафт, то намак орад, Нӯшервон гуфт: "Намак ба қимат биситон, то расме нашавад ва деҳ хароб нагардад". Гуфтанд: "Аз ин қадар чӣ халал ояд?". Гуфт: "Бунёди зулм дар ҷаҳон аввал андаке будааст, ҳар кӣ омад бар ӯ мазиде кард, то бад-ин ғоят расид".

Агар зи боғи раият малик хӯрад себе,
Бароваранд ғуломони ӯ дарахт аз бех.
Ба панҷ байза, ки султон ситам раво дорад,
Зананд лашкариёнаш ҳазор мурғ ба сех.

«Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ

**Савол ва супоришҳо:**

а) Лугатро аз бар кунед:
байза - тухми мурғ
биситон - ба пул харида гир
мазид - чизи иловагӣ
сех - сихи кабоб

б) Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:
1. Чаро Нӯшервонро одил гӯянд?
2. Аз рӯи ҳикояи зерин сифатҳои адолатмандии подшоҳро нишон диҳед.
3. Доир ба адолатмандии Нӯшервони одил иншо нависед.

Машқи 2. Аризаи донишҷӯ дар бораи дархости билети донишҷӯйи ба ивази гумшудааш бояд чӣ гуна бошад?

Машқи 3. Хонед. Хусусиятҳои услубии калимаҳои зидмаъноро шарҳ диҳед

1. Ин хаёлҳои талху ширин, ин гумонҳои неку бад ва ин васвасаҳои пурташвиш, ки ҳеҷ ошиқи шайдое аз худ дураш карда наметавонад. Одинаи бехонумонро, ки саргузашти махсусе дошт, лаҳзае ба ҳоли худ ором намегузошт.

(Садриддин Айнӣ)

2. Духтари ҳинди адолатхоҳ шуд,
Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.

(Мирзо Турсунзода)

3. Лек даврон буд бар акси мурод,
Дӯсти кам душмани беҳад зиёд.
Рӯзи мо шаб, субҳи мо чун шом буд,
Халқи мо саргаштаю гумроҳ буд

(Абдусалом Деҳотӣ)

Машқи 4. Шумо ҳамчун куратори гурӯҳ ба донишҷӯи курси 2 гурӯҳи 552800 Ашӯрова Салима тавсифнома нависед.

Машқи 5. Луғати зеринро аз бар кунед.

Мӯҳр - печать
Сармоя, хазина - фонд
Фармоиш - заказ

Сабт, номнависӣ - регистрация
Мумаизӣ - экспертиза
Идора, созмон - ведомство

**Машқи 6. Ғазали Бедилро қироат кунед.**

Зиндагӣ маҳруми такрор асту бас,
Чун шарар ин ҷилва як бор асту бас.
Нест офоқ аз дили сангин тиҳӣ,
Ҳар куҷо рафтем, кӯҳсор асту бас.
Чун ҳубоб аз шайхии зоҳид мапурс!
Ин сари бемағз дастор асту бас!
Эй сарат чун шуъла пурбоди ғурур!
Ин ки гардан мекашӣ, дор асту бас!
Гар баланду паст нафрӯшад тамиз,
Аз замин то чарх ҳамвор асту бас
Мабҳаси суду зиён дар хона нест
Шӯри ин савдо ба бозор асту бас
Ҷаҳли мо, Бедил, ба огоҳӣ насохт
Нур бар зулмат шаби тор асту бас.

**Савол ва супориш:**

1. Ғазал ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?
2. Калима ва ибораҳои душвори ғазалро шарҳ диҳед.
3. Ғазалро аз ёд кунед.

З.Ф

# ГУЗОРИШНОМА (ДОКЛАДНАЯ ЗАПИСКА)

Гузоришнома санадест, ки ба унвони роҳбари муассиса ё мақомоти боло навишта мешавад. Дар он ягон масъала муфассал баён мегардад. Ҳамчунин таҳиякунандаи гузориш метавонад дар он натиҷагирӣ ва пешниҳоде зикр намояд.

Агар гузоришнома мутааллиқ ба худи корхона бошад, он гоҳ метавон онро дар шакли дастнавис таълиф намуд. Дар ин навъ гузоришнома шумора зикр намешавад, хотирнишон сохтани таърих ва имзо кифоя аст.

Агар гузоришнома ба унвони мақомоти боло навишта шавад, он гоҳ вайро чоп намуд ва бояд роҳбари муассиса (созмон) имзо намояд. Дар ин навъ гузоришнома зикри таърихи таҳияи санад, шумораи судур ва унвони матн ногузир аст.

Ҷузъҳои асосии гузоришнома:

1. Номи муассисас (созмон), ки гузоришнома медиҳад;
2. Шумора ва таърихи таҳияи санад;
3. Вазифа, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии роҳбари мақоми боло;
4. Номи санад;
5. Унвони матн;
6. Матн;
7. Вазифа, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии таҳиягари санад;
8. Имзои таҳиягари санад.

Намуна:

Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе

№88 аз 06.08.2004

Ба мудири маорифи шаҳри Душанбе
Тоҳири Зарифзод

Гузоришнома
дар бораи иҷрои барномаи қабули
донишҷӯён

Ба огоҳии Шумо мерасонам, ки барномаи пазириши донишҷӯён, ки шуъбаи Маорифи шаҳр барои соли таҳсили 2005-2006 тасдиқ намуда буд, иҷро гардид.

Ба омӯзишгоҳ 250 нафар донишҷӯён пазируфта шуданд.

Дар ҷараёни пазириш муаллимони омӯзишгоҳ Шодмони Раҷаб ва Манижаи Усмоналӣ саҳми фаъол гирифтанд. Хоҳишмандам, дар сурати мавҷуд будани имкон масъалаи бо подош сарфароз намудани муаллимони номбурда, баррасӣ гардад.

Бо эҳтиром,
Мудири омӯзишгоҳ имзо Абдуқодири Иброҳим

Намуна:

Ба декани факултаи
муҳандисӣ-технологӣ
дотсент Ҳакимов Ғ.Қ.

**Гузоришнома**
**дар бораи ба охир расидани таҷрибаомӯзии техникии донишҷӯёни факултаи муҳандисӣ-технологӣ дар Корхонаи нассоҷии Тоҷикистон**

Ба огоҳии Шумо мерасонем, ки таҷрибаомӯзии техникӣ дар Корхонаи нассоҷии Тоҷикистон, ки 1 январи соли 2003 тасдиқ шуда буд, ба охир расид.

Ба таҷрибаомӯзии техникӣ 150 нафар донишҷӯёни факултаи муҳандисӣ-технологӣ иштирок карданд.

Дар ҷараёни таҷрибавии техникӣ Корхонаи нассоҷии Тоҷикистон Хушдилов Насим ва Абдуллоева Маҳина саҳми фаъол гирифтанд. Хоҳишмандам, дар сурати мавҷуд будани имкон, масъалаи бо подош сарфароз намудани техникони номбурда баррасӣ гардад.

Бо эҳтиром,
Сардори гурӯҳ имзо Пулатова М.О
28.02.03

**Машқи 1. Андарзҳои «Гулистон»-и Саъдиро хонда, маънидод кунед ва супоришҳои додашударо иҷро намоед.**

Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд кардани мол!

Оқилеро пурсиданд, ки некбахт кисту бадбахтӣ чист?
Гуфт: Некбахт он, ки хӯрду кишт ва бадбахт он, ки мурду ҳишт.

Макун намоз бар он ҳеҷ кас, ки ҳеҷ накард,
Ки умр дар сари таҳсили мол карду нахӯрд!

Ду кас ранҷи беҳуда бурданду саъйи бефоида карданд; яке он ки андӯхту нахӯрд ва дигар он ки омӯхту амал накард.

Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ!
На муҳаққиқ бувад, на донишманд,
Чорпое - бар ӯ китобе чанд!

Илм аз баҳри дин парвардан аст, на аз баҳри дунё хӯрдан.

Ҳар кӣ парҳезу илму зӯҳд фурӯхт,
Хирмане гирд карду пок бисӯхт.

Олими нопарҳезгор, кӯри машъалдор аст.

Бефоида ҳар кӣ умр дарбохт,
Чизе нахариду зар бибохт.

Мулк аз хирадмандон ҷамол ёбад ва дин аз парҳезкорон камол ёбад. Подшоҳон ба сӯҳбати хирадмандон аз он мӯҳтоҷтаранд, ки хирадмандон ба қурбати подшоҳон.

Панде агар бишнавӣ, эй подшоҳ,
Дар ҳама олам беҳ аз ин панд нест.
Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,
Гарчи амал кори хирадманд нест.

Аз «Гулистон»-и Саъдӣ

1. **Маънии калимоти зеринро фаромӯш накунед:**
Саъй - кӯшиш
Зӯҳд - парҳезкорӣ, тақво
Ҳишт - фурӯ гузошт, боқӣ гузошт
Қурбат - наздик шудан

**2. Бигӯед, ки дар андарзҳо ифодаҳои зерин кадом маъниҳоро дар бар доранд:**

- мол аз баҳри осоиши умр аст -
- некбахт он ки хӯрду кишт ва бадбахт он ки мурду ҳишт -
- яке он ки андӯхту нахӯрд ва дигар он ки омӯхту накард -
- мулк аз хирадмандон ҷамол ёбад ва дин аз парҳезгорон камол ёбад -

**3. Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:**

1. Дар андарзи якум калимаи «мол» ба кадом маъниҳо омадааст.
2. Ба фикри Шумо некбахт ва бадбахт боз кадом сифатҳо дорад.
3. Чаро олими боамалро Саъдӣ таъкидан муҳим донистааст.
4. Ба фикри Шумо Саъдӣ дар ин мисраҳо чаро кори хирадмандро зарур дониста:

Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,
Гарчи амал кори хирадманд нест.

**Машқи 2. Хусусиятҳои сермаъной, муродифӣ ва зидмаъноии порчаҳои шеърии додашударо муайян кунед.**

1. Некбахт он касе, ки доду бихӯрд
Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод.
(Рӯдакӣ)

2. Имрӯз, ки бозорат пурҷӯшу харидор аст
Дарёбу бинеҳ ганҷе аз мояи некӯӣ.
(Ҳофизи Шерозӣ)

3. Сӯҳбати мардон чу мардонат кунад
Нори хандон боғро хандон кунад.
(Румӣ)

4. Магӯ нохуш, ки посух нохуш ояд!
Ба кӯҳ овози хуш деҳ, го хуш ояд!
(Носири Хисрав)

5. Ҳар кӣ бошад туршрӯю талхгӯй
Дӯстон аз вай бигардонанд рӯй.

(Фаридаддини Аттор)

6. Роҳрав он нест гаҳе тунд, гаҳе хаста равад
Роҳрав он аст, ки оҳиставу пайваста равад.

(Саъдии Шерозӣ)

**Машқи 3. Тасодуфан Шумо китоби китобхонаи донишгоҳро гум кардед. Доир ба ин масъала баёнотро чӣ гуна менависед.**

**Машқи 4. Барои ба таҷрибаомӯзии хориҷӣ рафтан ба номи ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ариза нависед.**

**Машқи 5. Ба фикрҳои хирадмандонаи мутафаккири барҷастаи Фаронса диққат диҳед ва онҳоро аз бар кунед.**

1. Боварбахштарин шеваи фиреб хӯрдан, хешро аз ашхоси дигар айёртар шумурдан аст.

2. Ошкории хирад дар амали дигарон осон, вале дар амали хеш гарон аст.

3. Ҳавобаландӣ доимо озори хешро подош додаву чизе гум накарда ва ҳатто, замоне шӯҳратхоҳиро рад намуда.

4. Сарзаниши баъзе таҳсин аст, таҳсини бархе бадтар аз ғайбат.

5. Мо дигаронро сано мегӯем, то дигарон моро сано гӯянд.

(Ларошфуко)

# ДАРСИ 5

## ДАРХОСТ (ЗАЯВКА)

Дархост санадест, ки дар он ягон чизи мавриди ниёз, эҳтиёҷ (пул, мол ва ҳоказо) зикр мешавад. Вай ба унвони мақоми расмии муассиса (созмон) навишта мешавад.

Ҷузъҳои асосии дархост:

1. Вазифа, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии мақоми расмӣ;
2. Номи санад;
3. Матн;
4. Вазифа, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии дархосткунанда;
5. Имзои дархосткунанда;
6. Таърих.

### Намуна:

Ба мудири корпардозии Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе
Зиёи Субҳонзод

**Дархост**

Озмоишгоҳи зистшиносӣ ба 10 дона миз ва 20 дона курсӣ эҳтиёҷ дорад. Хоҳишмандам, онҳоро ба ихтиёри озмоишгоҳ қарор диҳед.

Бо эҳтиром,
мудири озмоишгоҳ имзо Амони Холзод
29.01.1997

## Намунаи дигар:

Ба мудири Шуъбаи маорифи
ноҳияи Зарафшон
Куруши Покнажод

Дархост

Ҷиҳатҳои ошноии донишомӯзон ба компютер ва омӯхтани он хоҳиш менамоям, ки лутфан 5-дона компютерро ба ихтиёри мактаби рақами 95 қарор диҳед.

Бо эҳтиром,
мудири мактаб имзо Баёни Раҳнавард
25.07.04.

## ТАВЗЕҲНОМА (ОБЪЯСНЕНИЕ)

Тавзеҳнома санадест, ки дар он корманди муассиса ё созмон сабаби иҷро нагардидани фармон, дастур ё риоя нашудани муқаррарот ва ё нодуруст иҷро шудани онро шарҳ медиҳад. Тавзеҳнома дар мавридҳои лозим ба гузориш, баровард ва дигар санадҳо чун замима оварда шудааст, бояд ягон нуқтаи санади асосӣ шарҳ дода шавад.

Ҷузъҳои асосии тавзеҳнома:

1. Номи муассиса, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии роҳбар;
2. Номи санад;
3. Матн;
4. Вазифа, ном, ва номи падарӣ ва номи хонаводагии муаллиф;
5. Имзо;
6. Таърихи таълифи санад.

## Намуна:

Ба декани факултаи
барномасозии Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон
Зарифов С.З.

**Тавзеҳнома**

Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки рӯзи 2 феврали соли 2005 соати 8:00 аз 20 нафар донишҷӯёни курси 2-юми гурӯҳи 220400тА ягон нафар ба машғулияти амалӣ аз фанни фалсафа ҳозир нашуд. Бинобар ин дарс баргузор нагардид.

Бо эҳтиром,
муаллими калони кафедраи
фанҳои гуманитарӣ имзо Одилов С.Ҳ.
3 феврали 2005

**Машқи 1. Ҳикоятро хонед ва мазмуни онро нависед. Ба савол ва супориши он посух диҳед.**

Мардумозореро ҳикоят кунанд, ки санге бар сари солеҳе зад. Дарвешро маҷоли интиқом набуд, сангро нигоҳ ҳамедошт, то замоне, ки маликро бар он лашкари хашм омад ӯ дар чоҳ кард. Дарвеш андар омаду санг дар сараш кӯфт.

Гуфто:

- Ту кистӣ ва маро ин санг чаро задӣ?

Гуфт:

- Ман фалонам ва ин ҳамон санг аст, ки дар фалон таърих бар сари ман задӣ.

Гуфт:

- Чандин рӯзгор куҷо будӣ?

Гуфт:

- Аз ҷоҳат меандешидам, акнун, ки дар чоҳат дидам, фурсат ғанимат донистам.

Носазоеро, ки бинӣ бахтиёр,
Оқилон таслим карданд ихтиёр.

Чун надорӣ нохуни дарранда тез,
Бо бадон он беҳ, ки кам гирӣ ситез!
Ҳар кӣ бо пӯлодбозу панҷа кард,
Сойиди симини худро ранҷа кард.
Бош то дасташ бубандад рӯзгор,
Пас ба коми дӯстон магзашт барор.

(Аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ)

**Шарҳи луғат:**

Солеҳ - одами накӯкор
Малик - подшоҳ
Лашкарӣ - сипоҳӣ, сарбоз
Чоҳ - бузургӣ, мартабаи ҳукмронӣ
Носазо - бадкирдор, бадахлоқ
Ситез - ҷангу хусумат кардан
Сойид - бозу
Симин - нуқрагин.
Чоҳ - зиндон

**Савол ва супориш:**

1. Дар муколама кадом аломатҳои китобагӣ истифода шудаанд?
2. Фалон кадом ҳиссаи нутқ аст ва муродифи онро ёбед.
3. Ҷоҳ аз чоҳ чӣ фарқ дорад?
4. Муродифи калимаи оқилон-ро ёбед.

**Машқи 2. Ҷумлаҳое нависед, ки дар таркиби онҳо ибораҳои фразеологӣ бошанд.**

Мисол: Дар ҳақиқат ҳам ҳусну ҷамоли Гулнор таъсирбахш буд: чашми сиёҳи оташбор, мижгони дарози ҷоншикор ва абрӯи каҷи дунболадори ӯ дили ҳар бинандаро аз ҷо мебурд. (С.Айнӣ)

**Машқи 3.** Порчаҳои шеъриро хонед ва ҳар банди онро маънидод кунед.

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.
(Рӯдакӣ)

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.
(Ҷомӣ)

Мардаке ғарқ буд дар Ҷайҳун,
Аз Самарқанд буд пиндорам.
Бонг мекарду зорӣ менамуд,
Ки: «Дареғо кулоҳу дасторам».
(Саъдӣ)

**Супориш:**

1. Аз порчаҳои шеърӣ, калимаҳоеро, ки пасванди -е доранд, ҷудо кунед ва муродифи ин калимаҳоро ёбед.
2. Аз калимаҳои нофаҳмо луғат тартиб диҳед ва онҳоро маънидод кунед.

**Машқи 4.** Шумо дар корхонаи қаннодии «Ширин» ба сифати муҳандиси технолог кор карда истодаед. Имрӯз аз кор дер мондед. Роҳбари корхона аз Шумо баёнот талаб мекунад.

**Машқи 5.** Нақшаи аризаи донишҷӯе, ки бо сабаби гузаштан аз як донишгоҳ ба дигар донишгоҳ навишта шудааст, оред.

## ДАРСИ 6

# ШАРҲИ ҲОЛ

Шарҳи ҳол санадест, ки шакли умумӣ надорад. Аммо дар он хотирнишон сохтани баъзе ҷузъҳо ногузир аст. Шарҳи ҳол дар шакли дастнавис таҳия мешавад. Тамоми хабар дар санади мазкур бояд ба тартиби замонӣ сабт гардид.

Дар шарҳи ҳол одатан ҷузъҳои зеринро бояд хотирнишон сохт:

- номи санад, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии муаллиф;
- таърих ва ҷойи таваллуд;
- шуғл;
- вазифа, ҷоизаҳо, ширкат дар умури иҷтимоӣ;
- маълумот дар бораи падару модар (ном, номи падарӣ ва номи хонаводагӣ, ҷойи кор);
- вазъи хонаводагӣ ва таркиби хонавода;
- нишонии ҷойи зист ва шумораи телефон;
- таърихи таҳияи санад;
- имзои шахсӣ.

**Шарҳи ҳол**

Ман, ______________________________
(ном, номи падарӣ ва номи хонаводагӣ)

______________________________
(таърих ва ҷойи таваллуд)

______________________________
(шуғл)

______________________________
(вазифа, ҷоизаҳо, ширкат дар умури иҷтимоӣ)

______________________________
(маълумот дар бораи падару модар)

______________________________
(вазъи хонаводагӣ ва таркиби хонавода)

______________________________
(нишонии ҷойи зист ва шумораи телефон)

«__»__________ _____ ________
(таърихи таҳияи санад) (имзо)

## Намуна:

### Шарҳи ҳол

Ман, Шарифи Юсуфзода, 31 ноябри соли 1965 дар шаҳри Душанбе дар хонаводаи коргар таваллуд шудаам. Соли 1983 таҳсилро дар мактаби миёнаи рақами 91 ба поён расонда, ба факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон шомил шудам. Аз соли 1984 то соли 1986 дар сафи Артиши Шӯравӣ хизмат намудам. Баъди адои хизмати низомӣ таҳсилро дар факултаи номбурдаи донишгоҳ идома додам ва онро соли 1990 хатм намудам. Аз моҳи сентябри соли 1990 то кунун дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ба сифати муаллими калони кафедраи забони арабӣ кор мекунам.

Дар умури иҷтимоии донишгоҳ саҳми фаъол мегирам ва узви кумитаи иттифоқи касаба мебошам.

Падарам - Саид Юсуфзода - нафақахӯр аст.
Модарам - Ҷамилаи Қурбондухт - нафақахӯр аст.
Ҳамсарам - Насибаи Саиддухти Раҳимзода соли таваллудаш 1968, дар Дармонгоҳи рақами 7-и шаҳри Душанбе ба сифати ҳамшираи шафқат кор мекунад.
Писарам - Ҷамшеди Шарифзода соли таваллудаш 1989.

Нишонии ҷойи зист: ноҳияи Сино, кӯчаи Раҳмон Набиев, 10, рақами телефон: 20-21-30

26 январи 1991 имзо

## Намуна:

### Шарҳи ҳол

Ман, Малоҳати Исматзода, 10 марти соли 1977 дар шаҳри Душанбе, дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудаам. Падарам: Бобоев Исмат - муҳандиси ширкати «Барқи тоҷик», модарам Бобоева Ғулсум - муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби №65, додарам Бобоев Нуралӣ - донишҷӯи курси 4-уми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон.

Ман соли 1994 синфи 10-уми мактаби миёнаи №65-и шаҳри Душанберо хатм намуда, ба Омӯзишгоҳи касбҳои техникии №5 дохил шудам ва онро соли 1997 бо ихтисоси котиба хатм намудам. Баъди омӯзишгоҳро хатм кардан ба Вазорати энергетикаи ҶТ ба вазифаи котиба барои кор фиристода шудам. Соли 1998 маро ба вазифаи котибаи калон гузарониданд ва аз соли 2000 то ҳоло мудири шӯъбаи дафтардорӣ шуда кор мекунам. Соли 2002 барои бомуваффақият иҷро намудани супоришҳо бо Ифтихорномаи Вазорати энергетикаи ҶТ мукофотонида шудаам.

Ба кори ҷамъиятӣ машғул мебошам, соли 2003 ҷонишини раиси кумитаи иттифоқи касаба интихоб гардидам, малакаи касбиамро доимо такмил медиҳам ва соли 2004 курсҳои такмили ихтисоси коркунони иттилоотиро бо баҳои аъло хатм намудам. Шавҳар дорам. Шавҳарам Аҳмадов Шавкат Аҳмадович, соли таваллудаш соли 1975, ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии биофизикаи растаниҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда кор мекунад.

Писарам, Аҳмадов Нуралӣ ба кӯдакистон меравад.

Суроға: кӯчаи Раҳимӣ 14, хонаи 20, телефон 24-23-20

20.02.04 имзо

**Машқи 1. Ҳикоятро хонед ва фикратонро баён кунед.**

Ду бародар (буданд): яке хидмати султон кардӣ ва дигар ба зӯри бозу нон хӯрдӣ. Боре тавонгар гуфт дарвешро, ки «чаро хидмат накунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ»

Гуфт:

- Ту чаро кор накунӣ, то аз мазаллати хидмат раҳоӣ ёбӣ, ки хирадмандон гуфтаанд: «Нони худ хӯрдану нишастан беҳ, ки камари заррин ба хидмат бастан».

Ба даст оҳани тафта кардан хамир,
Беҳ аз даст бар сина пеши амир.
Умри гаронмоя дар ин сарф шуд,
То чӣ хӯрам сайфу чӣ пӯшам шито?
Эй шиками хира, ба ноне бисоз,
То накуни пушт ба хидмат дуто!

**Аз «Гулистон» - Саъдии Шерозӣ**

**Шарҳи луғат**

мазаллат - хорӣ
тафта - гудохташуда, сӯзон
гаронмоя - азиз, қиматбаҳо
сайф - тобистон
шито - зимистон
хира - бешарм, саркаш
бисоз - қаноат кун

**Ба саволҳо ва супоришҳо посух диҳед:**

1. Ибораҳои зеринро шарҳ диҳед :
   Ба зури бозу -
   Машаққати кор кардан -
   Мазаллати хидмат -
2. Ҷумлаи охирро маънидод кунед.

**Машқи 2. Аризаи хатмкунандаи донишгоҳ дар бораи дохилшавӣ ба аспирантура бояд чӣ гуна бошад?**

Машқи 3. Чистонро бодиққат хонда, ҷавобашро хаттӣ нависед. Муайян кунед, ки Ҷаъфар ба чанд маъно омадааст? Чистонро аз ёд кунед.

Ҷаъфаре дидам, ки бар ҷаъфар нишаст,
Ҷаъфаре мехӯрду аз ҷаъфар гузашт.

Машқи 4. Пандро ифоданок хонда, онро аз ёд ва тафсир кунед. Калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед:

Он чӣ пурмағз аст, чун мушк аст пок,
В-он чӣ пӯсидааст, набвад ғайри хок.
Он чӣ бомаънист, худ пайдо шавад,
В-он чӣ бемаънист, худ расво шавад.
Рав, ба маънӣ кӯш, эй суратпараст,
З-он, ки маънӣ бар тани сурат пар аст
(Мавлавӣ)

Ба саволҳо ва супоришҳо посух диҳед:

Калимаи пурмағзро шарҳ диҳед.
«Суратпараст» аз «сурат пар аст» чӣ фарқ дорад?
Набвад боз кадом шакли навиштро дорад ва ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб аст?

Машқи 5. Дар бораи аҳамияти меҳнат дар ҳаёти инсон нақл навишта ба тариқи ҷамъбаст зарбулмасали «Кишт, ки кардӣ оқибат медаравӣ»-ро кор фармоед.

(унвони муассиса (созмон) ё вазифа,
ном номи падарӣ ва номи хонаводагии роҳбар)
(вазифа, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии муаллиф
(дар мавридҳои лозим нишонии маҳалли зист))

АРИЗА

(матн)

(таърихи таълифи ариза) (имзои муаллиф) (ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии муаллиф)

## ФАРМОН

Фармон санадест, ки роҳбари идораи давлатӣ ё шуъбаи он барои ҳалли вазифаҳои муҳим ва фаврие, ки дар баробари ин мақом қарор дорад, содир менамояд.

Фармонҳо ду хеланд:

Барои фаъолияти муассиса (созмон).

Барои кормандон.

Фармон барои фаъолияти муассиса ба хотири созмондиҳии кор, мураттаб намудани фаъолияти муассиса ё ягон воҳиди (шуъбаи) он содир мешавад. Ин гуна фармон ҳамчунин барои огоҳии кормандон, расондани дастурҳои мақомоти болоӣ содир мегардад. Дар ин гуна фармон иқдомоти (чорабинии) мушаххас дар назар гирифта, шахсони масъули иқдомот ва муддати иҷрои он таъйин мешавад.

Фармон барои кормандон ҳангоми ба кор қабул кардан, аз кор озод намудан, ба рухсатӣ рафтан, инчунин ҳангоми мукофот ё танбеҳ додан ба коргар содир мешаванд.

Баъзе фармонҳо меъёрӣ ва баъзеи онҳо шахсӣ (инфиродӣ) мебошанд.

Фармонҳои меъёрӣ умумианд, дар онҳо на корманди мушаххас, балки кулли кормандон дар назаранд. Масалан, фармони тасдиқӣ муқаррароти (қоидаи) тартиби кори муассиса, фармони меъёрӣ ҳисоб меёбад. Аммо фармони подош додан ба кормандони алоҳида фармони шахсӣ (инфиродӣ) ном дорад.

Ҷузъҳои асосии фармон:

Номи муассиса;

Таърих;

Номи санад (ҳуҷҷат);

Унвони матн;

Матн;

Вазифа ва ному насаби содиркунандаи фармон;

Имзо.

Матни фармон аз ду бахш иборат аст: бахши шарҳ ва бахши фармон. Дар бахши шарҳ мақсад ва сабаби содир гардидани фармон баён шуда, бахши фармон бо таркиби «Фармон медиҳам» оғоз меёбад. Ин бахши фармонро ба бандҳо ҷудо кардан мумкин аст ва дар банди охир номи шахси масъули иҷрои фармонро бояд зикр кард. Онро чунин навиштан лозим: «Назорат барои иҷрои фармон ба ӯҳдаи (вазифа, ному насаби шахси масъул) гузошта шавад».

Унвони матни фармоне, ки барои фаъолияти кормандон навишта мешавад, бояд чунин шавад: «Дар бораи ба кор қабул намудан», «Дар бораи рухсатӣ», «Дар бораи подош», «Дар бораи ба кори дигар гузаштан» ва ғайра.

Банди хотимавии фармон барои фаъолияти кормандон ба феълҳои «таъйин шавад», «озод карда шавад», «гузаронида шавад» ва ғайра хотима меёбад.

(Намунаҳои фармон доир ба фаъолияти корхона ва кормандон).

## БЕРУННАВИСИ ФАРМОН

Беруннавис аз фармон ин нусхаи қисми ҳуҷҷати аслӣ, яъне фармон мебошад.

Ҷузъҳои беруннависи фармон аз ҷузъҳои фармон тақрибан тафовут надорад, аммо вайро дар сурати зарурате омода мекунанд. Ин нусха бояд тасдиқ шуда бошад.

Ҷузъҳои асосии беруннависи фармон:

1. Номи муассиса;
2. Номи ҳуҷҷат;
3. Таърихи рӯз ва шумора;
4. Унвони матн;
5. Матн;
6. Имзо;
7. Қайд дар бораи тасдиқ намудан.

Намуна:

ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН

ФАРМОН

«01» декабри с.2002 №142-ш ш. Душанбе

Исоев Темур аз 10 декабри соли 2002 ба шуъбаи кадрҳои ДТТ бо муҳлати 3 моҳаи санҷишӣ ба вазифаи ҷонишини сардор (бо маоши мувофиқи ҷадвали штатӣ), таъйин карда шавад.

Ректор имзо ному насаб

Намуна:

ФАРМОН

КОРХОНАИ НАССОҶИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

05.03.2003 ш. Душанбе

Барои кори бенуқсон, ба даст овардани муваффақиятҳо ва ба муносибати иди 8 март.

**Фармон медиҳам:**

1. Ҳамаи занони корхона ба маблағи 90 (навад) сомонӣ мукофотонида шаванд.
2. Мукофотпулӣ аз ҳисоби фонди захиравии корхона пардохта шавад.

Сарвари корхона имзо Давлатов С.

## АМР (РАСПОРЯЖЕНИЕ)

Амр санади ҳуқуқиест, ки барои ҳалли масъалаҳои фаврӣ дода мешавад. Амрро метавонанд муовинони роҳбари муассиса (созмон), муовинони сармуҳандис ҳамчунин роҳбарони воҳидҳои (шуъбаҳои) муассиса содир намоянд. Тибқи қоида муддати эътибори амр маҳдуд аст. Зиёда аз ин вай танҳо дар бархе аз кормандон нуфуз дошта метавонаду

бас. Матни амр аз матни фармон тафовут надорад. Танҳо дар бахши дуввуми матн (бахши амр) ба ҷои "Фармон медиҳам" таркиби "Амр медиҳам" ба кор бурда мешавад.

## Намуна:

ИТТИҲОДИЯИ "ГУЛДАСТ"

№99 аз 15 майи соли 1989

**АМР**

Дар барои такмили ихтисоси коргарон.

Ба сабаби аз байн рафтани кори дастӣ ва такмили ҳунари гулдӯзӣ.

Амр медиҳам:

1. Аз таърихи 22 майи соли 1989 курсҳои махсуси гулдӯзӣ таъсис шавад.
2. Мудири корхонаи таълимӣ Нурияи Ҳамидиёни Даврон барномаи 60-соатаи дарси курсҳои мазкурро омода созад.
3. Дарсҳо ҳамарӯза баргузор шаванд.
4. Гулдӯзӣ шӯъбаи дуюм Собираи Рауфзода омӯзгор таъйин шавад.
5. Назорат ба иҷрои ин дастур ба ӯҳдаи сармуҳандиси иттиҳодия гузошта шавад.

Мудири
иттиҳодияи «Гулдаст» имзо Кароматиi Шарифзода

**Машқи 1. Матнро бодиққат хонед ва калимаҳои**

Дузде ба хонаи подшоҳе нақб зад ва ҷавоҳири гаронбаҳо бардошт. Назараш ба резае афтод, ки мисли алмос медурахшид. Дузд дар он шаби тор онро гавҳари шабчироғ тасаввур карда ҷиҳати имтиҳон бар даҳон гузошт. Маълум шуд, ки намак аст. Филҳол молро ҳамон ҷо бигзошт ва бо як

биниву ду гӯш роҳи хонаро гирифт.

Субҳ хизоначиён омаданд ва ба ҳузури подшоҳ зоҳир карданд, ки дар хизона дуздон омада буданд ва молу ҷавоҳир бардошта, аммо бозгузорида тиҳидаст рафтаанд. Подшоҳро аҷаб омад ва гуфт:

- То мунодӣ доданд, ҳар кӣ дузд бошад, ҳозир ояд ва боиси набурдани чунин моли гаронбаҳо изҳор кунад, ӯро ҷонбахшӣ ва авфи ҷурм ҳосил хоҳад шуд.

Дузд ба ҳукми ҳиммате, ки дошт ба ҳузури подшоҳ омад ва гуфт:

- Ман дуздӣ карда будам. Пурсиданд, ки чаро набурдӣ?

Гуфт:

- Намаки шоҳро чашидам, ҳайф бошад, боз дуздӣ кунам ва ҳаққи намак ба ҷо наёрам, ки намак хӯрдан ва боз хиёнат кардан кори хасисон аст. Подшоҳ ӯро хилъат бахшид ва рухсат намуд.

**(Аз китоби «Ҳикояҳои латиф»)**

**Матнро аз рӯи супоришоти зерин таҳлил намоед:**

1. Калимоти зерро маънидод кунед:
   Нақб, гавҳари шабчироғ, филҳол, хизона, ҷавоҳир, тиҳидаст, мунодӣ, ҷурм.
2. Ифодаҳои зерин ба кадом маъно корбаст шудаанд:
   Бар даҳон гузошган, бо як биниву ду гӯш роҳи хонаро гирифт, ба ҳузури подшоҳ зоҳир карданд, авфу ҷурм ҳосил хоҳад шуд.
3. Ҷумлаи ба назари шумо мутаассирро ҷудо намуда, маънидод намоед.
4. Ҷумлаи зеринро аз ҷиҳати маъно таҳлил намоед ва онро шарҳ диҳед.
   Намаки шоҳро чашида, ҳайф бошад, боз дуздӣ кунам ва ҳаққи намак ба ҷо наёрам, ки намак хӯрдан ва боз хиёнат кардан кори хасисон аст.
5. Дар боби намак ва пос доштани намаки мардумон зарбулмасалу мақолҳо ва панду андарзҳо оред. Мисол:

   Чу ноне хӯрдаи хонро маяндоз,<br>
   Намак хӯрдӣ намакдонро маяндоз.

   Намак дар комҳо ширинтар аз шаҳду шакар гардад,<br>
   Ҷигарҳо хун шавад, го як писар мисли падар гардад.

Машқи 2. Истилоҳоти зеринро аз ёд намоед.

Фармон - приказ
Рухсатӣ - отпуск
Подош - премия
Пеша - профессия
Санад, ҳуҷҷат - документ
Сафари хизматӣ - командировка
Содир кардан - издавать (приказ)
Таърих - дата, число
Танбеҳ, огоҳӣ - предупреждение, выговор

Машқи 3. Шумо сардори комбинати қаннодии «Ширин» мебошед. Барои кори пурсамар ва иҷрои барзиёди нақшаи солона ба корманд Раҷабова Раъно барои ба подошпулӣ сарфароз намудан фармон нависед.

Машқи 4. Шумо ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошед. Барои ҷашнгирии 15-солагии Донишгоҳ фармон содир намоед.

Машқи 5. Ҳикматҳои зеринро ба мавзӯъҳо ҷудо намуда, аз бар кунед.

1. Сухане дошта бош дилпазир, ё дошта бош суханпазир.
2. Ғараз аз баҳс ва қилуқол чиз фаҳмидан нест, ғараз зӯрозмоӣ аст.
3. Барои дуруст фикр кардан бояд аввал дилро аз кинаю бадӣ пок кард.
4. Бо ақл зиндагӣ кунему бо дил хуш бошем.
5. Ишқ оташ аст, агар набошад, хона сарду торик аст, аммо агар беҷо афтод, хонаву хонумонро месӯзад.
6. Лаёқат дар кори бад айни белаёқатӣ аст.

Аз «Ҳазор сухан»- и Муҳаммад Ҳиҷозӣ

# ДАРСИ 8

## НОМАҲОИ РАСМӢ

Дар робитаи миёни муассисаҳо, созмонҳо ва мақомоти гуногун номаҳои расмӣ нақши хеле муҳим мебозанд.

Номаҳои расмӣ аз лиҳози мазмун ва вазифа чанд навъ мешаванд: номаҳои ташаббусӣ, номаҳои ҷавобӣ, пайвастнома, бахшнома ва ҳоказо.

Ҷузъҳои асосии номаҳои расмӣ:

1. Номи вазорат ё кумита
2. Номи муассиса (созмон)
3. Номи бахш ё шуъбаи муассиса (созмон)
4. Нишонӣ
5. Таърих
6. Шумора
7. Номи гирандаи санад
8. Матн
9. Ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии муаллиф
10. Имзо

## НОМАИ ТАШАББУСӢ (ТАШАББУСНОМА)

Номаи ташаббусӣ номаест, ки як муассиса (созмон) ба муассиса ё созмони дигар барои дарёфти тавзеҳот, дастуруламал, ахбори иловагӣ ё мавод (мол) муроҷиат менамояд.

Намуна:

КУМИТАИ ТАЪМИНОТИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.
МАРКАЗИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРӢ
7340002, шаҳри Душанбе, кӯчаи Набиев, 37
Телефон: 23-48-43; Сарҳисобдор: 23-47-45
Суратҳисоби 0005001, Шӯъбаи Бонки сохтмону саноати
ноҳияи Синои шаҳри Душанбе
03.01.2005, №34 ҷавоб ба номаи №____

Ба раиси ширкати "Ҳосилот"
Рашидов А. Б

Мӯҳтарам Абдулло Баҳромович!

Аз Шумо эҳтиромона, хоҳиш менамоям, ки 10 тонна себро ба ихтиёри Маркази ҳисоби ҷумҳурӣ вогузоред, то ба кормандони ин муассиса ба фурӯш расонида шавад.

Бо эҳтиром,
мудир имзо Раҷаби Сафарзод

## НОМАИ ҶАВОБӢ (ПОСУХНОМА)

Номаи ҷавобӣ (посухнома) ҷавобест, ки ба дархости мақомоти муассисаи дигар навишта мешавад.

Намуна:

ШИРКАТИ "Ҳосилот"
734043, шаҳри Душанбе, кӯчаи Чортеппа, 44.
Телефон: 36-98-71; Ҳисобдор: 35-83-70
Суратҳисоб 000 461969 Шӯъбаи Бонки Саҳомию тиҷоратии зироату саноати Тоҷикистон №56 ҷавоб ба номаи № 45

Ба мудири Маркази
хисоби ҷумҳурӣ
Раҷаби Сафарзод

Тибқи хоҳишатон барои фурӯш ба кормандон 10 тонна себро ба ихтиёри Маркази ҳисоби ҷумҳурӣ мегузорем.

Раиси ширкати "Ҳосилот" имзо Рашидов А.Б.

# ПАЙВАСТНОМА

Пайвастнома хабарест, ки ба мақомоти марбута ҳамроҳи санадҳо фиристода мешавад.

## Намуна:

Консерни саноати маҳаллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Иттиҳодияи "Гулдаст"
734017, шаҳри Душанбе кӯч. Гагарин, 19,
Телефон: 24-25-26
21.01.1992 №6

Мӯҳтарам маъмурияти консерни саноати маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои зерин ба Шумо пешниҳод гардидаанд:

1. Гузорише дар бораи таъмини буҷети сармоягузорӣ
2. Гузорише дар бораи иҷрои барномаи сармоягузорӣ (солона)
3. Гузорише дар бораи иҷрои барномаи сохтмони хобгоҳ (солона)
4. Гузорише дар хусуси қимати корҳои сохтмонӣ ва монтаж (солона)

Мудири кулли иттиҳодия (ном) имзо
Сарҳисобдор (ном) имзо

**Машқи 1. Матнро хонед ва хулосаатонро нависед.**

Нобиное дар шаби торик чароғе дар даст ва сабаде бар дум дар роҳе мерафт. Фузуле ба ӯ расида гуфт:

- Эй нодон, рӯзу шаб пеши ту яксон аст ва равшанию торикӣ дар чашми ту баробар. Ин чароғро фоида чист?

Нобино бихандид, ки:

- Ин чароғ на аз баҳри худ аст, аз барои чун ту кӯрдилони бехирад аст, то ба ман паҳлӯ назананду сабӯи маро нашикананд.

Ҳоли нодонро зи нодон беҳ намедонад касе,
Гарчи дар дониш фузун аз Абуалӣ Сино бувад.
Таъии нобино мазан, эй дам, зи биной зада,
З-он ки нобино ба кори хештан бино бувад.
(Ҷомӣ)

**Ба савол ва супоришҳо посух диҳед:**

1. Бигӯед, калимаи нобино дар ин матн кадом ҳиссаи нутқ аст?
2. Порчаи шеърии додашударо маънидод карда аз ёд кунед.
3. Ҷуфтҳои калимаҳои зидмаъноро муайян карда, шарҳ диҳед.
4. Калимаҳои сино, нодон, яксон-ро аз матни додашуда гирифта маънидод кунед.

**Шарҳи луғат:**

сабӯ - кӯзаи сафолӣ, ки дар он об ё шароб гиранд.
фузул - он ки кори беҷо кунад, касе, ки дар кори дигарон мудохила кунад.
кӯрдил - киноя аз нодону ҷоҳил.

**Машқи 2. Қитъаи зеринро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл кунед ва нависед.**

Дар шеър се тан паямбаронанд,
Ҳарчанд, ки «ло набию баъдӣ».
Авсофу қасидаву ғазалро,
Фирдавсию Анварию Саъдӣ.

**Машқи 3. Ибораҳои фразеологиро маънидод кунед**

1. Абрешим барин мулоим шудан - стать мягким как шёлк, уступчивым
2. Абрӯ ба ҳам кашидан - сводить брови
3. Азми худро шинохтан - отказаться от своего решения
4. Айбро ба гардани касе бор кардан - свалить вину на

другого человека
5. Ақлро бохтан - сходить с ума, терять рассудок
6. Амри маъруф - заповедь, завет
7. Амри муҳол - невозможно
8. Панҷ ангуштро якбора ба даҳон меандозад - все пять пальцев кладёт сразу в рот
9. Бо араҷи ҷабин ёфтан - добиваться упорным трудом.

**Машқи 4. Рубоиҳои Ҷалолиддини Румиро аз бар кунед.**

Чун сурати дил дар дили мо боз ояд,
Мискин дили гумшуда ба ҷо боз ояд.
Гар умр гузашту як нафас беш намонд,
Чун ӯ бирасад, гузаштаҳо боз ояд.

Гар дар сару чашм ақл дориву басар,
Бифрӯш забонрову сар аз теғ бихар.
Моҳӣ тамаъ аз забони гӯё бибурид,
З-он менабуранд аз тани моҳӣ сар.

Эй ҷону ҷаҳон, ҷону ҷаҳон бандаи ту,
Ширин шуда олам зи шакархандаи ту.
Сад қарн гузашту осмон низ надид,
Дар гардиши рӯзгор монандаи ту.

Не бо ту нишастанам даме сомон аст,
Не бе ту даме зистанам имкон аст.
Андеша дар ин воқеа саргардон аст,
Ин воқеа нест, дарди бедармон аст.

**Машқи 5. Барои гирифтани маводҳои таълимӣ ба номи проректор оид ба корҳои хоҷагии донишгоҳ дархост нависед.**

**Машқи 6. Дар бораи рӯзгор ва осори яке аз олимони намоёни соҳаи барномасозӣ маълумот диҳед.**

## СУРАТМАҶЛИС (ПРОТОКОЛ)

Суратмаҷлис санадест, ки дар он ҷараёни баррасии масъала ва қарори маҷлис, машварат ва конфронси мақомоти марбута зикр мегардад.

Дар суратмаҷлис (протокол) ҳамчунин фаъолияти мақомоти таҳқиқӣ (тафтишӣ), бозпурсии маъмурӣ ва мақомоти ҳифзи тартиботи умумӣ сабт мешавад.

Навиштани суратмаҷлис яке аз вазифаҳои муҳими котиб мебошад. Вайро котибони расмӣ ё котибоне, ки дар ҷараёни масъала, машварат, конфронс ва фаъолияти мақомоти марбута интихоб мешаванд, менависанд. Котиб ва раиси мақоми марбут барои дурустии сабти ахбор масъул мебошанд.

Аз лиҳози комилии инъикоси ҷараёни маҷлис суратмаҷлис мухтасар ва муфассал мешавад. Дар суратмаҷлиси мухтасар танҳо дастури рӯз (рӯзнома), номи хонаводагии суханронон, мавзӯи мавриди баррасӣ ва қарор оварда мешаваду бас. Ин гуна суратмаҷлис дар бораи чигунагии ҷараёни ҷаласа ё машварат ва фаъолияти муассиса ахбори комил намедиҳад. Биноан суратмаҷлиси муфассалро бартар шумурдаанд. Суратмаҷлиси мухтасар ҳангоми баргузории ҷаласа ё машваратҳои фаврӣ навишта мешавад. Ин гуна суратмаҷлис инчунин замоне таҳия мешавад, ки ҷараёни ҷаласа, машварат ё конфронс тавассути тунднависӣ ё дастгоҳи сабт навишта шавад.

Суратмаҷлис бояд дурусту дақиқ таҳия гардад. Дар он тамоми ҷузъҳои зарур бояд зикр гарданд. Тазаккури теъдоди ширкаткунандагони маҷлис, машварат ё конфронс дар суратмаҷлис аҳамияти ҳуқуқӣ дорад, чаро ки маҳз дар сурати расидани маҷлис ба ҳадди нисоб (кворум) ширкаткунандагон метавонанд қарор қабул намоянд.

Ҷузъҳои асосии суратмаҷлис:

1. Номи муассиса;
2. Номи санад;
3. Таърихи маҷлис (машварат, конфронс);
4. Шумораи суратмаҷлис;
5. Маҳалли маҷлис;
6. Мӯҳри тасдиқ (дар сурати зарурат);
7. Унвон (номи мақоми марбут ё унвони маҷлис);
8. Матн (бахши муқаддамоти таркиби ширкаткунандагон, дастури рӯз);
9. Матни суханронии нотиқон ва қарори маҷлис;
10. Ном ва номи хонаводагии раису котиб;
11. Имзои раису котиб.

## БЕРУННАВИСИ СУРАТМАҶЛИС (ВЫПИСКА ИЗ ПРОТОКОЛА)

Беруннависи суратмаҷлис барои ошноии мақомоти расмӣ ва ё созмонҳои поёнӣ бо қарори маҷлис таҳия мешавад. Вайро дар сурати зарурат омода мекунанд. Беруннависи суратмаҷлис бояд тасдиқ шавад.

Ҷузъҳои беруннависи суратмаҷлис:

1. Номи муассиса;
2. Номи санад;
3. Шумора;
4. Таърихи ҷаласа;
5. Маҳалли таҳияи суратмаҷлис;
6. Унвони матн;
7. Матн (рӯзнома, матн ва қарор);
8. Имзо;
9. Аломати тасдиқи беруннавис.

Дар беруннависи суратмаҷлис танҳо ҳамон бахши матн ва савобдиди суратмаҷлис зикр мешавад, ки ба мақомот ё корманди муассиса (созмон) лозим аст.

## Намуна:

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

БЕРУННАВИСИ СУРАТМАҶЛИС

№1 аз 4 марти 2004
шаҳри Душанбе

Ҷаласаи Иттифоқи касабаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Рӯзнома:**

1. Баргузории ҷашни «Наврӯз»
2. Суханронии раиси иттифоқи касабаи донишгоҳ Ҳалимаи Бадриддинзода.

Ҳалимаи Бадриддинзод иброз намуд, ки дар маҷлиси Иттифоқи касаба масъалаи баргузории ҷашни "Наврӯз" ба таърихи 21 март мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ба хотири созмон додани ҷашни мазкур иттифоқи касаба аз маъмурият тақозо намуд, ки 1500 сомонӣ ҷудо намоед. Номбурда дар охири суханрониаш хоҳиш кард, ки ин масъалаи мазкур дар маҷлиси ҳозираи Иттифоқи касаба мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Ойишаи Абдураҳмон, Сарвинози Мирбобо ва Ҳадисаи Қодирзод перомуни ин мавзӯъ изҳори назар намуданд.

**Маҷлис қарор кард:**

Барои баргузор намудани ҷашни "Наврӯз" 1500 сомонӣ ҷудо карда шавад.

Раиси иттифоқи касаба
Кимиёи Фарҳоди Мансурзода — Имзо

Котиб
Макнунаи Муҳаммадӣ — Имзо

Масъули шӯъбаи кадр
Мадинаи Собирӣ — Имзо

# ТАРЗИ НИГОРИШИ ҚАРОРИ МАҶЛИС

Суратмаҷлис ҳуҷҷатест, ки дар он ҷараёни баррасии масъала ва қарори маҷлис, машварат конфронси мақоми марбута зикр мегардад.

Навиштани суратмаҷлис яке аз вазифаҳои муҳими котиб мебошад. Аз ҷиҳати комилии интиқоли ҷараёни маҷлис суратмаҷлис мухтасар мешавад. Дар суратмаҷлиси мухтасар танҳо дастури рӯз, ному насаби суханронон, мавзӯи мавриди баррасӣ ва қарор оварда мешаваду бас.

Суратмаҷлис бояд ахбори дурусту аниқро дар бар гирад.

**Машқи 1. Ҳикоятро бихонед ва мазмуни онро нависед.**

Дар замони Баҳроми Гӯр ҳакиме буд, ки дар фазлу ҳикмат ягона буд ва дар ҳунару дониш ангуштнамой. Чун борҳо аҳволи ӯ ба Баҳром гуфтанд, Баҳром ӯро бихонд ва аз анвои улум имтиҳон кард. Ва чун дар ҳама ҷавоб савоб дод, Баҳром бо худ гуфт: «Вазорат ба вай тафвиз кунам, аммо бош, мо ӯро дар ҳиммату адаб биёзмоем».

Пас, ӯро бо худ дар хон нишонд ва ҳамкоса гардонид ва мурғе бирён карда, дар пеши вай ниҳод.

Ҳаким мургро пора кард ва ба шараҳе тамом бихӯрд ва дигарро ҳамчунон ба кор бурд.

Баҳром гуфт: «Ин мард ҳиммат надорад, дар пеши ман мурғ чунин мехӯрад, дар ғайбати ман чӣ гуна хӯрад?!».

Пас, ӯро ташриф дод ва бозгардонид ва бад-ин тарки адаб ва дунҳимматӣ аз вазорат маҳрум монд.

(Муҳаммад Авфӣ)

**Луғат:**

Ангуштнамо - машҳур, шӯҳратёфта
Анвоъ - ҷамъи навъ
Улум - ҷамъи илм
Тафвиз - ба ӯҳдаи касе гузоштан, супурдан
Ҳиммат - ирода, азм, ҷаҳду кӯшиш
Шараҳ - ҳарисӣ, ҳирс

Ташриф додан - ҷома бахшидан, бузург гардонидан
Дунҳимматӣ - пастҳимматӣ, фурӯмоягӣ

**Савол ва супориш:**

1. Ибораи ҷавоби савоб чӣ маъно дорад?
2. Магар одамро мехонанд? Шарҳ диҳед ва ҷумлае гӯед, ки дар он хондан истифода шуда бошад.

**Машқи 2. Истилоҳоти зерини соҳаи санаднигориро аз ёд кунед.**

Маҷлис - собрание
Ҳуҷҷат, санад - документ
Коргузорӣ - делопроизводство
Чорабинӣ - мероприятия
Рӯйхат - список
Суратмаҷлис - протокол
Шарҳи ҳол - автобиография
Ваколатнома - доверенность
Дахлу харҷ - доход и расход
Гузоришнома - докладная записка
Ҳадди нисоб - кворум

**Машқи 3. Порчаи шеъриро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл кунед. Калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед, ки ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд?**

Фарзона сухансарои Бағдод,
Аз сирри сухан чунин хабар дод.
К-он шефтаи расанбурида,
Девонаи моҳи нав надида.
Маҷнуни ҷигаркабоб гашта,
Деҳқони деҳи харобгашта.
Мегашт ба ҳар басил чоҳе,
Мунис на ба ҷуз дарсғу оҳе.

(Низомии Ганҷавӣ)

**Шарҳи луғат:**

Фарзона - ҳаким, донишманд.
Расанбурида - зулфбурида.
Басил - қасду ирода, омадагӣ.

**Ба саволҳо ва супоришҳо посух диҳед.**

1. Гӯед, ки ин порча аз кадом достони Низомист?
2. Маънои луғавии калимаи «сир»-ро ёбед.
3. Ибораи «деҳи харобгашта»-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 4. Чанд моҳ боз корхона маоши коргарро намедиҳад, ниҳоят коргар мехоҳад, ки ариза навишта аз кор равад. Вай аризаашро чи гуна менависад.**

**Машқи 5. Баёноти донишҷӯе, ки тирезаи даҳлези донишгоҳро шикастааст ва ваъда додаст, ки ҳаққи арзиши онро пардохт мекунад.**

**Машқи 6. Ғазалро қироат кунед.**

Эй дил оҳанги далерон на ту дориву на ман,
Зӯри сарпанҷаи шерон на ту дориву на ман
Оина дар кафи дилдор чу дидам, гуфтам
Тоби хуршеди дурахшон на ту дориву на ман
Дигаре нола басаст, ин ҳама ҳангома макун
Бозуи силсилаҷунбон на ту дориву на ман
Ашк ифшогари ман кард аён рози дилам
Баъд аз ин қиссаи пинҳон на ту дориву на ман.
Эй маҳи ҳамсафарам зинда чу дур аз ватанам
Ба худо мурдани осон на ту дориву на ман
Эй шаби тира ба рӯзи мани саргашта маханд
Бахти он зулфи парешон на ту дориву на ман
Дӯш бо хомаи ман табъи сухандон мегуфт
Дигар он мастиву ҷавлон на ту дориву на ман

(Халилуллоҳи Халил)

**Супориш:**

Калимаҳои душвори ғазалро аз "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ёфта, шарҳ диҳед.

# ҚАРОРДОД (ДОГОВОР)

Қарордод санадест, ки дар он мувофиқаи тарафҳои манфиатдор дар бораи барқарор намудани муносибате сабт мегардад.

Қарордод миёни давлатҳо, корхонаҳо, созмонҳои иҷтимоӣ, муассисот ва шаҳрвандон баста мешавад.

Қарордодро дар чанд нусха (2-4) таҳия мекунанд. Вайро ашхоси босалоҳият имзо менамояд ва бо мӯҳри муассисоти марбут тасдиқ мегардад.

Матни қарордодро метавон ба бахшҳои асосӣ ва фаръӣ (ғайриасосӣ), бандҳои асосӣ ва фаръӣ ва сарсатрҳо қисмат кард.

Ҳар бахши қарордод бояд шуморагузорӣ шавад.

Ҷузъҳои асосии қарордод чунинанд:

1. Номи санад;
2. Таърих;
3. Шумора (шохис);
4. Маҳалли таҳияи қарордод;
5. Унвони матн;
6. Матн;
7. Бахши хулоса (номи тарафҳои мувофиқакунанда, вазифа, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии ашхосе, ки қарордодро имзо мекунанд. Бояд салоҳияти онҳо низ зикр гардад);
8. Мавзӯи қарордод;
9. Шеваи (тарзи) ҳалли масъалаҳои баҳсангез;
10. Муддати эътибори қарордод;
11. Имзо ва мӯҳри тарафҳои мувофиқакунанда.

# Намуна:

## Қарордоди масъулияти моддии фардӣ

Тибқи Дастурамали масъулияти моддии коргарон ва кормандон қарордоди хаттӣ роҷеъ ба масъулияти моддӣ миёни корхонаҳо, муассисот ва созмонҳо, ҳамчунин шахсони аз 18-сола боло, баста мешавад (агар вазифа ё корашон бевосита ба ҳифз, таҳия, фурӯш, таҳвил, ҳамлу нақл ё истифодаи мол вобаста бошад ва ин вазифаю корҳо дар феҳристи махсусе, ки тибқи тартиби муқаррар тасдиқ шудааст, дар назар гирифта шуда бошад).

Барои таъмини ҳифзи амволи ____________________
(номи муассиса, корхона, созмон)
дар миёни вай ба намояндагии____________________

____________________
(сардор ё муовини сардори корхона, муассиса, созмон)
ки дар ин қарордод "маъмурият" номида мешавад ва

корманди ____________________
(коргоҳ, шӯъба, бахш, анбор)
____________________

ки дар ин қарордод "корманд" номида мешавад, қарордод

таҳти шароити зайл баста мешавад:

1. Корманд вазифаи ____________________
(номи вазифа)
ба ӯҳда дорад ё кори ______________ро иҷро менамояд.

Фаъолияти кории вай дар муассиса ба ______________

____________________ марбут аст.
(ҳифз, таҳия, фуруш, таҳвил)
Номбурда ба амволе, ки корхона ба дӯшаш гузоштааст,

комилан масъул мебошад. Бинобар ин вазифадор аст:

а) Ба сарватҳои моддии корхона, муассиса, созмон, ки ҳифз ва вазифаҳои дигар ба зиммааш гузошта шудааст, бархурди сарфаҷӯёна намояд ва барои аз

зарар пешгирӣ намудани ин амвол тадбирҳои амалӣ меандешад.

б) Роҷеъ ба тамоми ҳолатҳое, ки таъмини ҳифзи сарватҳои мавҷуд дар ихтиёрашро ба хатар меандозанд, ба маъмурияти корхона, муассиса, созмон сари вақт хабар диҳад.

в) Сарватҳои моддиеро, ки ба зиммааш гузоштаанд, ба ҳисоб гирад, дар бораи дахлу харҷ ва бақияи онҳо мутобиқи қоидаи маъмул гузориш таҳия намояд.

г) Вақти ҳисобрасии сарватҳое, ки дар ихтиёраш мебошанд, ширкат намояд.

2. Маъмурият вазифадор аст:

а) Ба корманд тамоми шароити зарурии корро фароҳам оварда, ҳифзи пурраи сарватҳои моддиеро, ки ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд, таъмин намояд.

б) Кормандро бо қонунҳои мавҷудаи масъулияти моддии коргарону кормандон, ҳамчунин бо дастурамалҳо, меъёрҳо, қоидаҳои ҳифз, қабул, таҳия, тиҷорат, интиқол, ҳамлу нақли амволе, ки ба ихтиёраш супурда шудааст, шинос намояд.

в) Тибқи қоидаҳои маъмул сабти амволро анҷом диҳад.

3. Дар сурате, ки корманд ҳифзи сарватҳои моддиеро, ки дар ихтиёраш ҳастанд, таъмин карда наметавонад, товони зарарӣ ба корхона, муассиса, созмон расида, тибқи қонуни мавҷуда аз вай ситонида мешавад.
Ин қарордод то вақте ки сарватҳои моддии корхона, муассиса, созмон ба зиммаи корманд қарор дорад, эътибор дорад.

4. Дар сурате, ки корманд сабабгори зарар набошад, масъулияти моддиро ба ӯҳда нахоҳад дошт.

5. Қарордод дар ду нусха таҳия гардидааст. Нусхаи аввал назди маъмурият ва нусхаи дуввум назди корманд аст.

Нишонии тарафайн: имзои тарафайн:

Маъмурият_______________ Маъмурият_______________
Корманд _______________ Корманд_______________
Таърихи бастани қарордод
Муҳр

Намуна:

## ҚАРОРДОДИ МЕҲНАТӢ

« 3 » 05 с 2004 № 99 ш. Душанбе

Корхона (ташкилот) Муассисаи «ДИЛОРОМ»
(ном)
дар шахси директор Лутфияи Вафои Рахмонӣ
(вазифа, фамилия, ном, номи падар)
ки минбаъд «Корхона» номида мешавад ва

Фирӯзаи Саидзода
(фамилия, ном, номи падар)
ки минбаъд «Корманд» номида мешавад, қарордоди

мазкур дар ин бора имзо намуданд:

1. Корманд Фирӯзаи Саидзода
(фамилия, ном, номи падар)
ба кор ба сехи дӯзандагӣ
(номи шуъбаи структура)
аз рӯи вазифаи дӯзандаи либоси миллӣ
(номи пурраи ихтисос, вазифа)
бо (ихтисоси) разряди 2
(дараҷаи ихтисос, разряд)
қабул карда мешавад.

2. Қарордод ба ҳисоб меравад:
шартномаи кори асосӣ
шартномаи кори иловагӣ

3. Намуди қародод:
Ба муддати номуайян (бемӯҳлат)
Ба муддати муайян аз 10.05.с.2004 то 10.05.2005

(сабаби имзо намудани қарордоди таъҷилӣ)
ба муддати иҷрои кори муайян

(кадом кор)

4. Мӯҳлати эътибори қарордод:
оғози кор аз 10.05.с.2004
анҷоми кор то 10.05.2005

5. Мӯҳлати иҷро намудан:

а) бе санҷиш

б) ______________________________

(давомнокии мӯҳлати санҷиш)

6. Корманд бояд вазифаҳои зеринро иҷро намояд:

Кабули матои поракардашуда барои дӯхтан, часпонидани кисмҳои

(тавсифҳои асосии кор ва талабот

либос, баровардани накшҳои гуногун ба пеши курта

нисбати сатҳи иҷрои онҳо нишон дода мешавад)

7. Корхона вазифадор аст, ки Кормандро бо кор таъмин намояд, барои меҳнати бехавф ва самаранок шароит фароҳам орад, ҷои кориро мувофиқи қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ҷиҳозонад, музди меҳнати дар қарордод муқаррар шударо дар вақташ диҳад

______________________________

(чорабиниҳои мушаххаси ташкили раванди истеҳсолот,

______________________________

ҷиҳозонидани ҷои корӣ ва фароҳам овардани

______________________________

шароитҳои дигари меҳнат нишон дода мешаванд)

8. Ӯҳдадории Корхона оиди таъмин намудани шароитҳои кор дар ҷои корӣ рӯзҳои иловагӣ

______________________________

(бо нишон додани тавсифҳои имконпазир,

бо рухсатии меҳнатӣ

______________________________

ҷубронпулиҳо ва имтиёзҳо ба корманд)

9. Хусусиятҳои низоми вақти корӣ:

рӯзи кории нопурра 8 соат

ҳафтаи кории нопурра 5 рӯз

кори соатбайъ 8 соат

10. Ба корманд маош аз рӯи вазифа муқаррар карда мешавад. (ставкаи тарифӣ) 20 сомонӣ ва ё барои 1соат кор; муздҳои иловагӣ (иловапулӣ ва муздҳои дигар) ҷамъ

ҷубронпулӣ 30 сомонӣ дар як моҳ

11. Ба корманд рухсатии ҳарсола, ки давомнокиаш рухсати асосӣ 24 рӯзҳои тақвимӣ мебошад, рухсати иловагӣ нест, рӯзҳои тақвимӣ бошад, муқаррар карда мешавад.

1. Шартҳои дигари қарордод, ки бо хусусияти меҳнат вобастаанд

2. Суроғаҳои ҳуқуқӣ ва имзои тарафҳои:

| «Корхона» | «Корманд» |
|---|---|
| директори муассисаи «Дилором» Лутфияи Вафои Раҳмонӣ | Фирӯзаи Саидзода |

АN°0681413
(маълумоти шиноснома)

Имзо ва мӯҳр Имзои Саидзода-ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо Наимов П.

**Машқи 1. Ҳикояро хонед ва мақсади онро шарҳ диҳед. Дар мавзӯи «Адаб ҳусни инсон» иншое таълиф кунед.**

Оварданд, ки вақте Ҳорунаррашид хобе дида буд, ки дандонҳои ӯ рехта буд ва аз даҳон берун афтода. Аз муъаббире пурсид:

Гуфт: «Зиндагии амиралмӯъминин дароз бод, ки ақрабои ту бимиранд». Ҳорун бағоят биранҷид ва бифармуд, ки ӯро сад чӯб бизананд ва муъаббири дигар ҳозир оваранд ва аз вай пурсид.

Ӯ гуфт: «Далел кунад, ки амиралмӯъмининро умр дароз хоҳад буд ва дар давлат ва хилофат беш аз ақрабо зиндагӣ ёбад».

Ҳорунаррашид хушдил шуд, гуфт: «Ҳамон чиз ҳақ аст, ки ӯ гуфт, валекин ин адаб нигоҳ дошт. Ва ба иборае хуб гуфт»:

Пас, бифармуд, то ӯро сад динор бидоданд ва агарчи

таъбири ҳар ду дар се як буд, аммо чун яке сухан беадабона гуфт, хуб адаб хӯрд.

(Муҳаммад Авфӣ)

**Шарҳи луғат:**

Ҳорунаррашид - панҷумин Халифаи аббосӣ.

Муъаббир - таъбиркунандаи хоб.

Амиралмӯъминин - лақабе, ки ба халифаю подшоҳони Шарқи исломӣ дода шудааст.

Ақрабо - наздикон, хешовандон.

Хилофат - ба ҷои касе пас аз вай нишастан, ҷонишини халифа.

**Ба саволҳо ва супоришҳо ҷавоб диҳед:**

1. Дар калимаҳои биранҷид ва бифармуд пешванди би- чӣ вазифа дорад?
2. Ҷумлаи охирро маънидод кунед?
3. Адаб чӣ аҳамият дорад?

**Машқи 2. Байтҳоро ифоданок хонед, кадоме аз онҳо мазмуни зарбулмасалҳоро доранд, шарҳу эзоҳ диҳед.**

Ба ҳар дили инсон суханат балки писанд аст,
Чу кӯҳи Бадахшон сарам аз шавқ баланд аст.
(Мирзо Турсунзода)

Аз мукофоти амал ғофил машав,
Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

Зи анбӯҳи мардум дар он анҷуман,
Набуд лек як ҷои сӯзан задан.
(С. Айнӣ)

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад
Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад.
(Мавлавӣ)

Агар марди некӣ, ба кас бад магӯй
Бипарҳез аз ҳосили айбҷӯй
(Саъдии Шерозӣ)

Кассеро марди оқил дӯст хонад,
Ки ӯ дар неку бад бо дӯст монад.

(Носири Хисрав)

Машқи 3. Муродифҳоро ҷудо кунед ва ба кадом услуб мансуб будани онҳоро муайян намоед.

Бача, кӯдак, тифл, кампир, пиразан, аҷуза, кӯча, хиёбон, кӯй, маза, лаззат, таъм, найранг, макр, тазвир, хила, миёнбанд, қамарбанд, фута, қалам, хома, килк, кӯр, нобино, қорӣ.

Машқи 4. Қоидаи имлоро ба хотир оред ва бо истифода аз ин калимаҳо ибора созед.

| | |
|---|---|
| Ихтироъ | низоъ |
| Шамъ | навъ |
| Манбаъ | байъ |
| Мавзӯъ | ҷамъ |
| Мавқеъ | шуҷоъ |

Машқи 5. Ба Донишгоҳи шумо аз кишвари Амрико донишҷӯе ба таҷрибаомӯзӣ омадааст. Бо ин донишҷӯ Шумо барои рӯзномаи Донишгоҳ мусоҳиба ташкил намоед ва хабаре пешниҳод намоед.

Машқи 6. Ҳамчун директори корхонаи хусусӣ бо корхонае, ки бо Шумо ҳамкорӣ кардан мехоҳад, шартномаи меҳнатӣ бандед.

# ТАЪЙИДНОМА (АКТ)

Таъйиднома санадест, ки ҳодиса ё амали воқеъшударо тасдиқ менамояд.

Ин санадро ба хотири ба таври айнӣ сабт намудани воқеа ё амал чанд кас таҳия ва имзо менамоянд. Аммо намояндаи махсуси босалоҳият (масалан бозрас) метавонад ба танҳоӣ онро таҳия намояд.

Таъйиднома ҳангоми бозрасии масъалаҳои мухталиф озмоиши маҳсулоти нав ва ихтироот, қабули таъсисот (биноҳо) барои баҳрабардорӣ, аз байн бурдани санадҳо ва ҳоказо тартиб дода мешавад.

Дар таъйиднома натанҳо фаъолияти муассиса (созмон) сабт мегардад, балки дар мавридҳои лозим хулоса ва пешниҳодот низ зикр мешавад. Баъди таҳияи вай комиссия (ё шахси таҳиякунанда) мақомоти манфиатдорро бо мазмуни он ошно менамояд.

Шумораи нусхаҳои таъйиднома тибқи зарурат хоҳад буд.

Маъмурияти муассиса (созмон) метавонад бар асоси таъйиднома дастур ё фармон содир намояд.

Ҷузъҳои асосии таъйиднома инҳоянд:

1. Номи санад;
2. Маҳалли таҳияи санад;
3. Таърихи таҳияи санад;
4. Вазифа, ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии таҳиякунандаи санад;
5. Матн;
6. Пешниҳодот (дар мавридҳои лозимӣ);
7. Имзои раиси комиссия ва аъзои вай.

Намуна:

ТАЪЙИДНОМАИ
бозрасии хазинаи китобхонаи Лоҳутӣ

шаҳри Душанбе 26 январи 2004

Дар асоси фармони мудири китобхона, ки таҳти №55 ба таърихи 25 январи соли 2004 содир ғардидааст, комиссия иборат аз сарҳисобдорон Салиев Далер ва аъзо ҳисобдорон Бобокалонова Фарида ва Ҳалимаи Ашурдухт хазинаи китобхонаи Лоҳутиро бозрасӣ намуд. Бозрасӣ дар ҳузури хазинадори китобхона Саидаи Саидзод сурат гирифт.

Дар натиҷаи бозрасӣ маълум гардид:

1. Бақияи пули нақд дар хазина 23 сомону 50 дирам мебошад.
2. Бақияи пул тибқи дафтари ҳисоби хазина 23 сомону 50 дирам мебошад.

Тартиби пур кардани дафтари ҳисоби хазина ва нигаҳдории пул мутобиқи Низомномаи идораи амалкарди хазинаи муассисаҳои давлатӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятист.

Комиссияи бозрасии хазина:

Раис
Салиев Далер Имзо

Аъзои комиссия:
Бобокалонова Фарида Имзо

Ҳалимаи Ашурдухт Имзо

Хазинадор
Саидаи Саидзод Имзо

Намуна:

ТАЪЙИДНОМА

шаҳри Душанбе 5 декабри 2003

Ин таъйидномаро Мастони Мирзозода корпардохти мактаби рақами 48 шаҳри Душанбе, Собираи Ҳомиддухт ва Замираи Салоҳдухт муаллимони ҳамин мактаб таҳия намудаанд.

Мо таъйид менамоем, ки 10-поя мизи мактаб шикастааст ва қобили истифода нест.

Корпардози мактаб:
Мастонаи Мирзозода Имзо

Муаллимаҳои мактаб:
Собираи Ҳомиддухт Имзо

Замираи Салоҳдухт Имзо

Машқи 1. Ҳикоятро хонда, мазмуни онро нақл кунед.

Овардаанд, ки чун Аристотолисро вафот наздик омад, писарро пеши худ хонд ва гуфт: «Эй писар, дар асрори улум ва дақоиқи ҳикмат умри худро базл кардам ва бисёр гиреҳҳо ба нури ҳикмат кушода гардонидам, валекин маргро ҳеҷ ҳилат надонистам.

Шеър:

Агар сад кӯҳ бояд канд фӯлод,
Забун бошад ба дасти одамизод.
Чӣ чора, к-он бани одам надонад,
Ба ҷуз мурдан, к-аз он бечора монад.

Пас бидон, ки из ва давлате, ки аз мол бувад, зуд фонӣ меғавад ва нест гардад. Иззат ва шараф дар илм аст, ки аз таҳвил ва интиқол ва фано ва завол берун аст ва ба тағайюри

рӯзгор ва табаддули давлатҳо интиқол напазирад.

Эй писар, подшоҳон падари туро бузург доштанд в падари ту яке аз раияти эшон буд ва раияти подшоҳо мулукро ибодат кунанд ва парастанд. Ва миёни обид в маъбуд тавофути бисёр аст. Агар падари туро илму ада набудӣ, ӯ мар мулукро мисоли харе будӣ боркаш парастанда бандае будӣ коркун.

Пас илм ба ҳосил кун, то шарафу иззат биёбӣ ва а мазаллати хумулӣ халосӣ ёбӣ»

(Муҳаммад Авфӣ

**Савол ва супориш:**

1. Ҳикмати ин ҳикоя дар чист?
2. Ба ҷои пешояндҳои дар ҳикоя ишорашуда кадомҳоро истифода кардан мумкин аст?
3. Ҷумлаи охирини ҳикояро маънидод кунед.
4. Луғати зеринро аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ёбед ва шарҳ диҳед.

Иззат - арҷмандӣ
Маъбуд - парастиши чизе
Хумулӣ - гумномӣ, пастӣ
Базл - сарф, харҷ
Ҳилат - чора, макр
Дақоиқ -
Таҳвил -
Интиқол -
Фано -
Завол -
Мазаллат -

**Машқи 2. Порчаи манзумро хонед ва маънидод кунед:**

...Адаб хоҳӣ, зи ҳад берун манеҳ пой,
Зи ҳар ҷониб, ки хоҳӣ, дар миён ой.
Адаб ороиши афъол бошад,
Адаб осоиши аҳвол бошад.
Фуруғи зоҳир аз ороиши ӯст,
Фароғи ботин аз осоиши ӯст.

Адаб маҷмӯаи ҳусну ҷамол аст,
Баҳоре дар камоли эътидол аст.
Ҳама корат ба қадри хеш бояд,
Зи қадри худ на кам, не беш бояд.
Ба ин низом агар худро бисанҷӣ,
Наранҷанд аз туву худ ҳам наранҷӣ.
Чу биншинӣ, чунон бояд, ки шояд,
Чу бархезӣ, чунон шояд, ки бояд.
Чароғи дида шаб ҷое наяфрӯз,
Ки гардад тира, чун равшан шавад рӯз.

(Бадриддин Ҳилолӣ)

**Шарҳи луғат:**

Фурӯғ - равшанӣ;
фурӯғи зоҳир - зебу зинаги шакли зоҳирӣ;
фароғ - роҳат, осоиш;
эътидол - дурустӣ, солимӣ.

**Савол ва супориш:**

1. Ба ин порчаи манзум чӣ ном гузоштан мумкин аст?
2. Шеърро аз ёд кунед.

**Машқи 3.** Баёноти гурӯҳи донишҷӯёне, ки дарсро партофта рафтаанд, чӣ гуна навишта мешавад?

**Машқи 4.** Имсол шумо ба донишгоҳ дохил шудед. Дар шаҳри Душанбе манзили зист надоред. Ба номи ректори донишгоҳ барои гирифтани хобгоҳ ариза нависед.

**Машқи 5.** Луғатро аз бар кунед.

Таркиб, ҷузъиёт - элемент
Робитаи дутарафа - взаимосвязь
Худогоҳӣ - самосознание
Ӯҳдадорӣ - обязательство
Эътиборнома - сертификат
Ҳисобдор - бухгалтер
Вазифа, мансаб - должность

## ДАРСИ 12

# КАФОЛАТНОМА (ГАРАНТИЙНОЕ ПИСЬМО)

Кафолатнома санадест, ки тавассути он мақоми расмии созмон ё муассиса аз мақоми расмии созмон ё муассисаи дигар иҷрои хадамотсро дархост намуда, пардохти вайро кафолат медиҳад.

Кафолатнома аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

1. Муҳри чаҳоргуша ё унвони расмии созмон ё муассисае, ки дархост мекунад;
2. Ном, номи падарӣ ва хонаводагии роҳбари созмон ё муассисае, ки аз он дархост ба амал оварда мешавад;
3. Номи санад;
4. Матн;
5. Ном, номи падарӣ ва хонаводагии роҳбари муассисаи дархосткунанда ва имзои вай;
6. Ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии сарҳисобдори муассиса ва имзои вай;
7. Муҳр.

## Сохти тақрибии кафолатнома чунин аст:

Муҳри чаҳоргуша

Раис (роҳбари, сардори) ё унвони расмии муҳтарами ______

муассисаи дархосткунанда ______________________________

(номи муассиса ё созмон)

_______________________________________________

(ном, номи падарӣ ва номи хонаводаги рохбари муассиса,

_______________________________________________

ё созмоне, ки аз он дархост ба амал оварда мешавад)

## Намунаи кафолатнома дар заминаи бозпардохти қарз:

Муҳри чаҳоргӯша ё
унвони расмии созмон ё номи бонк
муассисаи кафолатдиҳанда

КАФОЛАТНОМА

______________________________________________
(номи созмон ё муассисае, ки кафолат медиҳад)
кафолат медиҳад, ки қарзи ба ______________________
(номи созмон
_____________________________________ додаи
ё муассисаи қарзгиранда)
________________ро, ки ба маблағи _______________
номи бонк (бо рақам
________________ мебошад, бозпардохт хоҳад кард.
ва ҳуруф бояд навишт)
Дар сурати напардохтани __________________________
(номи созмон, муассисаи қарзгиранда)
бонк метавонад, бидуни огоҳӣ қарзи додааш баҳраҳои

онро аз ҳисоби бонки мо, ки таҳти №____________ дар

______________________________________ мавҷуд
(номи шуъбаи бонк)
мебошад ё аз суратҳисобҳои дигари мо бигирад.

Кафолатнома пас аз комилан бозпардохт кардани қарз

аз эътибор соқит хоҳад шуд.

Бо эҳтиром,

Роҳбари ___________________________________
(номи созмон ё муассисае, ки қарз медиҳад)
_______________________________ имзо
(ном, номи падарӣ, номи хонаводагӣ)

Сарҳисобдор
_______________________________ имзо
(ном, номи падарӣ, номи хонаводагӣ)

## Намуна:

КАФОЛАТНОМА

Эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ______________________
(мавзуи дархост)

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

кафолат медиҳем, ки маблағро аз суратҳисоби №______

шӯъбаи бонки_______________________________

_______________________________ мепардозем.

Бо сипоси қаблӣ,

Раис ____________________________________
(номи муассисаи дархосткунанда)

_______________________________ имзо
(ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии роҳбар)

Сарҳисобдор

_______________________________ имзо
(ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии роҳбар)

мӯҳри гирд

**Машқи 1. Матнро хонед ва маънои матнро маънидод кунед, ба савол ва супориши матн посух диҳед.**

Ду дарвеши хуросонӣ мулозими сӯҳбати якдигар сафар карданд. Яке заиф буд, ки ба ду шаб ифтор кард ва дигаре қавӣ буд, ки рӯзе се бор хӯрдӣ. Қазоро бар дари шаҳре ба тӯҳмати ҷосусӣ гирифтор омаданд. Ҳар дуро ба хонае ба кандани гил бурданд. Баъд аз ду ҳафта маълум шуд, ки бегуноҳанд. Қавиро диданд мурда ва заиф ҷон ба саломат бурда. Дар ин аҷаб монданд.

Ҳакиме гуфт:

-Хилофи ин аҷаб будӣ. Он яке бисёрхӯр буд, тоқати бенавоӣ наёвард, ба сахтӣ ҳалок шуд ва ин дигар хештандор буд, лоҷарам бар одати хештан сабр кард ва ба саломат бимонд.

Чу кам хӯрдан табиат шуд касеро
Чу сахтӣ пешаш ояд сахт гирад.
В-агар танпарвар аст, андар фарохӣ
Чу тангӣ бинад аз сахтӣ бимирад.

(Муҳаммад Авфӣ)

**Савол ва супориш:**

1. Доир ба мазмуни матн пандҳоро аз эҷодиёти бузургони адабиёти классикии тоҷик намуна оред.
2. Калимаҳои номафҳумро аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ёфта, шарҳ диҳед.
3. Порчаи шеъриро маънидод кунед.

**Машқи 2. Байтҳои зеринро ифоданок хонед. Мазмунашро нақл кунед. Ҳар кадом байти ин порча кадом зарбулмасалҳоро ба хотир меоранд?**

Агар бад кунӣ, чашми некӣ мадор,
Ки ҳаргиз насбад газангур бор.

Нанишдорам, эй дар хазон кишта ҷав,
Ки гандум ситонӣ ба вақти дарав.

Дарахти зақум ар ба ҷон парварӣ,
Мапиндор ҳаргиз, к-аз ӯ бар хӯрӣ.

Рутаб н-оварад чӯби харзаҳра бор.
Чу тухм афканӣ бар ҳамон чашм дор.

(Саъдии Шерозӣ)

**Шарҳи луғат:**

Газангур - ангури худрӯй
Хазон - тирамоҳ

Занум - як навъи дарахти заҳршира: дарахти талхмсва.
Рутоб - хурмо
Харзаҳра - дарахти баргзаҳр, ки баргаш ба барги бед монанд аст.

**Ба савол ва супоришҳо посух диҳед:**

1. Дар кадом калимаҳо «й» ба вазифаи бандаки феълӣ омадааст?
2. «Бар ҳамон чашм дор»-ро шарҳ диҳед.
3. Феъл дар ин порча чӣ маъно дорад?

**Машқи 3. Ҷумлаҳо тартиб дода, ба мақсади услуби тобишҳои ҳиссӣ-муассирӣ баёнияҳоро истифода баред.**

Намуна: Шайх Саъдӣ гаҳсилкунандаи молу илмро, ки аз он амалан истифода наменамоянд, мусовӣ дониста "ранҷи беҳуда бурдаю саъйи бефоида карданд" мегӯяд.

**Машқи 4. Зарбулмасалҳоро муқоиса кунед ва мазмунашонро шарҳ диҳед.**

1. Олими беамал - занбӯри беасал.
2. Такрор, модари дониш аст.
3. Одами бесавод мисли кӯр аст.
4. Дар ҳама кор машварат бояд, кори бемашварат накӯ наояд.
5. Меҳнат бе роҳат нест.
6. Ҳамроҳи нағз мебарад ба роҳи нағз.
7. Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд.
8. Шутурро бо кафлес об намедиҳанд.
9. Ботамизиҳои мардум аз сухан пайдо шавад.
   Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад.
10. Сар равад ҳам, сир наравад.
11. Кунад ҳам ҷинс бо ҳамҷинс парвоз,
    Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз,

Машқи 5. Аризаи донишҷӯ бо хоҳиши он ки ӯро барои таҷрибаомӯзии тобистона ба ширкати «Барқи тоҷик» фиристанд. Ин ариза бояд чӣ гуна навишта шавад?

Машқи 6. Шумо роҳбари корхонаи «Нафиса» мебошед. Намунаи кафолатномаи бозпардохти қарзро тартиб диҳед.

Машқи 7. Порчаҳои шеъриро бодиққат хонед ва маънидод кунед.

Чун мегузарад умр чи ширину чи талх,
Паймона чу пур шуд чи Нишопуру чи Балх,
Менӯш, ки баъд аз ману ту моҳ басе
Аз салх ба ғурра ояд аз ғура ба салх.

(Хайём)

Бар ман қалами қазо чу бе ман рононд,
Пас неку бадаш зи ман чаро медонанд.
Ди бе ману имрӯз чу ди бе ману ту,
Фардо ба чӣ ҳуҷҷатам ба довар хонанд.

(Хайём)

Моем, ки асли шодию кони ғамем,
Сармояи додему ниҳоди ситамем
Пастему баландему камолему камем
Оинаи зангхӯрдаву Ҷоми Ҷамем.

(Хайём)

Басо сир, к-аз ду лаб афтад ба берун,
Даруни сад диловарро кунад хун.
Чи хуш гуфт он накӯгӯи накӯкор,
Ки сар хоҳӣ саломат, сир нигаҳ дор.

(Ҷомӣ)

# ДАРСИ 13

## МУАРРИФИНОМА

Муаррифинома санадест, ки барои ба кор гирифтан ё шомил шудан ба муассисаи таълимӣ дода мешавад.

Муаррифинома аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

1. Номи санад;
2. Ном, номи падарӣ ва номи хонаводагии шахсе, ки барои кор ё таҳсил фиристода мешавад. Замон ва маҳалли таваллуди шахсе, ки барои таҳсил ё кор фиристода мешавад; Шумораи гувоҳиномаи таҳсил;
3. Номи муассисае, ки шахси мавриди назар ба он ҷо фиристода мешавад;
4. Ном ва номи хонаводагии раиси муассиса;
5. Имзои раиси муассиса;
6. Мӯҳр.

### Намуна:

**Муаррифинома**

Шодмони Раҷабзода соли 1982 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шудааст. Вай мактаби миёнаи № 1-и ноҳияи мазкурро соли 1999 хатм кардааст. Шумораи гувоҳномаи таҳсилаш АБ №5456767 мебошад. Мавсуф барои таҳсил ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фиристода мешавад.

Бо эҳтиром,
Директори "Литсейи компютерӣ"-и
шаҳраки Файзобод имзо Абдуқодир Давлатов

мӯҳр

# САФАРИЯ (КОМАНДИРОВОЧНОЕ УДОСТВОРЕНИЕ)

Сафария санадест, ки ба коргар ё корманд ҳангоми сафараш барои анҷоми вазифае ба муассисаи (созмони) дигар дода мешавад. Вай гувоҳномаест, ки коргар ё кормандро расман ба маъмурияти маҳалли мақсуд шинос менамояд.

Дар сафария зикри маҳалли мақсуд ва таърихи рафту омад ҳатмист.

## Намуна:

САФАРИЯ

номи муасссиса

"___" ____________200__с. №___шаҳри Душанбе

____________________________________________

(вазифа, номи муассисае, сафария медиҳад)

____________________________________________

(ном, номи падарӣ ва номи хонаводагӣ)

ба____________________________________ сафарист

(маҳалли мақсуд)

муддати сафараш "____" рӯз: аз "___" __________ 200__с.

то "___"__________ 200__с. мебошад.

Далел: Фармони №__ "___" ________ 200__с. дар сурати

пешниҳоди шиносномаи силсилаи ___№______________

эътибор дорад.

имзо

мӯҳр

**Машқи 1. Матнро бодиққат хонед, савол ва супоришашро иҷро кунед.**

Чунон шунидам, ки марде ба саҳаргоҳ ба торикӣ аз хона берун омад, то ба гармоба равад. Дар роҳ дӯстеро аз они хеш бидид, гуфт:

- Мувофиқат кунӣ бо ман, то ба гармоба равем? Дӯст гуфт:

- То ба дари гармоба бо ту ҳамроҳӣ кунам, лекин дар гармоба натавонам омад, ки шуғле дорам. То ба наздики гармоба бо вай бирафт, ҳар ду ба сари роҳе расиданд ва ин дӯст, неш аз он ки дӯстро хабар диҳад, бозгашту ба роҳи дигар рафт.

Иттифоқан, тарроре аз паси ин мард ҳамеомад, то ба гармоба равад ба таррории хеш. Аз қазо ин мард нигарист, тарорро дид ва ҳанӯз торик буд пиндошт, ки он дӯсти уст, сад динор дар остин дошт, ба дасторча баста, аз остин берун кард ва бад-он таррор доду гуфт:

- Эй бародар ин амонат аст, бигир, то ман аз гармоба бароям, ба ман боз диҳӣ.

Таррор аз вай зар биситонд ва ҳамон ҷо мақом кард, то вай аз гармоба баромад. Равшан шуда буд. Ҷома пӯшиду рост бирафт. Таррор ӯро боз хонду гуфт:

- Эй ҷавонмард, зари хеш бозситону пас бирав, ки имрӯз ман аз шуғли хеш бозмондам аз ҷиҳати амонати ту.

Мард гуфт:

- Ин амонат чист ва ту кӣ будӣ?

Таррор гуфт:

- Ман марди таррорам ва ту ин зар ба ман додӣ, то аз гармоба бароӣ.

Мард гуфт:

- Агар таррорӣ, чаро зари ман набурдӣ?

Таррор гуфт:

- Агар ба саноати хеш бурдаме, агар ин ҳазор динор будӣ, наандешидаме аз ту ва як ҷав боз надодаме, валекин ту ба зинҳор ба ман супурдӣ ва дар ҷавонмардӣ набошад, ки ба зинҳор ба ман омадӣ ман ба ту ноҷавонмардӣ кардаме, шарти муруват набудӣ.

(Аз «Қобуснома»)

**Луғат:**

Таррор - дузд
Саноат - кори дастӣ

**Савол ва супориш:**

1. Ба рафтори дузд чӣ баҳо дода метавонед?
2. Ҷумлаи охирони ҳикояро бо ҷумлаҳои худ баргардонида, нависед.
3. Сифату хислатҳои ҳар як қаҳрамони ҳикояро номбар кунед, масалан:

    Марди гармобарав - хушмуомила,……
    Дӯсташ - хайрхоҳ, дӯсти хуб,…..
    Таррор - зумёр, чаққон,…..

4. Ифодаҳои: мувофиқат кунӣ бо ман, шуғле дорам, аз қазо, мақом кард, зари хеш бозситон, саноати хеш бурдаме, як ҷав боз надодаме, шарти мурувват набудӣ-ро маънидод карда нависед.

**Машқи 2. Ба кадом услубҳои нутқ тааллуқ доштани ҷонишинҳоро муайян кунед.**

1. Онон ки муҳити фазлу одоб шуданд,
В-аз ҷамъи камол шамъи асҳоб шуданд.
Раҳ з-ин шаби торик набурданд бурун,
Гуфтанд фасонаеву дар хок шуданд.
(Хайём)

2. Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ бар ҳама офоқ зад.
(Румӣ)

3. Агар ба ҳар сари мӯят ду сад ҳунар бошад,
Ҳунар ба кор наёяд, чу бахт бад бошад.
(Саъдӣ)

4. Бе рӯи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,
Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод.
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,
Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод.
(Рӯдакӣ)

Машқи 3. Шуморо ба вазифаи лаборанти лабораторияи кимиё ба кор қабул намуданд. Ба шумо лозим аст, ки таъйиднома тартиб дода, молу амволи лабораторияро қабул кунед.

Машқи 4. Луғатҳоро аз бар кунед.

Миёнарав - посредник
Фармоишгар - заказчик
Таҳия кардан - подготавливать
Идрорпулӣ - стипендия
Суратҳисоб - расчётный счёт
Қарз - кредит
Дастурамал - инструкция

Машқи 5. Аризаи собиқ донишҷӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки мехоҳад аз нав барқарор шавад, бояд чӣ гуна таҳия шавад?

Машқи 6. Порчаи шеъриро қироат кунед.

Давлат аз нерӯи миллат шуд падид,
Вой аз он давлат, ки миллатро надид.
Ҳеҷ давлатро наёбӣ пойдор
Гар набошад пояҳояш устувор.
Чист поя ваҳдатороии қавм,
Такя бар имрӯзу бар фардои қавм.
Қавм агар гуфтам муродам миллат аст.
Миллат ар гӯям асосаш ваҳдат аст.
Миллати мо андарин сахт озмун
Карда собит ваҳдати худро ба хун
Миллати имрӯз чун дирӯз нест,
Шери сангар мурғи дастомӯз нест.
Ин уқоби тезчашми хашмгин
Нест дигар дастбини ону ин.

(Халилуллоҳи Халил)

Супориш:

1. Дар бораи муаллифи шеър маълумот нависед.
2. Ба порчаи шеърӣ ном гузоред.

# ДАРСИ 14

## БАРҚИЯ (ТЕЛЕГРАММА)

Барқия санадест, ки тавассути телегроф фиристода мешавад. Вай дар сурате навишта мешавад, ки иҷрои кор фурсати камро тақозо намояд.

Матни барқия бояд мухтасар бошад. Дар он одатан пешояндҳо, ҷонишинҳо ва аломатҳои китобат зикр намешаванд.

Ҷузъҳои асосии барқия:

1. Навъи барқия (агар барқия маълум бошад, навъи он зикр намегардад);
2. Нишонӣ, ном ва номи хонаводагии гирандаи барқия;
3. Матн;
4. Номи фиристандаи барқия (агар фиристанда муассиса ё созмон бошад, пас вазифаи корманди вай низ зикр мёбад);
5. Нишонии фиристандаи барқия;
6. Таърихи ирсоли (фиристодани) барқия.

### Намуна:

БАРҚИЯ

Душанбе, Рӯдакӣ 71, Ҷумъа Бақозода
Бисту шашуми декабр соати шонздаҳ аз тариқи парвози шумораи саду шасту панҷ меоям. Пешвоз гир.
Кӯлоб, Ҳамадонӣ 60   26 декабри 1999

# ТЕЛЕФОННИГОШТ (ТЕЛЕФОНХАБАР )

Телефоннигошт хабарест, ки тавассути телефон расонда мешавад.

Телефоннигошт асосан барои расонидани хабар ё дастури фаврӣ истифода мегардад.

Матни телефоннигошт низ бояд чун матни барқия мухтасар бошад. Хоса дар гуфтугӯи телефоние, ки дар миёни шаҳрҳо сурат мегирад, мухтасаргӯӣ зарур аст. Зимни гуфтугӯи телефонӣ бояд калимаҳое, ки талаффузашон мушкил аст, ба кор бурда нашавад. Беҳтар аст, ки матн ҳиҷо ба ҳиҷо хонда шавад. Дар ин сурат нависанда метавонад матнро бидуни иштибоҳ нависад. Ихтисорҳоро набояд истифода кард. Агар нависанда калимаро нафаҳмад, пас онро бояд ҳарф ба ҳарф талаффуз намуд.

Ҷузъҳои асосии телефоннигошт инҳоянд:

1. Унвон;
2. Шумораи телефоннигошт;
3. Таърих;
4. Номи шахс ё муассисае, ки телефоннигошт расондааст;
5. Номи гирандаи телефоннигошт;
6. Матн;
7. Зикри вазифаи шахсе, ки телефоннигоштро имзо кардааст;
8. Зикри вазифа, ном ва шумораи телефони касе, ки телефоннигоштро расондааст;
9. Зикри вазифа, ном ва шумораи телефони гирандаи телефоннигошт;
10. Вақти гирифтани телефоннигошт.

Намуна:

**Телефоннигошти №36**

15 сентябри 2003

Аз Шӯъбаи маорифи ноҳияи Хуҷанд ба мудири қисми таълимии мактаби миёнаи №15.

16 сентябр соати 10-и субҳ дар бинои Шӯъбаи маорифи ноҳия семинари муаллимони забон ва адабиёти тоҷик баргузор мегардад.

Хоҳишмандам, муаллимони ин фанҳоро ба семинар фиристонед.

Мудири маорифи ноҳия имзо Қаландари Сайфулло

Телефоннигоштро котиба Лӯъбати Removed Бобоҷон расонд, телефон 2-75-41.

Телефоннигоштро котиба Садбарги Қобилдухт гирифт, телефон 2-71-72 соати 1055.

**Машқи 1.** Матнро хонед савол ва супориши матнро иҷро кунед.

**Фарзандон ҷигарҳон моанд**

Гӯянд, падару писарро назди ҳоким бурданд ва чӯб заданд. Аввал падарро андохтанд ва сад чӯб заданд. Оҳ накард ва дам назад. Баъд аз он писарашро андохтанд ва чун як чӯб заданд, падараш оғози нолаву фарёд кард.

Ҳоким гуфт:

- Ту сад чӯб хӯрдӣ ва дам нададӣ. Ба як чӯб, ки писарат хӯрд, ин нолаву фарёд чист?

Гуфт:

- Он чӯбҳо, ки бар тани ман меомад таҳаммул мекардам, акнун, ки бар ҷигарам меояд таҳаммул надорам.

Аз «Калила ва Димна»

**Савол ва супориш:**

1. Аз матн оиди рафтори падар чӣ гуфта метавонед? Сифатҳои падарро номбар кунед, падар раҳмдил....
2. Ифодаҳои «Оҳ накард ва дам назад» ва «Таҳаммул надорам»-ро маънидод кунед.
3. Аз «Калила ва Димна» оиди муносибати падарон ва фарзандон ҳикояеро оваред ва ба дафтар нависед.

**Машқи 2. Шумо ҳамчун куратори гурӯҳ ба донишҷӯи гурӯҳи 552800 р-Б курси 2 Усмонова Манижа хислатнома нависед.**

**Машқи 3. Ҷумлаҳоро хонед ва фикри худро даҳонӣ гӯед.**

1. Чун рӯз шавад, ҳама мавҷудоти зинда талоши зист кунад. Чун шом фаро расад, тамоми мавҷудоти зинда талоши хоб кунад. Зиндагӣ - бедористу марг - ғафлат аст.

2. Таноби ҷаҳон дар дасти миллати доност: ҷаҳонро мебинад ба чашми бино, рӯҳи тавоно, ҳар рӯзи чунин миллат розест ва ҳар дилро овозе, дарди имрӯзро дармонгар аст, дарди фардоро дармони дигар. Миллати офаранда, имрӯзро барои худ меофарад, ки то ба фардо расад.

3. Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Ғ.Иқбол

**Машқи 4. Ғазалро ифоданок хонед ва аз ёд гӯед**

Хуш он маҷлис, ки чун рухсораш аз май лолагун бинам,
Туро пеши назар биншонаму пеши ту биншинам.
Сухан чун бар забон ронӣ, забони ман зи кор афтад,
Забон чун бар лаб орӣ, бар лаб ояд ҷони ширинам.
Кашиди ханҷару гуфтӣ, ки: «Хоҳам куштанат рӯзе»,
Маро ин ваъда ҳоҷат нест, ман худ куштаи инам.

Қадам чун ранҷа фармудӣ, биё осуда шав бо ман,
Ба чашми худ зи пои нозукат озор барчинам.
Маро, эй тифли бадхӯ, аз дари мактаб марон дигар,
Ки ҷон бар лаб расида, гӯш бар овози оминам,
Хароб афтодаам бар бистари марг аз шаби ҳиҷрон,
Агар хоҳӣ, ки бархезам, биё, биншин ба болинам,
Маро гуфтӣ: «Ҳилолӣ кист, саргардон ба кӯи мо?»
Гадои мустамандам в-аз дуогӯёни мискинам.

(Бадриддин Ҳилолӣ)

**Савол ва супориш:**

1. "Забон зи кор афтодан" - чӣ маъно дорад?
2. Муродифи иборан "қадам ранҷа кардан"-ро гӯед.
3. Ду мисраи охири ғазалро маънидод кунед.
4. Луғати зеринро ёбед:

рухсор -
осуда -
озор -
бадхӯ -
хиҷрон -
мустаманд -
мискин -

**Машқи 5.** Ибораҳои фразеологии зеринро маънидод кунед: аз ғалбер гузаронидан, паси сар хоридан, сарро ба девор задан, кӯҳи сабр талқон шудан, қадам ранҷа кардан, ба олами хаёл ғӯтта хӯрдан, ибрат гирифтан, тор танидан, лабу лунҷи овезон, тарбуз аз бағал афтидан.

**Машқи 6.** Барои ба кор даромадан тарҷумаи ҳол ҳуҷҷати муҳим мебошад. Лутфан, тарҷумаи ҳоли худро ба тафсил нависед.

## ДАЪВАТНОМА

Даъватнома санадест, ки барои даъват намудани шахсе, корманде ба ягон иқдомот чорабинӣ таҳия мешавад.

Даъватнома расмӣ ва ғайрирасмист. Даъватномаи расмиро одатан маъмурияти муассиса, созмон ё кумита махсус таҳия месозад.

Ҷузъҳои асосии даъватнома:

1. Ном ва номи хонаводагии даъватшаванда;
2. Номи тадбир (чорабинӣ);
3. Баргузории тадбир;
4. Маҳалли баргузорӣ;
5. Созмондеҳи тадбир

## Намуна:

ДАЪВАТНОМА

Муҳтарам Баҳроми Нурҷон!

Шуморо ба ҷашни миллии мардуми тоҷик Наврӯз, ки ба таърихи 22 марти соли 2005, соати 7-и шом дар толори Кохи Борбад баргузор мегардад, даъват менамоем

Бунёди фарҳанги Тоҷикистон

# ЭЪЛОН

Эълон санадест, ки дар бораи рӯйдоде ё иқдомоте пешакӣ хабар медиҳад.

Эълон аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

1. Номи санад;
2. Маҳалли баргузории иқдомот (чорабинӣ);
3. Таърих ва соати баргузории иқдомот;
4. Мазмуни иқдомот;
5. Созмондиҳандаи иқдомот.

## Намуна:

ЭЪЛОН

Ба диққати донишҷӯёни факултаи байналхалқӣ расонида мешавад, ки рӯзи 14 декабри соли 2004 соати 14:30 маҷлиси ҳисоботии факулта баргузор мегардад. Иштироки ҳамаи донишҷӯёни факулта ҳатмист.

Деканати ФБ

Эълонро метавонед ба услуби ғайрирасмӣ низ навишт. Масалан, эълони тарғибӣ ва шӯхиомез аз ҷумлаи эълонҳоянд, ки ба ин услуб навишта мешавад.

## Намуна:

ЭЪЛОН

Касоне, ки шӯхӣ, ханда, суруд, рақс ва бозиро дӯст медоранд, ба иди ханда, ки 1 апрел баргузор мегардад, даъват менамоем.
Ҷойи мулоқот - саҳни донишгоҳ
Таърихи ҷашн - 1 апрел. Оғози ҷашн - соати 11-и рӯз

Иттифоқи ҷавонони донишгоҳ

Намуна:

ЭЪЛОН

28 ноябр соати 14:00 ҷаласаи солонаи иттифоқи касаба баргузор мегардад.

РӮЗНОМА

1. Гузориши раиси иттифоқи касаба Ҷалоли Аҳрорӣ
2. Интихоби ҳайати нави иттифоқи касаба

Иттифоқи касаба

**Машқи 1. Матнро бодиққат хонед савол ва супоришашро иҷро кунед.**

Ҳикоя

Шахсеро ҳамсояе буд. Дид, ки ӯро ҷамъияти вофир ва ҳузуру фароғати мутакосир пайдо шуд. Пурсид, ки:

- Фалонӣ, аҳвол ва авзои ту маълум буд, ин молу манол туро аз куҷо ҳосил шуд?

Гуфт:

- Ба мулозимоти подшоҳ шитофтам ва нону ҷурғот хӯрда, ҷоҳу сарват ёфтам.

Ин шахс низ пеши подшоҳ рафта, нону ҷурғот талабид. Подшоҳ ин мардро мисли марди пешина хасл кард ва фармуд, ки нону ҷурғот оварданду пеши ӯ ниҳоданд. Луқмаи нонро дар ҷурғот зада порае бар замин чаконида ва порае дар канори худ андохт ва ба миқдоре риши худро олуда сохт.

Подшоҳ пурсид, ки кор ҳамин аст?

Гуфт:

- Бале.

Фармуд, ки ӯро даҳ гарданӣ заданд ва даҳ шаллоқи дигар мазид сохта, ӯро аз маҷлис берун карданд.

Бӯрёбоф агарчи бофанда аст,
Набарандаш ба коргоҳи ҳарир.

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**Луғат:**

Вофир - фаровон
Мутакосир - афзуншуда
Мазид - зиёдатӣ

**Савол ва супориш:**

1. Аз ҳикоя чӣ мазмун бардоштед?
2. Чаро подшоҳ якеро хуш пазируфт ва дигареро шармандавор пеш кард?
3. Ҷумлаи дуюмро бо суханони худ фаҳмида, ба дафтар нависед.
4. Муродифи калимаҳои зеринро нависед.

Ҷамъият -
Молу манол -
Ҷоҳу сарват -
Олуда -
Шаллоқ -

**Машқи 2. Ба фикрҳои Мирзо Боқӣ диққат диҳед, ба дафтар кӯчонед ва аз ёд кунед.**

1. Олитарин ҳадаф инсон шудан ва ба худ расидан аст. Ин гуна инсон болотар аз ориф, файласуф, риёзидон ва заррабин будааст.
2. Некӣ ниҳолест аз чамани дил руста ва саховат рӯдест ба дарёи ҷовидон пайваста.
3. Олам як ватан аст, вале бо ҳазорон-ҳазор ватанҳои хурд ҷудо буда ва сабаби ихтилофоти мардуми ҷаҳон шуда.

**Машқи 3. Дар бораи аҳамияти меҳнат нақле навишта, дар охир ба тариқи ҷамъбаст зарбулмасали «кор кунӣ роҳат мебинӣ»-ро кор фармоед.**

**Машқи 4. Таҷрибаи услубӣ. Ҳангоми рӯбардор кардан ба ҷумлаҳои яктаркиба мубтадо илова кунед. Гӯед, ки чӣ ҳодисаи забонӣ рӯй дод. Тобишҳои ҳиссӣ-муассирии сухан барҳам хӯрд ё не?**

1. Аз суҳбати дӯстон машав гурезон. 2. Аз шолипоя шаб нагузар. 3. Кишт кардӣ, оқибат медаравӣ. 4. Аз замин ёфтӣ, шумурда гир. 5. Дар дами парешонҳолӣ дӯстро мешиносӣ. 6. Кори накарда ба карда машуморед. 7. Кор кунӣ - нон мехӯрӣ.

Мисол: Бародар, аз суҳбати дӯстон машав гурезон.

**Машқи 5. Пагоҳ дар факултаи муҳандисӣ-технологӣ маҷлиси умумӣ барпо мегардад. Барои донишҷӯёнро хабар додан ба шумо чун раиси созмони ҷавонон лозим меояд, ки эълон навишта масъалаҳои муҳокимашавандаро нишон диҳед.**

**Машқи 6. Рубоӣ ва дубайтиҳои Лоиқро дар ситоиши модар аз ёд кунед.**

Бар малфани модарам чу гул бигзорам,
Ман мӯи сафеди хешро бишморам.
Чун панҷаи хуршед сарам бинвозад,
Аз панҷаи нарми модарам ёд орам.

Ас модар малори ман ту будӣ,
Гули аввал баҳори ман ту будӣ.
Нахушкад чашмаи шеъру сурудам,
Зи бас сарчашмадори ман ту будӣ.

Сари гӯри ту бинишастам даме чанд,
Бигиристам зи андӯҳу ғаме чанд.
Зи санги сарди болои мазорат
Бипурсидам: баҳори оламӣ чанд?

Супориш:

Аз эҷодиёти даҳанакии халқ ва аз эҷодиёти шоирони дигар дар васфи модар рубоӣ ва дубайтиҳоро ба дафтар нависед.

# ДАРСИ 16

## МАКТУБҲОИ ХИЗМАТӢ

Мактубҳои хизматӣ - намуди бештар маъмули ҳуҷҷатҳои идоравӣ мебошанд, ки дар байни муассисаҳо ва шахсони алоҳида ҳамчун воситаи муомилаю мубодилаи иттилоот хизмат мекунанд. Мактубҳо аз рӯи ҳар гуна масъалаҳо тартиб дода мешаванд, дархостҳо огоҳиномаҳо, созишномаҳо, даъвоҳо, маълумотҳо, эродҳо ва ғайра метавонанд, мазмуни онҳо бошанд.

Мактубҳо дар варақаи махсуси муассиса тартиб дода мешаванд. Матни мактуби хизматӣ бояд оддӣ бошад, яъне як масъаларо инъикос намояд, якчанд масъала дар як мактуб танҳо дар ҳолати бо ҳам алоқаманд буданашон дида баромада мешавад.

Матни мактуб чун қоида аз ду қисм иборат аст. Дар қисми якум сабабҳои тартиб дода шудани ҳуҷҷат оварда мешавад, истинодҳо ба қарори органҳои болоӣ, ки асоси тартиб додани мактуб шудаанд, низ дар ҳамин ҷо оварда шуданашон мумкин аст. Қисми асосии ҳуҷҷат: хулосаҳо, хоҳишҳо, таклифҳо, эродҳо, ки ҳуҷҷат барои ин қисм тартиб дода шудааст, дар қисми дуюм оварда мешавад.

Мактубҳо аз рӯи масъалаҳои номураккаби пешакӣ маслиҳат карда шуда, метавонанд бидуни маънидодкуниҳо аз як қисми асосӣ иборат бошанд, масалан: «Хоҳиш мекунем, ки барои китобхона 5 мошинаи чопӣ диҳед».

Мақсади асосии мактуби хизматӣ [1] ба амал водор намудан, фаҳмонида додан мебошад. Мазмуни мактуб бояд бар зарари ягон ҷониб набошад, дар он аз ибораҳои қабеҳу дағал худдорӣ намудан лозим аст. «Эродҳоятонро нурра омӯхта ...», «таклифҳоятонро бодиққат дида баромада...» барин тобишҳо барои ба гиранда зоҳир намудани ҳурмату эҳтиром кӯмак мерасонанд.

Аз рӯи хусусиятҳои иттилоот мактубҳо чунин мешаванд:

## мактуби ҳамроҳӣ

мактубгирандаро дар бораи ба вай фиристонида шудани ҳуҷҷатҳое хабардор мекунад, ки дар онҳо дар бораи чӣ фиристода шудани ҳуҷҷати асосӣ, бо он чӣ бояд кард ва мӯҳлати иҷро нишон дода мешавад. Ин навъ мактубҳо бо калимаҳои: «Мефиристонем», «Равон мекунем», «Бармегардонем», «Замина мекунем» ва ғайра сар мешаванд, минбаъд сарлавҳаҳо ва аломатҳои ҷустуҷӯ (таърихи рӯз ва рақам)-и ҳуҷҷатҳои равон кардашаванда оварда мешаванд. Матни мактуби ҳамроҳӣ одатан кӯтоҳ аст, масалан: «Ба Шумо барои тақриз дастнависи «Ташкилоти коргузорӣ»-ро мефиристем.

Хоҳишмандем, ки тақризатонро то 1 июни соли 2005 фиристед.

Замима дар 25 саҳифа, 1 нусха;

## мактуб - таклифнома

гирандаро таклиф мекунад, ки дар ягон чорабинии гузаронида шудаистода иштирок намояд. Онро ҳам ба шахсони мушаххас ва ҳам ба муассисаҳо фиристонидан мумкин аст. Дар он хусусияти чорабинии гузаронидашаванда ошкор карда, мӯҳлатҳои гузаронидан ва шартҳои иштирок намудан нишон дода мешавад;

## мактуби иттилоотӣ

гирандаро дар бораи ягон далел ва ё чорабинӣ хабардор мекунад.

Бо ёрии мактубҳои иттилоотӣ аксар вақт фаъолияти ягон хел ташкилот, маҳсулоти истеҳсолшаванда, адабиёти нашршавандаро тарғиб мекунанд;

## мактуби огоҳкунанда

барои гирандаи мушаххас тартиб дода мешавад ва бештар ҷавоб ва дархост мебошад. Бо калимаҳои «Огоҳ мекунем», «Маълум мекунем», «Ба Шумо маълум мекунем» сар мешавад ва баъди он ягон далел оварда мешавад;

## мактуби тасдиқкунанда

иттилоотро дар бораи он, ки ҳуҷҷати пештар тартиб додашуда (масалан, шартнома) эътибори худро гум накардааст, дар бар мегирад. Он ягон хел далел, амал, гуфтугӯи телефониро тасдиқ карда метавонад. Ин гуна мактуб бо калимаи «тасдиқ кардан» сохта мешавад, масалан: «Гирифтани таклифҳои Шуморо, ки дар мактуби № 05/135 аз 20 майи соли 2002 баён шудааст, тасдиқ мекунем. Қарори Шӯро оиди ин масъалаҳо 25 декабри соли 2002 қабул карда мешавад, ки мо дар бораи он ба Шумо ба таври илова хабар медиҳем».

Фиристодани чунин мактубҳо қисми ҳатмии муносибатҳои корӣ мебошад;

## мактуби хотиррасонӣ

нишондодро дар бораи наздик шудани мӯҳлати иҷрои ягон ӯҳдадорӣ ё гузаронидани чорабиниҳо дар бар мегирад. Ин гуна мактуб бояд кӯтоҳ бошад ва як қисми хотимавиро дар бар гирад. Чун қоида ин гуна мактубҳо бо калимаҳои «Хотиррасон мекунем» таҳия мешавад, масалан: «Ба Шумо хотиррасон мекунем, ки мӯҳлати иҷрои супориши дар мактуби № 03/87 аз 20 апрели соли 2002 баён кардашуда 30 июли соли 2002 ба охир расид»;

## мактуби байналхалқӣ

сохтори аниқ, маҷмӯи мусодираҳои коргузории муайян дорад ва ҳар кадоми онҳо дуруст ҷо ба ҷо гузошта шудаанд. Варақаи хизматӣ намунаи таркиби зерини мусодираҳои коргузорӣ: сарлавҳа, рақами ҳуҷҷат, таърихи рӯз, қайдҳои махсуси почта, огоҳинома дар бораи махфӣ будан, гиранда, муроҷиатнома, сарлавҳаи матн, матн, хулосаи ба назар гирифташаванда, имзо, қайд дар бораи иҷрокунандагон, замимаҳо, шумораи нусхаҳо, навиштаи иловагиро муқарар мекунад. Услуби матн ба услуби шаклию мантиқӣ наздик аст.

**Машқи 1. Матнро хонед, гӯед, ки ҳикояро кӣ навиштааст?**

Овардаанд, ки дар замони Нӯшервон ду мард дар маҷлиси ӯ ҳозир шуданд. Яке ба овози баланд ин байт бихонд:

Некӣ кунӣ ҳам ба некӣ андеш,
То он некӣ туро расад пеш.

Он дигаре ин байт бихонд:

Ту бад макунӣ зи бад бияндеш,
То он ки бадӣ наёядат пеш.

Чун амири одил ин ду шеърро бишунид, писанди хотираш афтод, ҳар дуро таҳсин карда фармуд, то марди аввалро ҳазор дирҳам инъом доданд ва марди дуюмро сад дирҳам.

Яке аз бузургон пурсид:

- Ё амир, каломи ишон маънӣ дошт, тафовут чӣ роҳ аст?

Амир фармуд:

- Дар гуфтан тафовут бисёр аст. Каломи марди аввал ҳама ба лафзи некӣ буд ва сонӣ ба бадӣ, агарчи ҳарду як маънӣ дошт. Машҳур аст, ки ҳарфи бад аз забони бад бошад. Ҳар кӣ накӯкор аст ҳама некӣ аз забонаш барояд.

Косаи чинӣ, ки садо мекунад,
Худ сифати хеш адо мекунад.

Ту некӣ мекуну дар Даҷла андоз,
Ки эзид дар биёбонат диҳад боз.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

**Савол ва супориш:**

1. Порчаҳои шеърии матнро маънидод кунед.
2. Ифодаи «тафовут чӣ роҳ аст»-ро шарҳ диҳед.
3. Ифодаи «Ҳар кӣ накӯкор аст, ҳама некӣ аз забонаш барояд»-ро истифода намуда, матни кӯтоҳе аз ҳаёти одамони наҷиб нависед.

**Машқи 2. Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери сифатҳо хат кашед, имлояшонро дар хотир нигоҳ доред.**

1. Ҳанӯз шамол ором нагирифта буд, ки борони барфолуд ба боридан даромад, аз либоси тунук ва ҷиғда-ҷиғдаи бачек қатраҳои борон гузашта, ба бадани ӯ нӯги бигизи дар оташ тафсондагӣ барин мехалид. (С. А.)

2. Дигар ганҷинаи қиматбаҳотар,
Бувад озодии марду зани ту. (М.Т.)

3. Ҷавон чашмони шаҳло ва мижгонҳои дароз-дароз дошт.

4. Барфи лаклакӣ ва якка - якка ба боридан сар кард.

5. Бобо, ки чашмони пуробашро поён карда буд, вазнин нафас мегирифт.

6. Ситораҳо дар ин оби лойолуд акс мешуданд.

7. Ғулгулаи пурҳаяҷони овозҳо пайваста фурӯ мерехт.

8. Баҳри пурмавҷ киштиро гоҳ ба ин тараф, гоҳ ба он тараф алвонҷ медод.

9. Дару даричаи хонаро руст карду каландчаи корхӯрдаи тездамашро гирифта, давон-давон то ба назди бачагонаш омад, ки онҳо дар замини назди ҳавлии пештараашон кор мекарданд.

**Машқи 3. Андарзҳои зеринро маънидод намуда, аз бар намоед.**

1. Зиндагӣ бозист, аммо қавоиди бозиро бояд риоят кард.
2. Муфидтарин ихтирои башар китоб аст.
3. Беҳтар меписандем, ки нодон бошему моро доно бидонанд, то доно бошему моро нодон тасаввур кунанд.
4. Дар сурату сират ва зиндагонии ҳар кас акси андешаи ӯ намоён аст.
5. Вақте дӯстон аз даст рафтанд, мефаҳмем, ки чӣ қадар дӯсташон медоштем.
6. Зиндагӣ кӯшиш аст, он лаҳза ки даст аз кӯшиш бардоштем, марг оғоз мегардад.

Аз «Ҳазор сухан» - и Муҳаммад Ҳиҷозӣ

**Машқи 4.** Барои ба кор қабул кардани коргар Шумо ҳамчун директори ширкати «Нилуфар» фармон нависед.

**Машқи 5.** Баёноти гурӯҳи донишҷӯён, ки дарсро партофта рафтаанд, чӣ гуна навишта мешавад?

**Машқи 6.** Ғазали хоҷа Ҳофизро қироат кунед ва ба имлои исмҳо диққат диҳед.

Даме бо ғам ба сар бурдан, ҷаҳон як сар намеарзад,
Ба май бифрӯш далқи мо, к-аз ин беҳтар намеарзад.
Ба кӯи майфурӯшонаш ба ҷоме барнамегиранд.
Зиҳӣ сад ҷодаи тақво, ки як соғар намеарзад.
Рақибам сарзанишҳо кард, ки аз ин боб рух бартоб
Чӣ афтод ин сари моро, ки хоки дар намеарзад.
Шукӯҳи тоҷи султонӣ, ки бими ҷон дар ӯ дарҷ аст,
Кулоҳе дилкаш аст, аммо ба тарки сар намеарзад.
Чӣ осон менамуд, аввал, ғами дарё ба бӯи суд
Ғалат кардам, ки ин тӯфон ба сад гавҳар намеарзад.
Туро он беҳ, ки рӯи худ зи муштоқон бипӯшонӣ
Ки шодии ҷаҳонгирӣ ғами лашкар намеарзад.
Чу Ҳофиз дар қаноат кӯш в-аз дунии дун бигзар
Ки як ҷав миннати дунон ду сад ман зар намеарзад.

Супориш:

1. Бифаҳмонед, ки феъли "намеарзад" ба кадом маъноҳо истифода шудааст.
2. Фарқи калимаи "манзар" ва ибораи "ман зар"-ро фаҳмонед.
3. Ғазалро аз ёд кунед.

# ДАРСИ 17

## ДАФТАРЧАИ КОР

Дафтарчаи кор санади асосиест, ки фаъолияти кории коргар ё кормандро тасдиқ менамояд.

Дафтарчаи корро барои коргарон ва кормандони муассисаву созмонҳои давлатӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ пур мекунанд.

Агар шаҳрванд то қабул шудан ба кор собиқаи кор (стаж) надошта бошад, барои вай нахустин бор дафтарча мекушоянд. Агар вай қаблан дар ҷое кор карда бошад, бояд дар ҷои кори нав дафтарчаи корро ба худ биёрад.

Корманд ё коргари собиқадор бидуни дафтарчаи кор ба кор пазируфта намешавад.

Дафтарчаи корро фақат бо ранги кабуд ё бунафш пур мекунанд. Сабти дафтарча бояд ҳатман бо формулабандии (формулировкаи) фармон мутобиқат намояд. Сабт набояд пок ё ислоҳ шавад. Дар сурати зарурати ислоҳи вай онро бояд бо имзо ва мӯҳр тасдиқ намуд.

Дар дафтарчаи кор роҷеъ ба корманд (номи хонаводагӣ, ном ва номи падарӣ, таърихи таваллуд, таҳсилот, шуғл) маълумот дода мешавад.

Дар дафтарчаи кор инчунин роҷеъ ба ҷоизаҳо ва подошҳои дарёфткардаи корманд иттилоъ дода мешавад. Танбеҳ дар он сабт намегардад.

Бо ҳар сабте, ки дар дафтарчаи кор сурат мегирад,

маъмурият бояд кормандро шинос намояд.

Дафтарчаи кор дар шуъбаи кадр нигоҳ дошта мешавад.

Дар мавридҳои зарурӣ ба коргар ё корманд беруннависи дафтарчаи корро медиҳанд. Беруннависи дафтарчаи корро бояд роҳбари муассиса ва сардори шуъбаи кадр бо имзо ва муҳр тасдиқ намоянд.

## Дафтарчаи корро ин тариқ пур мекунанд:

| МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КОР | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | САНА | | | Маълумот дар бораи пазириш ба кор, интиқол ба кори дигар ва сабукдушӣ (бо зикри сабаб ва истинод ба модда ва банди қонун) | Сабт дар асоси кадом санад сурат гирифтааст (сана,шумора) |
| № сабт | РУЗ | МОҲ | СОЛ | | |
| | | | | То қабул дар ДТТ собиқаи кор надошт<br>Муҳри муассиса | |
| 1 | 11 | 01 | 1999 | Ба вазифаи муаллими коромуз қабул шуд | Фармони №1 |
| | | | | | Муваррахӣ |
| | | | | | 11.01.1999 |
| 2 | 01 | 09 | 2000 | Ба вазифаи муаллими коромуз гузаронида шуд | Фармони №7 |
| | | | | | Муваррахӣ |
| | | | | | 11.09 2000 |
| 3 | 25 | 05 | 2002 | Бо майли худ аз кор сабукдуш гардид мутобиқи моддаи 45 | Фармони №8 |
| | | | | | Муваррахӣ |
| | | | | | 27.07.2000 |
| | | | | КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Ректори ДТТ<br>Катаев Амир Ҳабибович<br>Имзо | Муҳр |

## Сохти беруннависи дафтарчаи кор ин гуна аст:

Беруннависи дафтарчаи кор ба ______________________________
(номи идора ё корхона)

пешниҳод мегардад.

### Дафтарчаи кор

Номи хонаводагӣ ________________ ном ____________________

номи падарӣ ______________ таърихи тавллуд __________

Таҳсилот: ибтидоӣ, миёна, олӣ (дар зераш хат кашед)

Шуғл ____________________________________________

Таърихи пур кардани дафтарчаи кор ___________________

"______" ____________________________ соли 200__

### МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КОР

| № сабт | САНА | | | Маълумот дар бораи пазириш ба кор, интиқол ба кори дигар ва сабукдушӣ (бо зикри сабаб ва истинод ба модда ва банди қонун) | Сабт дар асоси кадом санад сурат гирифтааст (сана,шумора) |
|---|---|---|---|---|---|
| | РУЗ | МОҲ | СОЛ | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

Ин нусха бо сабти дафтарчаи кор мутобиқат мекунад

Шаҳрванд ____________________________________________

дар ҳоли ҳозир (бояд зикр намуд, ки кор мекунад ё на)

Роҳбари муассиса имзо

Бозраси кадр имзо

"_____" ____________________ соли 200__

**Машқи 1. Матнро хонед ва мазмунашро мухтасар нақл кунед.**

Восеъ дар адир ба як қитъа замине, ки дошт, гандуми баҳорӣ кошта буд. Ҳасан ва Давлат баъди чидани алафҳои хӯрданӣ ба адир баромада, аз гандуми думбулшудаи худашон якчанд хӯша сарак канда бурданӣ шуданд. Апаашон Гулизор дар хона ин саракҳоро ба додараконаш дар хокистари гарм пухта медиҳад. Гандуми думбули дар хокистар пухта хело бомазза мешавад, бачаҳо онро як каф як каф хӯрда, барвақт хоб мекунанд, то ки ба воситаи хоби кашол ранҷи гуруснагиро камтар кашанд.

Онҳо сарак мекананд, бехабар аз он ки Ҷобири доруға - дидбони киштҳои ғалла дар он ҷо ҳозиру нозир аст. Вай ба амри сардораш ва хоҷааш - амлокдори Ховалинг кишти ғаллаи деҳқононро дидбонӣ карда мегардад, то ки деҳқонон ҳосили ғаллаашонро пеш аз додани хироҷ сарф карда намонанд, ё пинҳон накунанд. Доруға пайдо шуда аввал якчанд дашноми ногуфтанӣ ба номи очаву ҳамшираи бачаҳо дод ва баъд омада аз гӯшҳошон ғирифта, ҳардуро аз гандумзор берун кашида, ду - се тарсакии дардноке ҳам ба рӯяшон фуровард. Саракҳои кандагиашонро аз дасташон рабуда ба замин афканда, бо қаҳр лағадкӯб кард.

(С. Улуғзода)

**Савол ва супориш:**

1. Гандуми думбулӣ дар хокистар пухта чӣ гуна мефаҳмед?
2. Ҷобири доруға чӣ вазифа дошт?
3. Киро доруға мегуфтаанд?
4. Ибораи ҳозиру нозирро чӣ хел мефаҳмед?
5. Бо истифода аз маълумотҳои худатон дар бораи гандум, гандуми думбул ва дарав нақл нависед.

**Машқи 2.** Ғазалро ифоданок хонед ва ҳар байти онро маънидод кунед.

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бишкофему тарҳе нав дарандозем.
Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад,
Ману соқӣ ба ҳам тозему бунёдаш барандозем.
Шароби арғувониро гулоб андар қадаҳ резем,
Насими атргардонро шакар дар миҷмар андозем.
Чу дар даст аст руде хуш, бизан, мутриб, суруде хуш,
Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем.
Сабо, хоки вуҷуди мо бад-он оличаноб андоз,
Бувад, к-он шоҳи хубонро назар бар манзар андозем.
Яке аз ақл мелофад, яке томот мебофад,
Биё, к-ин довариҳоро ба пеши довар андозем.
Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пои хумат рӯзе ба ҳавзи Кавсар андозем.
Сухандонию хушхонӣ наменарзанд дар Шероз,
Биё, Ҳофиз, ки то худро ба мулки дигар андозем.

(Ҳофизи Шерозӣ)

**Савол ва супориш:**

1. Луғати зеринро ёбед:
   соғар -
   сақор -
   арғувон -
   миҷмар -
   томот -
   Кавсар -
2. "Тарҳи нав андохтан" - чӣ маъно дорад?
3. "Агар ғам лашкар ангезад" - ба кадом маъно омадааст?
4. Шеърро аз ёд кунед.

**Машқи 3.** Бо ибораҳои субҳи пурфайз, сухани ширин, нигоҳи гарм, деҳқони асил, арақи ҷабин, меҳнати фидокорона, аризаи шикоятӣ, делои шахсӣ, қарори маҷлис, намаки натрий, қонуни кашиш, ҷумлаҳо тартиб дода ба кадом услубҳои нутқ хос будани онҳоро шарҳ диҳед.

Машқи 4. Шумо мехоҳед, ки бо сабаби хуб надонистани забони русӣ ба гурӯҳи тоҷикӣ гузаред. Аризаатонро чӣ гуна менависед.

Машқи 5. Ба номи директори заводи алюминии тоҷик мактуби расмӣ оиди ташкили озмоишгоҳи техникӣ нависед.

Машқи 6. Порчаи зеринро ифоданок хонед ва калимаҳое, ки имрӯз дар истеъмол нестанд, ҷудо намуда, маънидод кунед.

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики худованд бадӣ нест фаромӯшт
Ин теғ на аз баҳри ситамгорон карданд
Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт.
Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт
Гуфто, ки "Киро куштӣ, то кушта шудӣ зор
То боз ки ӯро бикушад он ки туро кушт".
Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.

Савол ва супориш:

1. Байтҳое, ки ба таври зарбулмасал истифода мешаванд ва ё ба ҳамин мазмун зарбулмасалҳо ҳастанд, ҷудо намуда, шарҳ диҳед.
2. Калимаи "кушт" ба кадом маъноҳо омадааст?

# ЗАМИМА
# барои корҳои илмии донишҷӯён

## Таҳияи кори курсӣ ва рисолаи дипломӣ.

### КОРӢ КУРСӢ

Корӣ курсӣ ва таълифи он аз соли дуввуми хониш оғоз гардида, то соли чоруми хониш идома меёбад. Дар ин муддат донишҷӯён аз рӯйи ихтисос ба кафедраҳои факултет вобаста гардида, таҳти роҳбарии устодон ба навиштани корӣ курсӣ оғоз мекунанд. Кори курсӣ дар ҳар як нимсолаи соли хониш як маротиба навишта шуда, бо баҳои устоди роҳнамо қадр мегардад ва дар дафтарчаи имтиҳонот сабт мегардад.

Донишҷӯ метавонад як мавзӯеро, ки дар соли дуввум интихоб карда буд, то таълифи рисолаи дипломиаш идома диҳад. Инчунин ӯ ҳуқуқ, ки ҳар соли хониш мавзӯи илмиашро тағйир диҳад. Ин бештар вобаста аст ба устоду шогирд ва машварату ҳамдигарфаҳмии онҳо.

Бояд гуфт, ки донишҷӯ пеш аз он ки ба таълифи кори курсӣ дар соли дуюми хониш шурӯъ кунад, ӯ дарси хосаи асосҳои тадқиқоти илмӣ мехонад ва зимни ин дарс устод он роҳҳои гирд овардани мавод, таҳлилу таълифи онро дар ҳаҷми чанд дарс меомӯзонад, истифодаи адабиёти илмиро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, таълифи кори курсӣ дар мактабҳои олӣ нахустин кори илмии мустақилонаи донишҷӯён мебошад, ки ибтидои фаъолияти илмию тадқиқотии донишҷӯ ба ҳисоб меравад. Таълифи корҳои курсӣ нисбатан душвор буда, иҷрои он масъулияти бештареро талаб мекунад, зеро тадқиқоти мазкур метавонад ба донишҷӯ дар зиндагии минбаъдааш сароғози ҳар гуна кашфиёту таълифот гардад. Ҳоло барои намуна кори курсии таълиф намудаи донишҷӯеро меоварем, ки дар мавзӯи: "Талабот ва таклифот" аз фанни "Назарияи иқтисодӣ" аст.

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТАИ МУҲАНДИСӢ-ИҚТИСОДӢ
КАФЕДРА: ИҚТИСОДИЁТ ВА ИДОРА ДАР САНОАТ

# КОРИ КУРСӢ

аз фанни: "Назарияи иқтисод"
Мавзӯъ: "Талабот ва таклифот"

Иҷро кард: донишҷӯи курси 2-юми гурӯҳи 521600т (А) Саидова Р.Н.

Қабул кард: ассист. Сатторов А.А.

Нозири меъёр: ассист. Сатторов А.А.

Душанбе - 2005

# РИСОЛАИ ДИПЛОМӢ

Таълифи рисолаҳои дипломӣ марҳилаи асосии таҳсили донишҷӯён дар мактабҳои олӣ ба шумор меравад. Муаллифи рисолаи дипломӣ пеш аз он ки ба таълифи рисола шурӯъ намояд, баяд марҳилаҳои зеринро гузарад:

1. Таҷрибаи пешаздипломӣ.
2. Интихоби мавзӯъ.
3. Таҳияи мундариҷаи рисолаи дипломӣ.
4. Шартҳои пешниҳод намудани корҳои дипломӣ ба кафедра ва барои дифоъ.

## 1. Таҷрибаи пешаздипломӣ

Дар ДТТ ҳар сол ба муддати ду ҳафта таҷрибаи пешаздипломӣ бо роҳбарии устодон баргузор мегардад, ки мақсад аз таълифи рисолаҳои дипломӣ мебошад. Таҷрибаи пешаздипломии донишҷӯён дар кафедраҳо баргузор мегардад.

Марҳилаи таҷрибаи пеш аз дипломӣ бо ҳисоботи хаттии таҷрибаомӯзон ба охир мерасад.

## 2. Интихоби мавзӯъ.

Бояд гуфт ,ки номгӯи мавзӯъҳоро дар оғози соли таҳсил устодони кафедраҳо пешниҳод мекунанд ва он мавзӯъҳо дар маҷлиси кафедраҳо муҳокимаю тасдиқ мегардад. Пас аз тасдиқ гардиданаш дасраси донишҷӯ мегардад. Дар интихоби мавзӯъ ва устод донишҷӯ озод аст. Донишҷӯ метавонад мавзӯи кафедра пешниҳод намударо қабул накунаду худ мавзӯеро барои таълифи рисолаи дипломӣ пешниҳод намояд. Мавзӯи пешниҳод шуда бояд ба чандин талаб ҷавобгӯ бошад:

А) мавзӯъҳо бояд мӯъҷазу мушаххас, замонавӣ, ҷолиб буда, ҷанбаи қавии назариявӣ дошта бошанд, то ин ки донишҷӯро ба кори тадқиқ дилгарм ва ба ҷустуҷӯ водор созанд.

Б) гузориши масъала ва моҳияти он бояд тарзе сурат гирад, ки барои донишҷӯ ва умуман барои илм муҳим бошад.

## 3. Таҳияи мундариҷаи рисолаи дипломӣ

Пас аз интихоби мавзӯъ донишҷӯ бо машварати устод мундариҷаи рисолаи дипломиашро таҳия мекунад. Ҳоло барои намуна мундариҷаи рисолаи дипломии донишҷӯеро меоварем, ки дар мавзӯи "Ба нақшагирӣ ва ҷараёни буҷавӣ дар ҶТ" мебошад.

**Ихтисосӣ 060400** ________ **«Молия ва карз»**__________

**1. Мундариҷаи кор**

МУҚАДДИМА ........................................................................

Боби 1. Буҷаи давлатӣ ______________________________
- 1.1. Моҳияти буҷаи давлатӣ дар давраи гузариш.
- 1.2. Ба нақшагирии буҷавӣ дар ҶТ.

Боби 2. Шаклгирии буҷаи давлатии ҶТ.
- 2.1. Ба нақшагирии молиявӣ.
- 2.2. Тартиб додани лоиҳаи буҷаи давлатии ҶТ.
- 2.3. Азназаргузаронӣ ва тасдиқи буҷаи давлатии ҶТ.

Боби 3. Иҷрои буҷаи давлатии ҶТ.
- 3.1. Хулосаи умумии иҷрои буҷаи давлатии ҶТ.
- 3.2. Иҷрои буҷаи давлатӣ.
- 3.3. Таҷзияи иҷрои буҷаи давлатӣ.

ХУЛОСА........................................................................
Рӯйхати адабиёт..................................................................

## 4. Шартҳои пешниҳод намудани корҳои дипломӣ ба кафедра.

Ҳангоми пешниҳод намудани рисолаҳои дипломӣ донишҷӯ бояд ин шартҳоро донад:

1. Рисоларо метавонад дар шакли дастнавис ё чопи копютер пешниҳод кунад. Рисола дар шакли дастнавис бо хати хонову зебо бояд пешниҳод гардад.

2. Дар рисолаҳои дипломӣ пас аз саҳифабандӣ ва муқовабандӣ дар саҳифаи алоҳидаи пас аз муқова номи ДТТ, кафедра, ному насаби рисоланигор бо зикри курсу унвони мавзӯъ, ному насаби устоди роҳнамо ва дараҷаи илмию таълимӣ, соли таълифи рисола, макон ва дар саҳифаи дигар мундариҷаи рисола зикр мешавад.

3. Рисолаи дипломӣ бояд бо ду тақриз 3 рӯз пеш аз дифоъ ба кафедра пешниҳод шавад. Тақризҳоро бояд роҳбари илмӣ ва як муқарризи беруна баъди мутолиаи кор навишта бошад.

4. Рисоланигор рӯзи ҳимояи рисолааш тақрибан 8-10 дақиқа роҷеъ ба мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, сохту таркиби кори худ ва моҳияти тадқиқоташ суханронӣ мекунад. Бинобар ба ин лаҳза бояд омода гардад.

5. Ба эродҳои муқарризи расмӣ ва суоли аъзои комиссияи имтиҳони давлатӣ барои ҷавоб додан, омода бошад.

Таълифи рисола натиҷаи заҳмату дониши донишҷӯ мебошад, ки камаш дар таълифи он беш аз як соли хониш сарф мешавад. Бинобар ин рисоланигор мавриди таълиф бояд диққати асосиро ба он равона кунад, ки миёни мавзӯъ, нақшаи созмонёфта ва таълифот мувофиқати сахт бошад, зеро баъзан аз мавзӯъ дур рафтан, пургӯӣ намудан, бо масъалаҳои сеюму чаҳорум дараҷа зиёдтар рӯ овардан ва ғайра мушоҳида мешавад. Ҳоло барои намуна рисолаи дипломии донишҷӯеро меоварем.

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТАИ МУҲАНДИСӢ-ИҚТИСОДӢ
КАФЕДРАИ МОЛИЯ ВА ҚАРЗ

«Ба ҳимоя роҳ дода шуд»
Мудири кафедраи «Молия ва қарз»
____________________ Ҳасанов А.Р
«______»____________________2005 с.

# РИСОЛАИ ДИПЛОМӢ

Мавзӯъ: "Ба нақшагирӣ ва ҷараёни буҷавӣ дар ҶТ"

Иҷро кард: донишҷӯи курси 5-уми гурӯҳи 060400т (А) Саидова Р.Н.

Роҳбари рисола: дотсент Ҳасанов А.А.

Мушовирон:

аз забони англисӣ дотсент Раҷабов Б.Н.

аз забони тоҷикӣ дотсент Топибова М.Н.

Мукарриз н.и.и. дотсент Асоев К.А.

Нозири меъёр Ҷаъфаров А.С.

Душанбе - 2005

# 1. Луғати истилоҳоти соҳаи коргузорӣ

## А

Аванс - пешпардохт, пешмузд

Автобиография - тарҷумаи ҳол

Администратор - маъмур

Администрация - маъмурият, идора

администрация института - маъмурияти донишкада (пажӯҳишгоҳ)

администрация предприятий - маъмурияти муассиса (корхона)

Адрес - нишон, суроға

Адресант - фиристанда, ирсолкунанда

Адресовать - фиристондан, ирсол доштан

Акт - акт, таъйиднома

административно-правовой санади маъмуриву ҳуқуқӣ

акты гражданского состояния - санади ҳолати шаҳрвандӣ

законодательный акт - санади қонунӣ

нормативный акт - санади меъёрӣ

нотариальный акт - санади сабти аҳвол

обвинительный акт - даъвонома

подлинный акт - санади асл

акт приемки - санади қабул

акт приёмо-сдаточный - санади қабулу таҳвил

составить акт списания - тартиб додани санади хориҷсозӣ

Анонимка - мактуби беимзо

Аннотация - хулоса, шарҳи мухтасар

Аннулировать - бекор кардан

Аппарат - дастгоҳ, (маъмурият)

Архив - бойгонӣ, архив

Аттестация - санҷиш, тавсия, муаррифӣ

Афиша - эълон
Аудитория - дарсхона

## Б

Бланк - варақа
Брошюра - ҷузва, дафтарча, брошура
Бумага - қогаз
белая бумага - қоғази сафед
ватманская бумага - ватманқоғаз
гербовая бумага - қоғази нишондор
кальковая бумага - қоғази шаффоф
копировальная бумага - қоғази нусхабардорӣ
миллиметровая бумага - қоғази миллиметрӣ
писчая бумага - қоғази навишт
рисовальная бумага - қоғази рассомӣ
типографская бумага - қоғази табъ, қоғази нашрӣ
Бухгалтер - ҳисобдор, муҳосиб
главный бухгалтер - сарҳисобдор, сармуҳосиб
старший бухгалтер - ҳисобдори калон
бухгалтер-инструктор - ҳисобдори мушовир
Бюллетень - иттилоия, барг, буллетен, варақа
Бюро - дафтар

## В

Вакансия - ҷои холӣ
Ведомость - феҳраст, варақа
авансовая ведомость - варақаи пешпардохт
Ведомственный - идорӣ, созмонӣ
Виза - иҷозатнома, раводид
Вкладыш - изофа .варақ
Внеочередной - ғайринавбатӣ
Внести - пешниҳод кардан
Вознаграждение - подош, инъом

Востребование - дархост

Выписка - беруннавис

выписка из протокола - беруннависи суратмаҷлис

выписка из приказа - беруннависи фармон

выписка из текущего счета - беруннависи ҳисобномаи ҷорӣ

Выполнение - иҷро, иҷроиш, анҷом, пешбурд

выполнение договорных обязательств - иҷроиши ӯҳдадориҳои қарордодӣ

досрочное выполнение - иҷрои пеш аз мӯҳлат

выполнение заказа - иҷрои фармоиш, иҷрои супориш

выполнение норм выработки - иҷрои андозаҳои лоиҳавӣ

Выступление - суханронӣ, маърӯза, ҳунарнамоӣ

## Г

График - ҷадвал, нақша

Гриф - мӯҳр

## Д

Данные - рақамҳо, омор, мушаххасот, арқом

Дата - таърих, сана

Дело - парванда, кор

Делопроизводство - дафтардорӣ, коргузорӣ

Делопроизводитель - коргузор, дафтардор

Делопроизводительный - дафтардорӣ, коргузорӣ

Деятельность - фаъолият, кор

Диплом - гувоҳинома

Директор - раис, сардор, директор

Дирекция - роҳбарият

Доверенность - ваколатнома

Договор - қарордод, шартнома, аҳднома

Договоренность - мувофиқат

Договорный - шартномавӣ

Доказательство - далел, шаҳодат, исбот

Доклад - суханронӣ, маърӯза, гузориш
Докладной - гузоришнома, навишта
Документ - санад, ҳуҷҷат, далел
Документация - санадҳо, ҳуҷҷатҳо, далелҳо
Документирование - санаднок кардан
Документировать - бо санад асоснок кардан
Долгосрочный - дарозмуддат
Должностной - расмӣ
Должность - мақом, мансаб
Доплата - пули иловагӣ, пардохти иловагӣ, изофапардохт
Дополнительный - иловагӣ, изофагӣ
Дубликат - нусха

## Е

Единица - воҳид
  административная единица - воҳиди маъмур
  денежная единица - воҳиди пул
  единица информации - воҳиди хабарӣ
  нормативная единица - воҳиди меъёрӣ
  единица объема - воҳиди ҳаҷм
  основная единица - воҳиди аслӣ (асосӣ)
  отчетная единица - воҳиди ҳисоботӣ
  печатная единица - воҳиди чопӣ
  плановая единица - воҳиди барномавӣ
  платежная единица - воҳиди пардохтӣ
  единица производительности - воҳиди истеҳсолӣ
  единица работы - воҳиди кор
  расчетная единица - воҳиди ҳисобӣ
  единица труда - воҳиди кор
  штатная единица - воҳиди ташкил
  экономическая единица - воҳиди иқтисодӣ
Ежемесячный - ҳармоҳа, моҳвора

## Ж

Жалоба - шикоят, шикоятнома

Журнал - маҷалла, моҳона, дафтар, китоб

бухгалтерский журнал - дафтари ҳисобдорӣ

кассовый журнал - дафтари хазина

ежемесячный журнал - маҷаллаи моҳвор, моҳнома

## З

Заведующий - мудир

Заверитель - тасдиқкунанда, тасвибкунанда

Заверить - тасдиқ кардан, тасвиб кардан

Заверка - тасдиқ, тасвиб

Завести - оғоз кардан, шурӯъ кардан

Завещание - васиятнома

Завещать - васият кардан

Завещатель - васиятгар, васияткунанда

Заголовок - унвон, сарлавҳа

Заказ - фармоиш, супориш

Заказной - фармоишӣ

Заказчик - фармоишгар

Заключение - 1) хулоса, натиҷа; 2) ҳабс; 3) хотима, анҷом; 4) аҳд бастан

заключение баланса - анҷоми баровард

Закон - қонун

Законность - қонуният

Законодательство 1) қонунгузорӣ; 2) маҷмӯаи қонунҳо

Закономерность - қонунмандӣ

Залог - замонат, гарав

Заместитель - муовин ,ҷонишин

Записка - 1) хатча, навишта; 2) арзнома

объяснительная - эзоҳнома

Запись - навишт, сабт

Заработок - дастмузд

Зарплата - моҳона, музди кор, маош, дастмузд

Заседание - ҷаласа, маҷлис

Заседать - ҷаласа кардан, тартиби ҷаласа додан

Засылка - фиристодан

Заявитель - аризадиҳанда

Заявка - дархост

Заявление - 1) изҳорот; 2) ариза

Знак - аломат, нишона

## И

Извещение - огоҳинома, хабарнома

Издание - чоп, нашр, табъ

Издержки - харҷ, масраф, хароҷот

Изменить - тағйир додан

Изъятис - гирифтан, аз истеъмол баровардан

Импорт - воридот

Имущество - дорой, сарват, амвол

Инвентаризация - ҳисобрасӣ, ҳисобрасии ҷиҳоз

Инвентарный - ҳисобрасӣ

Инвентарь - ҷиҳоз

Институт - донишкада; пажӯҳишгоҳ

Индекс - шохис

индексация документов - шохиссозии аснод

Инспекция - бозрасӣ

Инструктор - дастурдиҳанда

Инструкция - дастур, дастурамал

Информация - хабар, маълумот

Исключение - истисно

Исполнитель - иҷрокунанда, иҷрогар

Истекший год - соли гузашта

Исходящий - содира, бароянда

Итог - натиҷа, ҷамъбаст

Итого - ҷамъан, ҳамагӣ

Канцелярия - дафтардорӣ, коргузорӣ
Канцелярист - дафтардор, коргузор
Канцелярский - дафтардори, коргузорӣ
Картотека - баргадон
Карточка - варақа
визитная карточка - варақаи боздид
единая регистрационная карточка - варақаи воҳиди сабт
почтовая карточка - варақаи алоқа
регистрационная карточка - варақаи сабт
Касса - хазина, сандуқ
Кафедра - курсы, кафедра
Качество - кайфият, сифат, чигунагӣ
Квалификация - 1) муайян кардан; 2) ихтисос
Квитанция - расид, хатти расид
Кворум - кворум, ҳадди нисоб
Книга - китоб, дафтар
книга бухгалтерская - китоби ҳисобдорӣ
книга кассовая - китоби хазина
книга справочная - китоби маълумотӣ
Книжка - дафтарча, китобча
записная книжка - дафтари хотира, дафтари ёддошт
книжка трудовая - дафтарчаи кор, шиносномаи кор
Код - рамз, пешшумора
Кодекс - маҷмӯи қонунҳо, кодекс
Кодирование - рамзӣ кардан
Количество - миқдор
Коллегия - ҳайат, коллегия, ҳайати мушовира
коллегия профсоюзов - ҳайати иттифоқи касаба
Командировка - сафари хидматӣ
Командировочное удостоверение - сафария
Компенсация - ҷуброн, товон
Коммюнике - баённома

Конфискация - мусодира
Копия - рӯнавишт, нусха
заверенная копия - рӯнавишти гувоҳишуда (тасдиқшуда)
копия верна - рӯнавишт баробари асл аст
Корректировка - тасҳҳ, танзим
Корректор - мусаҳҳеҳ
Корректура - тасҳеҳ
Корреспондент - хабарнигор, гузоришгар
Кратковременный - кӯтоҳмуддат
Краткосрочный - кӯтоҳмуддат
Кредит - қарз, эътибор
Критерий - меъёр

## Л

Лента - навор, тасма
Лист - варақ, барг, ҷузъ
Листок - варақа
Лицо - шахс, шахсият, мақом
Лишение - маҳрумият
Льгота - имтиёз
налоговая льгота - имтиёзи андозгирӣ

## М

Марка - нишон, навъ, намуд, марка
Машина - мошин
вычислительна машина - мошини ҳисоббарӣ
Местожительство - ҷои истиқомат, маҳалли сукунат
Метод - усул, равиш, шева
Министерство - вазорат
Министр - вазир
Миссия - рисолат, вазифа; ҳайат, намояндагӣ
Модель - навъ, намуд
Монография - рисола, монография

Монополия - инҳисор

## Н

Набор - пазириш, ҷалб, сарбозгирӣ; ҳуруфчинӣ; даста, маҷмӯа
Наборщик - ҳуруфчин
Набрать - гирифтан
Навык - маҳорат, малака
Награда - нишон, ҷоиза, мукофот
Надбавка - изофамаош, изофадастмузд
Надзор - назорат
Надобность - ниёз, лузум, эҳтиёҷ, зарурат
Надпись - навишта, катиба
Надстройка - рӯбино, болосохт
Назначение - таъйин, интисоб; дастур, таҷвиз
Наименование - номгӯӣ, феҳраст, ном
Наказание - ҷазо
Накладная - борнома
Накладные расходы - изофахарҷ
Наличие - мавҷудият, вуҷуд, ҳузур
Направление - мактаб, ҷараён; муаррифинома
Наружное - берунӣ, хориҷӣ, зоҳирӣ
Население - аҳолӣ, бошандагон
Науки - илмҳо, улум
Научный - илмӣ
Недоплата - кампардохт
Незаконный - ғайриқонунӣ
Необходимость - зарурат
Неявка на работу - ба кор наомадан
Номенклатура - феҳраст, номгӯи
единая номенклатура - феҳрасти ягона
Номер - шумора, рақам
Норма - норма, мизом, қоида, расама, меъёр
Норматив - меъёр, маҳак

Нумерация - шуморагузорӣ

## О

Обеспечение - таъмин, пуштвона, тазмин
Обзор - тафсир, баррасӣ, шарҳ
Оборудование - таҷҳизот, лавозим, таҷҳиз
Образец - намуна
Образование - таҳсилот
Обследование - бозрасӣ, таҳқиқ, муоина
Объявление - эълон, эълом, иттилоия, огоҳӣ
Объявить - эълон кардан
Объяснение - тавзеҳ, тафсир
Обязанность - вазифа, вазоиф
Обязательство - тааҳҳуд, тааҳҳуднома, ӯҳдадорӣ
Однократный - якбор, якборӣ
Одобрить - тасдиц кардан, таъид кардан, тасвиб кардан
Оклад - дастмузд, маъош, моҳона
Опись - суратбардорӣ, сурат рӯйхат
Оплата - пардохт
Оппонент - мухолиф, муқарриз
Ордер - санад, ордер
Оригинал - нусхаи асл
Освещение - равшан кардан, рӯшноӣ додан; тафсир, ташреҳ
Освободить - озод кардан, сабукд.ш кардан
Основание - асос, поя, бунёдгузорӣ
Отдел - шӯъба, идора, рукн, бахш
Отделение - бахш, шӯъба
Отпуск - рухсатӣ
Отрасль - ришта, соҳа
Отставка - истеъфо, бознишастагӣ
Отстранение - барканорӣ, бартараф кардан
Отстраненный - барканоршуда, бартарафшуда
Отчество - номи падарӣ, номи падар

Отчет - ҳисобот, гузориш

Отчетный - ҳисоботӣ

Отчетность - гузоришдиҳӣ, муҳосибот, ҳисобдиҳӣ

Отъезд - ҳаракат, азимат

Официально - расман, ба таври расмӣ

Ошибка - иштибоҳ, хато, ғалат, саҳв

## П

Пакт - аҳднома, паймон

Папка - ҷузвдон

Параграф - банд

Паспорт - шиноснома

Пенсия - ҳаққи бознишастагӣ (нафақа)

Перевод - интиқол; тарҷума

Перечень - феҳраст, сурат

Печатание - чоп, табъ

Печать - мӯҳр; асар; чоп; матбуот

Писарь - котиб, муншӣ

Письменно - хаттӣ, ба таври навишта

Письмо - нома, мактуб

гарантийное письмо - номаи замонат, замонатнома, кафолатнома

письмо без почтовой марки - номаи бемарка

деловое письмо - номаи расмӣ (корӣ)

доплатное письмо - номаи изофапардохт

заказное письмо - номаи супоришӣ

недатированное письмо - номаи бетаърих

ответное письмо - номаи ҷавобӣ

открытое письмо - номаи саркушода

приветственное письмо - номаи табрик, табрикнома

Письмоносец - номарасон

План - барнома, нақша

Платёж - пардохт, пул, маблағ

Платёжный - пардохтӣ, пардохт
Платный - пулӣ
Пленарный - умумӣ
Пломба - мӯҳри сурбӣ, пломба
Плюрализм - чандгарой, плурализм
Поблажка - гузашт
Поведение - рафтор, равиш, ҳаракат
Поверенный - вакил, намоянда
Повестка - эҳзория. эёзорнома, даъватнома
Повестка дня - рӯзнома, дастури рӯз
Повестка в суд - даъватнома, эҳзорнома
Повседневный - рӯзмарра, ҳамарӯза
Повышение - афзоиш, боло бурдан, тақвият, такмил
Погашение - бозпардохт, ботилсозӣ
Подведение - натиҷагирӣ, ҷамъбандӣ
Подделка - қалбакӣ, сохта
Подписание - имзо
Подписанный - имзошуда
Подписать - имзо кардан
Подписать документ - имзо кардани санад
Подписка - обуна
Подписчик - обунашав
Подпись - имзо
Подразделение - ҷузв, қисмат, бахш. тақсимбандӣ
Подряд - паймонкорӣ
Подставка - поя
Подсчет - шумориш, баровард
Подчинение - тобеият
Подшивать - дӯхтан
Подшивка - дӯхтан, маҷмӯа, даста, баста
Положение - низомнома, муқаррарот, дастур; вазъ, мавқеъ
напряженность положения - шиддати вазъият
военное положенис - ҳолати (вазъи) низомӣ

чрезвычайное положение - ҳолати (вазъи) фавқулодда
Полугодие - нимсола, шашмоҳа
Получка - маош, моҳона, дастмузд
Помесячный - ҳармоҳа
Помощник - ёвар, дастёр
Понятие - мафҳум
Пополнение - такмил
Поправка - ислоҳ, беҳбудӣ, ислоҳия, пешниҳоди ислоҳ
Поручение - супориш
Поручительство - кафолат
Поручитель - кафил
Порядок - тартиб, назм
Порядочно - ботартиб
Послание - паём, пайғом
Посланник - фиристода
Посменный - ба навбат
Пособие - мададмаош, кӯмакхарҷӣ
Правила - қоида, расм, равиш
Правительство - давлат, ҳукумат
Предложение - пешниҳод
Предупреждение - огоҳӣ
Предприятие - муассиса
опытное предприятие - муассисаи таҷрибавӣ
Председатель - раис, садр
Предъявление - пешниҳод кардан, эълон кардан
Премирование - ҷоиза додан, подош додан, ҷоизадиҳӣ
Премия - ҷоиза, подош
Приглашение - даъват, даъватнома
Приём - пазириш, пазирой, қабул
Приказ - амр, фармон
Приложение - замима, пайваст
Примечание - тавзеҳот
Приписка - ёддошт, ҳисобсозӣ; изофанависӣ

Присутствие - ҳузур

Программа - барнома

Программирование - барномарезӣ

Проезд - рафтуомад, гузар

Проект - тарҳ, лоиҳа

Пропись - сармашқ

Просроченный - ақибафтода, мўҳлатрафта

Просьба - хоҳиш, дархост, тақозо

Протокол - суратмаҷлис, протокол

Протоколировать - суратмаҷлис кардан

Протокольный - ташрифотӣ, ташрифот

нанести протокольный визит - боздиди ташрифотӣ кардан

Профессия - ҳирфа, шуғл, касб

Публикация - интишор, нашр, огаҳӣ ,эълон

## Р

Работа - кор, фаъолият

канцелярская работа - кори дафтардорӣ, коргузорӣ

частная работа - кори хусусӣ

Работник - корманд

Работадатель - корфармо

Рабочий - коргар

Разговор - сўҳбат, гуфтугў, муколама

деловой разговор - сўҳбати корӣ

заказать телефонный разговор - фармоиши сўҳбати телефонӣ

Размещение - ҷойгузорӣ, ҷо ба ҷо кардан

размещение заказов - ҷойгузории супоришҳо (фармоишҳо)

размещение капиталов - ҷойгузории сармоя, сармоягузорӣ

размещение промышленности - ҷойгузории саноат

размножение документов - таксири санадҳо, нусхабардории санад

размножение текстов - таксири матнҳо, нусхабардории матн

Рапорт - гузориш

Расписание - ҷадвал

Расписаться - имзо кардан

Расписка - расид, забонхат

Распорядок - тартибот

Распоряжение - фармоиш

до особого распоряжения - то фармоиши махсус

отдавать распоряжение - фармоиш додан

письменное распоряжение - фармоиши хаттӣ

специальное распоряжение - фармоиши махсус

устное распоряжение - фармоиши даҳанӣ

Регистратура - сабтгоҳ, дафтари сабт, дафтари номнависӣ

Регистрация - сабт, номнависӣ

Регистрировать - сабт кардан, номнависӣ кардан

Регламент - тартиб, дастур

регламент выступлений - тартиби суханронӣ, муддати суханронӣ

Редактор - муҳаррир, дабир, веростор

Реклама - реклама, таблиғот

Рекомендация - муаррифӣ, тавсия; муаррифинома, тавсиянома

Рекомендовать - тавсия кардан, муаррифӣ кардан

Ректор - раис

Ректорат - раёсат

Рецензент - тақризнавис, муқарриз

Рецензия - тақриз

Руководитель - роҳбар, сарпараст

Руководить - роҳбарӣ кардан

Рукопись - дастнавис

Ручка - қалам

## С

Сведение - хабар, огоҳӣ, маълумот

Сведение - ахбор, маълумот

Свидетельство - шаҳодатнома, гувоҳнома
Сводка - гузориш, сурат
Свойство - хосият
Связь - робита, алоқа, мухобира
телефонная связь - алоқаи телефонӣ
Секретариат - котибот, дабирхона
Секретарь - котиб, дабир, муншӣ
Сектор - бахш, шӯъба
заведующий сектором - мудири шӯъба
государственный сектор - бахши давлатӣ
частный сектор - бахши хусусӣ
Система - тартиб, назм, систем, низом
система делопроизводства - тартиби коргузорӣ (дафтардорӣ)
Словарь - фарҳанг, луғат
Служба - хидмат, кор
Служебный - идорӣ
Собрание - ҷаласа, маҷлис
Собственник - молик, соҳиб
Собственность - моликият, дороӣ
Совещание - ҷаласа, машварат, мушовира
Соглашение - мувофиқат; мувофиқатнома
Согласовано - ҳамоҳангшуда, мувофиқшуда
Согласованность - ҳамоҳангӣ, мутобиқат
Содержание - нигаҳдорӣ; мазмун, муҳтаво
Сообщение - гузориш, хабар; иттилоия, пайғом
Сотрудник - корманд; ҳамкор
Сотрудничество - ҳамкорӣ
Специально - махсусан, қасдан
Список - феҳраст, номгӯи, рӯйхат
Справка - тасдиқнома, маълумот
Стол справок - маълумотхона
Справочное бюро - маълумотнома

Справка с места жительства - тасдиқномаи ҷои истиқомат

Срок - муддат, вақт, замон

Ставка - ҳисоб, нарх, мизон

Стенограмма - суратмаҷлиси тунднависишуда, тунднависӣ

Стол - миз, дафтар

Стаж - собиқаи корӣ

Стандарт - стандарт

Статья - мақола; модда

Страница - саҳифа

выходная страница - саҳифаи чопи

Схема - нақша, тарҳ

Счёт - ҳисоб, ч.т

расчётный счёт - ҳисобнома

Счётно-вычислительный - ҳисоббарӣ

Счётно-вычислительная машина - мошини ҳисобгарӣ

## Т

Табель - феҳраст

табель явки на работу - дафтари ҳозирғоиб

Текст - матн

Телеграмма - телегром, барқия

Телефонограмма - телефоногром, паёми телефонӣ

Тема - мавзӯъ

Требование - дархост

## У

Убыток - зарар, зиён, хисорат

возмещение убытка - ҷуброни зарар (хисорат)

Уведомление - огоҳӣ, огоҳинома

Увольнение - озод кардан, сабукдӯш кардан, ихроҷ, рухсат додан

Уволить - озод кардан, ҷавоб додан, сабукдӯш кардан

Удержание - нигоҳдорӣ, каср

Удостоверение - гувоҳинома

Удостоверить - тасдиқ кардан

Узаконение - қонунӣ кардан

Указ - фармон

Указание - дастур

Указатель - аломат; нишондиҳанда

Университет - донишгоҳ

государственный университет - донишгҳи давлатӣ

Уплата - пардохт

Уполномоченный - ваколатдор, намоянда, вакил

Управление - идора

Управляющий - мудир, раис

Условие - шарт, шароит

Услуга - хидмат

Утрата - талаф, талафот

Утвердить - тасдиқ кардан, тасвиб кардан

Утверждать - таъйин кардан, тасдиқ кардан

Утверждение - тасвиб, тасдиқ

Утвержденный - тасвибшуда, тасдиқшуда

Уточнить - тасҳеҳ кардан, ислоҳ кардан, аниқ кардан, тадқиқ кардан

Участвовать - ширкат кардан, иштирок доштан

участвовать в выборах - дар интихобот ширкат кардан

Учёт - ҳисобдорӣ, ҳисобрасӣ, оморгирӣ

Учредить - таъсис додан, ташкил кардан

Учреждение - муассиса, идора

государственное учреждение - муассисаи давлатӣ

## Ф

Факт - ҳақиқат, воқеият, далел, факт

Факультет - факултет

Филиал - шуъба

## Х

Характеристика - тавсифнома, муаррафинома

Ходатайство - дархост, тақозо

Хранение - нигаҳдорӣ, ҳифз

## Ш

Штамп - мӯҳр

## Э

Экзамен - имтиҳон

Энциклопедия - доиратулмаориф, фарҳангнома

## 2. Намунаи луғати соҳаи иқтисодӣ

1. Авуары - авуар, маблағ
2. Аккредитив - эътиборнома, аккредитив
3. Акционер - саҳмиядор
4. Акционерный - саҳомӣ
5. Акционерный капитал - сармояи саҳомдорӣ
6. Акция - саҳмия, саҳм
7. Аудит - санҷиш, аудит
8. Аудиторы - санҷишгарон
9. Аудиторская фирма - ширкати санҷишгарӣ
10. База - асос, поя
11. Баланс - тавозун, мувозинат
12. Балансивая прибыль - фоидаи тавозунӣ
13. Баланс материальный - мувозинаи моддӣ
14. Балансовый отчёт - ҳисоботи тавозунӣ
15. Банк - бонк
16. Банкир - бонкдор
17. Банкнота - пули қоғазӣ
18. Банковые операции - амалиёти бонкӣ
19. Банковский кредит - қарзи бонкӣ
20. Банковский контроль - назорати бонкӣ
21. Банкрот - варшикаст, муфлис
22. Банкротство - муфлисшавӣ
23. Бартер - табодули амвол, ивази мол
24. Бартерная торговля - мубодилаи амвол
25. Бизнес - соҳибкорӣ, бозаргонӣ
26. Валюта - пул, арз, асъор
27. Валютный - арзӣ

28. Валютный рынок - бозори пул
29. Валютные операции - амалиёти арзӣ
30. Валютнвые инветиции - сармоягузории арзӣ
31. Валютный кризис - бӯҳрони арзӣ
32. Гарант - кафил
33. Гарантийный - кафолатдиҳанда
34. Гарантийный срок - мӯҳлати кафолат
35. Деньги - пул, маблағ сармоя
36. Денежный доход - даромади пулӣ
37. Денежные сбережения - пасандозҳои пулӣ
38. Депозит - супурда, амонат
39. Депонент - амонатгузор
40. Долг - қарз
41. Долговое объязательсво - ӯҳдадории қарзӣ
42. Должник - қарздор
43. Инвестиция - сармоя
44. Инвестор - сармоядор
45. Иностранная валюта - арзи хориҷӣ
46. Капитал - сармоя
47. коммерсант - тоҷир
48. коммеция - тиҷорат
49. конкурент - рақиб

## 3. Намунаи луғати соҳаи барномасозӣ

1. Программирование активации - барномарезии фаъолият
2. Звуковая память - ҳофизи савти
3. Ада (язык программирования) - Ада (забони барноманависӣ)
4. Адаптер - василаи созгори
5. Выравнивание, ориентация - сафбандӣ, ба саф овардан
6. Буквенно-цифровой - алфа-ададӣ
7. Программист-аналитик - барноманавис-таҳлилгар
8. Оживление (изображение на экране дисплея) - тасвири мутаҳаррик
9. Потверждение приёма - посухи баргаштӣ
10. Пользоватся защитным программированием - истифода аз барномарезии ҳифозатшуда
11. Защитное программирование - барномарезии ҳифозатшуда
12. Против вируса - зиди вирус
13. Аппарат, прибор, устройство - дастгоҳ, асбоб, олот
14. Прикладная программа - барномаи корбурдӣ
15. Клавиши (со стрелками) - калидҳои чиҳатдор
16. Подключённый процессор - пардозандаи пайваста
17. Нажатая клавиша - калиди расидагӣ
18. Вспомогательное запоминающее устройство - анборai кумакӣ
19. Клавиша обратная перемещения - калиди ақиббар
20. Цвет фона - ранги пушти саҳна
21. Звук фона - садои пушти саҳна
22. Изъятие неверных результатов - пас кардани натоиҷи галат
23. Знак возврата - нависаи пасбар, нависаи баргашт
24. Ленточный принтер - чопгари наворӣ

25. Базовая строка - сатри мабнои, пояхат

26. Панель, рамка - тахта, коб

27. Лучевая запись - сабти партави, навиштори партавӣ

28. Звуковой сигнал - садо додан

29. Двусторонная печать, двунаправленная печать - чопи дуҷиҳата, чопи дусӯя

30. Двоичный элемент (ячейка) - силули дуӣ, рамзи дудуӣ

31. Двоичная система счисления - системаи ададии мабнои ду

32. Перезагрузка (системы) - баргашти ҳаёт

33. Бит - бит

34. Пробел, пропуск - ҷои (фосилаи) холи, нонавишта

35. Блок диаграммы - намудори куллӣ

36. Программа начальной загрузки - барномаи худроҳандозии ибтимоӣ

37. Буфер - миёнгир

38. Кнопка - тугма, дагма

39. Обход, блокировать - каноргузарӣ, масдуд сохтан

40. Байт, слог - байт, ҳиҷо

41. Кэш память - ҳофизаи ниҳон

42. Обучение с помощью компьютера - омӯзиш бо кӯмаки компютер

43. Калькулятор, вычислительная машина - мошини ҳисоб, ҳисобгар

44. Отмена - ботилӣ, насх

45. Карта, плата - корт

46. Носитель - ҳомил

47. Корпус, блок - паймона, ҷаъба

48. Строка символов - риштаи нависаҳо, сатри нависаҳо

49. Знак, символ, цифра, буква - нависа, аломат, нишона

# 4. Намунаи нави таҳияи луғати соҳаи нассоҷӣ

| Номгӯи матоъҳо | Ҷойи барориш | Таркиби нахӣ | Намуди зоҳирӣ | Намуди либос | Давра | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Алоча | Осиёи Марказӣ | пахта, шоҳӣ | раххои рангаи катакдор ва рах-рах нақши абр | ҷомаҳои сабуки мардона, шалвор ва куртаҳо, пироҳани занона, хилъат | 13-20 | Дар намудҳои гуногун: беқасаб, қаламӣ, хосагӣ, сусӣ, нимшоҳӣ ва ғайра. |
| Арзанҷ | Осиёи Марказӣ (Хоразм) | пахта | | | 9-12 | |
| Байрам | | пахта | | Либоси қимматбаҳои занона | 9-12 | |
| Батиси катак | Осиёи Марказӣ (Зарафшон, Хуҷанд) | пахта | Матоъ бо нақши катакӣ | куртаҳои занона, дастор | 19-20 | ҳалоят |
| Борикӣ | Осиёи Марказӣ (Дарвоз, Зарафшон) | пахта | | Руймол, дастор | 19-20 | дока |
| Ведарӣ | | пахта | Тобиши зардранг | Руймол, дастор | 9-12 | |
| Дока | | пахта | | | | Бо номи дигар борикӣ, хоса |
| Занданаҷӣ | Осиёи Марказӣ (Бухоро) | пахта | | | 13-19 | навъ карбос |
| Карбос | Осиёи Марказӣ | пахта | Ранги зардча ва сафед | Барои либос, астари курпа | РС-19 | гуногунӣ: занданаҷӣ, қоқӣ, малла, тир |

| Номгӯи матоъҳо | Ҷойи барориш | Таркиби нахӣ | Намуди зоҳирӣ | Намуди либос | Давра | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Куртачӣ | Осиёи Марказӣ (Дарвоз) | пахта | рахҳои мавҷнок | куртаҳои занона | 19-20 | |
| Қадак | Осиёи Марказӣ (Дарвоз, Қаротегин) | пахта | Кабуд ва осмонранг | | 15-19 | |
| Қоқӣ | Осиёи Марказӣ (Хуҷанд) | пахта | | | 19-20 | Намуд, карбос |
| Қутнӣ | | пахта, шоҳӣ | | | 16-17 | |
| Малла | Осиёи Марказӣ (Дарвоз, Хуҷанд) | Пахтаи зардранг | Заминранги ҳамвор ё рах-рах | Либоси пирона (хилъатҳо ва куртаҳои занона, куртаҳои мардона) | 16-20 | Намуд, карбос |
| Малмал | Осиёи Марказӣ (Бухоро, Самарқанд) | пахта | | | 16-18 | |
| Мисқолӣ | Ироқ | Пахтаи маҳиннах | Зардранги ҳамвор | Руймол ва дастор | 9-18 | докаи мисқолӣ |
| Сияҳканҷ | Осиёи Марказӣ (Дарвоз) | пахта | рахҳои дарозруяи сафеду сиёҳ | | 19-20 | |
| Солори булур | Осиёи Марказӣ (Хуҷанд) | пахта | Матои сафедранг | куртаҳои арусӣ | 20 | Бука «хрустальная» |
| Сурхканҷ | Осиёи Марказӣ (Дарвоз) | пахта | рахҳои дарозруяи сафеду сурх | куртаҳои занона | 19-20 | |
| Фута | Осиёи Марказӣ (Самарқанд ва Хуҷанд) | пахта, пахта (асос) +пашм, шоҳӣ | Матои ҳарир | Қисмҳои либос (миёнбанд, ҷома, рӯймол, сачоқ ва ғ.) | 9-20 | |

| Номгӯи матоъҳо | Ҷойи барориш | Таркиби нахӣ | Намуди зоҳирӣ | Намуди либос | Давра | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хим | | пахта | | Барои халта | 16-17 | |
| Хоса | Осиёи Марказӣ (Хисор, Дарвоз, Қаротегин, Зарафшон, Марғелон, Самарқанд, Хуҷанд) | пахта | | Руймол, ҷомаҳо | 16-20 | дока |
| Чит | Осиёи Марказӣ (Ҳисор), Ҳиндустон, Хитой. | пахта | Матоъи чит | Либоси занона кӯрпа | РС-20 | |
| Шатранҷӣ | Осиёи Марказӣ (Дарвоз) | пахта | | Хилъатҳои мардона | 19-20 | |
| Шашӣ | Осиёи Марказӣ (Дарвоз) | пахта | | Руймолҳои занона | 19-20 | |
| Ялангдаврон | Осиёи Марказӣ (Хуҷанд) | пахта | | Куртаҳои занона, хилъатҳои мардона, кӯрпа. | 19-20 | |

# ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ:


1. Асозода Х., Кабиров Ш., Анварӣ С. Забон ва адабиёти тоҷик. (Дастури таълимӣ). Душанбе: Маориф, 2005.
2. Асосҳои коргузорӣ. Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2002.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. қ. 1 ва 2, Душанбе, 1977.
4. Дастур ва маҷмуи машқҳо оид ба омӯзиши имлои забони тоҷикӣ. (Дастури таълимӣ) Душанбе: Ирфон, 2003.
5. Дастур ва маҷмуи машқҳо оид ба омӯзиши аломатҳои китобат. (Дастури таълимӣ) Душанбе: Ирфон, 2004.
6. Ёрзод Ҳасан. Дастури санаднигорӣ. Душанбе. Интишороти Ҷамъияти "Китоб"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2000.
7. Назарзода С. Фарҳанги истилоҳоти коргузорӣ. Душанбе: Маориф, 1994.
8. Имлои забони тоҷикӣ. Душанбе, 1998.
9. КаримовА., Обидов У. Аломатҳои китобатӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе: Маориф, !986.
10. Каримов У., Абдулазизова Б. Забони тоҷикӣ. (Дастури таълимӣ) Қисми I. Душанбе: Маориф, 2003.
11. Каримов У., Абдулазизова Б. Забони тоҷикӣ. (Дастури таълимӣ) Қисми II. Душанбе: Маориф, 2004.
12. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I-II. Душанбе: Ирфон, 1986.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. ҷ. 1 ва 2. Москва, 1969.
14. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. Қисми I-II, Душанбе: Ирфон 1971.
15. Хокироев Р. Кори мустақилонаи донишҷӯён. Душанбе, 2004.
16. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. Душанбе: Ирфон, 2005.
17. Х. Ҳусейнов. Қоидаҳои асосии истеъмоли аломатҳои китобӣ дар забони тоҷик. Душанбе, 1966.
18. Ҳидоятов Н., Азизов Б.С. Санадҳо ва луғати коргузорӣ. Турсунзода, 2005

# МУНДАРИЧА

| | |
|---|---|
| Сарсухан | 3 |
| Аз мураттибон | 6 |
| Дарси 1. Ариза | 8 |
| Дарси 2. Ваколатнома, забонхат | 14 |
| Дарси 3. Тасдиқнома, тавсифнома | 21 |
| Дарси 4. Гузоришнома | 28 |
| Дарси 5. Дархост, тавзеҳнома | 34 |
| Дарси 6. Шарҳи ҳол | 39 |
| Дарси 7. Фармон, амр | 44 |
| Дарси 8. Номаҳои расмӣ | 50 |
| Дарси 9. Суратмаҷлис, қарори маҷлис | 55 |
| Дарси 10. Қарордод | 61 |
| Дарси 11. Таъйиднома | 69 |
| Дарси 12. Кафолатнома | 74 |
| Дарси 13. Муаррифинома, сафария | 80 |
| Дарси 14. Барқия, телефоннигошт | 85 |
| Дарси 15. Даъватнома, эълон | 90 |
| Дарси 16. Мактубҳои хизматӣ | 95 |
| Дарси 17. Дафтарчаи кор | 101 |
| Замима | 107 |

Одинаев Н., Олимова П., Турсунова М., Нурова К.

# ҲУҶҶАТНИГОРӢ

(Дастури таълимӣ оид ба омӯзиши ҳуҷҷатҳои расмӣ)

Муҳаррири ороиш А.Исоев

Муҳаррири техникӣ Я.Бекназаров

Ҳуруфчини компютер Д. Солиев

БИ-№ 3342

Ба матбаа 20.09.2007 супорида шуд. Ба чоп 22.09.2007 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 9.
Адади нашр 600.
Супориши №1514.